**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ, ФАН ВА ИННОВАТСИЯҲОИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПЕДАГОГИИ ЧИРЧИҚ**

**ҲИКМАТОВ ҲИКМАТ СУЛТОНОВИЧ**



# ДАР ЧОРСӮИ ИЛМ ВА ЭҶОД

***Рисолаи илмӣ-оммавӣ ба муносибати 85-солагии донишманд, адиб ва тарҷумон, устод Аслиддин Қамарзода – Асилзодаи Самарқандӣ***

ТОШКАНД – 2025
“FIRDAVS-SHOH NASHRIYOTI”

УЎК 811.512.1
КБК 84.5(5 Тож)
Ҳ 47

Бо қарори Шӯрои илмӣ-услубии Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ аз 4 декабри соли 2024 ба нашр тавсия шудааст.

Муҳаррири масъул:
**Хусрав Саъдуллоҳ**
*доктори фалсафа оид ба илмҳои филология (PhD).*

Тақриздиҳандагон:
**Малик Кабиров**
*дотсенти кафедраи "Адабиётшиносии ӯзбек"-и Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ, н.ф.ф;*

**Ҷамшед Ҷумъақулов**
*устоди кафедраи "Филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқ"-и Донишгоҳи давлатии Термиз, н.ф.ф;*

**Ҳикматов, Ҳикмат.**

Дар чорсӯи илм ва эҷод. [Матн]: Рисола дар бораи фаъолияти илмӣ ва эҷодии профессор А. Қамарзода / Ҳ.С.Ҳикматов. – Тошканд.: "Firdavs-Shoh nashriyoti", 2025. – 182 саҳ.

Номи профессори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд, Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон, узви иттифоқҳои нависандагони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон, академики Академияи фанҳои Тӯрон, Ифтихории меҳнат – олими адабиётшинос, адиб, публисист, тарҷумон ва ташкилотчии корҳои иҷтимоӣ Аслиддин Қамарзода аз соли 1957 ин ҷониб тавассути осори илмӣ, адабӣ, публисистӣ ва тарҷумаҳояш, ки дар китоб, матбуот, радио, телевизион ва шабакаҳои интернет ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ дар Ӯзбекистон ва хориҷи кишвар нашр мешаванд, ба хонандагон ошно аст.

Дар ин китоб сухан дар бораи ҳаёт ва паҳлӯҳои эҷодиёти гуногунсоҳаи илмиву адабии Аслиддин Қамарзода меравад.

Китоб барои донишҷӯён, ходимони илмӣ, муҳаққиқон, китобдорон ва оммаи васеи китобхонҳо пешбинӣ шудааст.

ISBN 978-9910-670-48-0

©Ҳ.Ҳикматов, 2025
©"Firdavs-Shoh nashriyoti", 2025

# АЗ МАКТАБИ ДЕҲА ТО КУРСИИ ДОНИШГОҲ

*Илмат ба амал чу ёр гардад,*
*Қадри ту яке ҳазор гардад.*
***Бадриддин Ҳилолӣ.***

Фарзанди кишоварзи асил ва марди хушсаводу шефтаи фарҳангу адабиёти ғании Шарқ Аслиддин Қамарзода 26-уми январи соли 1941 дар деҳаи Шалғамони ноҳияи Самарқанд дида ба олами ҳастӣ кушода, аз хурдсолӣ дар байни китобҳои адибони мумтоз – шеъру достонҳои Рӯдакию Фирдавсӣ, Хайёму Аттор, Саъдию Ҳофиз, Ҷомиву Навоӣ, Бедилу Машраб, ки падараш Қамар Махдуми Самарқандӣ онҳоро қироат мекард, инчунин афсонапардозиҳои модараш Латофатбону, ки гӯяндаи моҳири асарҳои шифоҳии халқӣ буд, тарбия гирифт.[1]

Падар ҳамеша дуо мекард, ки олиму доно шавад ва ин дуои қиблагоҳи хонадон мустаҷоб гашта, ӯ ба дараҷаи донишманди обрӯманд расид. Ин аст, ки худи ӯ низ байти фавқуззикри Ҳилолиро дар қатори панду андарзҳо аз ашъори Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Навоӣ ва дигар бузургон, дурдонаҳои бебаҳои халқӣ истифода мебарад ва ба онҳо амал мекунад.

Падар - Қамариддин Раҷабов соли 1892 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Муллозода буда, бо номи Қамар Махдуми Самарқандӣ маъруф буд. Саводи кӯҳнаву нав дошт. Вай аз аввал то поёни умр (соли 1977) дар деҳаи Шалғамони ноҳияи Самарқанд зиндагӣ карда, чандин сол ҷонишини раиси хоҷагии ҷамоавӣ доир ба тиҷорат буд. Бо савдо ва кишоварзӣ машғул шуда, бисёр суруду рубоӣ, зарбулмасалу мақол медонист ва онҳоро бамаврид кор мебурд. Китобдӯст буд ва китобҳои нодирро ҷамъ мекард. Ҳамин пешаро фарзандонаш низ аз вай омӯхтаанд. Аслиддин самимияту садоқати худро нисбат ба падар дар ин мухаммас баён кардааст:

---

[1] Бинобар дар шашсолагӣ ба синфи якуми мактаби миёна рафта, онро як сол пеш хатм карданаш дар вақти номаи камол ва шиноснома (паспорт) гирифтан дар ҳуҷҷатҳо июни соли 1940 сабт шудааст.

# ЭЙ ПАДАР
***(Ба хотири қиблагоҳи бузургам Қамар Махдуми Самарқандӣ)***

Аввалин устоду ҳам тоҷи сарам будед, падар,
Дар мақоми зиндагонӣ афсарам будед, падар,
Давлати пояндаю нахли тарам будед, падар,
Дар дӯкони комронӣ гавҳарам будед, падар,
Бо ғурури хештан файзи дарам будед, падар.

Меҳнату эҷодро омӯхтам аз кори шумо,
Нури дилро ёфтам аз дидаи бедори шумо,
Пораи нонам ба каф омад зи ҳар пайкори шумо,
Ҷони ман дар лавҳи сина ҳаст миннатдорӣ шумо,
Ҳодию мушкилкушоию раҳбарам будед, падар.

Мондаед аз худ нишон панду андарзи зиёд,
Доштед ҳамчу Ҳотам дар ҷаҳон дасти кушод,
Кардед бар мардуми олам ҳамеша эътиқод,
Номи шумо то ҷаҳон бошад ба мо поянда бод,
Ганҷи беҳамтою ҳам кони зарам будед, падар.

Аз шумо омӯхтам ман роҳу равиши зиндагӣ,
Дарсҳо аз Қуръону ҳам қоидаҳои бандагӣ,
Бо пасту баландиҳои ҳаёт будан созандагӣ,
Меҳнату айшу нишоту хуррамироояндагӣ.
Дар тадрису таълим устодам будед, падар.

*Самарқанд, 20-уми ноябри соли 2007.*

Қамар Махдум аз шоирони мумтоз Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Навоӣ, Ҳилолӣ, Бедилро бештар мехонд. Бо дӯстонаш Қуръонхонӣ, Маснавихонӣ, Шоҳномахонӣ карда, дар муҳокимаи ҳадисҳои “Саҳеҳи Бухороӣ” аз “Ғиёс-ул-луғот” маъноҷӯӣ мекардааст. Бо

Туғрал дӯстӣ дошт ва шеърҳои ӯро қироат карда, “охирин шоири мумтози тоҷик Туғрали Аҳрорӣ буд” мегуфт. Гоҳо худ низ байт ва рубоиёти пурмазмуну дилнишини панду насиҳатиро рӯйи коғаз меовард.

Ин байт аз ӯст:
Дилтанг мабош, ки дилкушои ту манам,
Ғамгин набош, ки ғамбарори ту манам.

Ӯ китобдӯст буда, китобхонаи бой доштааст. Лекин солҳои истинтоқ аз ҷабри замона ду ароба китобашро дар қабристон мегӯронад ва то поёни умр барои он китобҳо таассуф хӯрдааст.

Модар - Латофат Шокирова соли 1900 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Саводи кӯҳнаву нав дошт. Аз солҳои 30-юм то поёни умр (соли 1967) бо ҳамсараш Қамар Махдуми Самарқандӣ дар деҳаи Шалғамони ноҳияи Самарқанд умр ба сар бурдааст. Бо ҳунармандӣ ва кишоварзӣ машғул буд. Тарона, рубоиёт ва сурудҳои халқӣ, афсона, чистон, зарбулмасал ва мақолҳои зиёдеро медонист ва дар мавридаш мегуфт. Аз Ҳофиз, Навоӣ, Бедил, Машраб, Туғрал бисёр шеърҳоро аз бар карда буд ва ба бачаҳояш хонда маънидод менамуд. Дар ҳошияи сӯзинаҳо шеъру мақолҳоро кашидадӯзӣ мекард. Дар радифи ин, шеърҳо байту таронаҳо мегуфт. Устоди нахустини фарзандон, аз ҷумла Аслиддин буд, ки мавсуф ин шеърро дар тавсифи модар гуфтааст:

## АЗ ШУМО ОМӮХТАМ

***(Мухаммас ба хотири модари меҳрубонам Латофатбону)***

Лафзи ширини дариро аз шумо омӯхтам,
Ин ҳама одамгариро аз шумо омӯхтам,
Қиссаи деву париро аз шумо омӯхтам,
Аз сурайё то сариро аз шумо омӯхтам,
Дар каломам заргариро аз шумо омӯхтам.

Шири шумо ширинтар буд аз ҳар ғизо,
Алла гуфтанҳои шумо хуштар аз наво,
Меҳри шумо дар қалбам бигрифта ҷо,

Тақвою ибодат кардан бар роҳи Худо,
Ҳадиси Мустафоро ман аз шумо омӯхтам.

Сабр кардан дар балою шукр гуфтан дар қазо,
Баҳри дарди дигарон ҷустан дар ин олам даво,
Бо муҳаббат рӯзгори халқ кардан пурсафо,
Даст шустан аз ҷафову сахткӯшӣ дар вафо,
Дар замона хушфариро ман аз шумо омӯхтам.

Оқила будеду донишманд, фарди кордон,
Доштед табъи равону будед ширинзабон,
Доштед аз фарзандони хеш уммеди калон,
Умратон будаст кӯтоҳ, зуд рафтед аз ҷаҳон,
Худшиносӣ, худгариро ман аз шумо омӯхтам.

*Самарқанд, 1-уми январи соли 2009.*

Аслиддин Қамарзода 1-уми сентябри соли 1947 ба синфи якуми мактаби миёнаи рақами 21-и ноҳияи Самарқанд рафта, моҳи июли соли 1957 онро хатм кардааст. Ӯ солҳои 1958-1963 дар бахши шабонаи факултети филологияи ӯзбек ва тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ таҳсил намуда, дар айни замон солҳои 1958-1961 дар нашриёти Донишгоҳи давлатии Самарқанд чун ҳуруфчини матбаа, мусаҳҳеҳ ва аз августи соли 1961 то сентябри соли 1963 дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба ҳайси лаборант, мудири кабинет кор кардааст. Моҳи июли соли 1963 донишгоҳро хатм намуда, аз сентябри соли 1963 то сентябри соли 2017 ассистент, муаллим, муаллими калон, дотсент, профессори кафедраҳои “Забон ва адабиёти тоҷик”, “Адабиёти халқҳои СССР ва назарияи адабиёт”-и Донишгоҳи давлатии Самарқанд шуда кор кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2023 профессори Маркази забон ва фарҳанги миллии Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд мебошад.

Аслиддин Қамарзода аз моҳи апрели соли 1963 то моҳи августи соли 1965 дар асоси ҷамоатӣ ба ҳайси муҳаррири гуфторҳои тоҷикии радиои вилоятии Самарқанд ва аз моҳи июни соли 1992 то

моҳи июли соли 1999 дар вазифаи Сармуҳаррири барномаҳои тоҷикии телевизиони Самарқанд фаъолият бурдааст.

Дар овони донишҷӯӣ дарсҳои пурмазмуни дотсентон Талъат Абдуҷабборов аз "Назарияи адабиёт", Раҳим Муқимов аз "Адабиёти халқҳои сермиллати Иттиҳоди Шӯравӣ", маърӯзаҳои академики Академияи Фанҳои Тоҷикистон Абдулғанӣ Мирзоев, ки бо даъвати ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, академики Академияи Фанҳои Ӯзбекистон, аллома Воҳид Абдуллои Самарқандӣ барои хондани маърӯзаҳои махсус аз таърихи адабиёти тоҷик ба Самарқанд омада буд, машғулотҳои пурмазмуни устодон Раҳмон Эгамбердиев, Мирсафо Атоев, Самариддин Аслиддинов, дарсҳои олими ҷавон Юсуфҷон Пӯлодов, ки аз "Таърихи адабиёти ҷаҳон" дарс мегуфт, сабақҳои оиди шеъру адаб, ки роҳбари маҳфили эҷодкорони ҷавон, узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ва раиси бахши самарқандии он, шоири зуллисонайн Мардонқул Муҳаммадқулов ба аҳли маҳфил меомӯзонд, барои ташаккули дониши Аслиддин Қамарзода дар илми адабиётшиносӣ, эҷоди асарҳои бадеӣ, хештаншиносӣ, маърифатпарварӣ ва тарҷумонӣ мақоми арзанда бозидаанд.

Аслиддин Қамарзода ҳамчун пажӯҳишгари осори адибони машриқзамин соли 1984 ба узвияти Ассотсиатсияи умумииттифоқии шарқшиносон, ҳамчун адиб ва тарҷумони дузабона соли 2004 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва соли 2022 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, ҳамчун журналисти соҳибқалам ва ботаҷриба соли 1992 ба узвияти Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон пазируфта шудааст.

Ӯ барои хидматҳояш дар тарғиби робитаҳои адабӣ ва фарҳангӣ соли 1992 бо Фармони Президенти Ӯзбекистон бо унвони итфихории "Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон" ва ба шарафи солонаи Истиқлоли Ӯзбекистон бо нишони сарисинагии "Мустақиллик" сарфароз гардидааст. Инчунин, моҳи феврали соли 1984 бо медали "Собиқадори меҳнат" ("Ветеран труда") ва моҳи марти соли соли 2018 бо нишони "Меҳнат фахрийси", инчунин бо як қатор Ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст.

Аслиддин Қамарзода ҳамчун намояндаи пешқадами ҷамъиятӣ ва инсони ташкилотчӣ дар бисёр корҳои ҷамоатӣ фаъол иштирок

намудааст. Аз ҷумла, солҳои 1970-1992 дар асоси ҷамоатӣ дар вазифаҳои Раиси бахши тарғиби адабиёт, санъат ва донишҳои педагогии ташкилоти вилоятии ҷамъияти “Дониш”, солҳои 1989-1991 – раиси Ҷамъияти фарҳангӣ-иҷтимоии тоҷикон “Самарқанд”, аз соли 1989 узв ва аз апрели соли 2001 то соли 2015 – раиси Шӯрои илмӣ-услубии Маркази таълими Ҷумҳурӣ фаъолият намудааст.

Аслиддин Қамарзода аз овони донишҷӯӣ қобилияти хуби илмӣ доштани худро нишон дода, дар саҳифаҳои матбуот ва маҷмӯаҳои илмӣ мақолаҳо нашр мекунад ва муддате дар шӯъбаи ғоибонаи аспирантура таҳсил намуда, соли 1970 таҳти роҳбарии олими адабиётшинос Раҳим Муқимов дар мавзӯи “Жанри қиссаи тарҷумаиҳолӣ дар адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон” рисолаи илмӣ менависад ва дар Шӯрои илмии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илми филология ва унвони илмии дотсент мешавад.

Фаъолияти эҷодии Аслиддин Қамарзода, ки дар баъзе асарҳояш Асилзодаи Самарқандӣ тахаллус интихоб намудааст, аз овони донишҷӯӣ оғоз ёфта, нахустин ҳикояҳои ӯ солҳои 50-уми асри XX дар рӯзнома ва маҷаллаҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон нашр шудааст.

Минбаъд вай мунтазам бо корҳои илмӣ ва эҷодӣ машғул шуда, оиди пайванди адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон рисолаи номзадӣ ҳимоя намуд. Баъдан доир ба соҳаҳои гуногуни адабиёти мумтозу муосир, ваҳдати адабиётҳои миллӣ дар маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ беш аз 800 номгӯй мақолаҳои илмии ӯ нашр шуданд. Рисолаҳои “Взаимосвязь литератур народов Средней Азии и Казахстана” (“Ваҳдати адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон” (1987), “Мақоми санъат дар ташаккули эстетикии шахс” (1987), “Замон билан ҳамнафас” (“Ҳамнафаси замон”, 1988) ва ғайраи ӯ дар нашриётҳои Тошканд ба дасти чоп расидаанд

Дар ин рисолаҳо муносибатҳои адабӣ ва ҳамкории пурсамари халқҳои сарзамини Осиёи Миёна ва Қазоқистон, махсусан робитаҳои халқҳои тоҷику ӯзбек таҳлилу тадқиқ шудааст. Муаллиф зимни омӯзиши асарҳои ҷудогонаи адибони маъруфи халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон – диққату эътибори хонандаро ба масъалаҳои шавқангез, аз қабили анъанаю навоварӣ, ваҳдати

миллӣ, таъсири мутақобила ва аз ин ҳисоб бой гардидани адабиёти миллатҳо ва халқҳо ҷалб менамояд. Дар фаъолияти минбаъдаи илмӣ-пажӯҳишии Аслиддин Қамарзода низ масъалаи робитаҳои адабӣ дар маркази диққат қарор гирифтаанд.

## ПАЖӮҲИШГАРИ РАВОБИТИ АДАБӢ

“Тадқиқоти Аслиддин Қамарзода оиди ҳамбастагии адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон ба парваридани боғи сердарахт монанд аст. Агар дар боғ ҳамчун туту сафедор ва ноку зардолу, беду гелос барин дарахтони гуногун парвариш ёфта, самарашон гуногун бошад ҳам, ҳамаи онҳо аз як замин ғизо мегиранд ва обашон низ як аст. Боғбон хислатҳои ҳар як дарахти боғашро хуб донista, ба парваришашон мекӯшад, то онҳо самари хуб диҳанд. Аслиддин Қамарзода низ дар китоби худ баробари муайян намудани хислатҳои ҷудогонаи адабиёти халқҳои бо ҳам ҳамсоя, аз як обу ҳаво нафас гирифта ва дар як сарзамин, дар як шароити таърихӣ умр ба сар бурдани нависандагон бунёд гардидани онҳоро хеле возеҳу равшан маънидод кардааст, ки ин корест басо савоб барои ваҳдати адабиётҳои миллӣ…”

***Сотим Улуғзода, Нависандаи халқии Тоҷикистон***

*Душанбе. 7-уми январи соли 1988.*

Олими адабиётшинос ва мунаққид, нависанда ва таблиғгари хушсалиқаи комёбиҳои илму фарҳанг, рӯзноманигори ҳозирҷавоб ва ташкилотчии моҳир, устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, узви иттифоқҳои нависандагони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон, Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон, раиси Шӯрои илмӣ-услубии таълими забон ва адабиёти тоҷики Маркази таълими Ҷумҳурӣ, узви Ассотсиатсияи байналхалқии ховаршиносон, академики Академияи фанҳои Тӯрон Аслиддин Қамарзода мутахаллис ба Асилзодаи Самарқандиро дар Ӯзбекистону Тоҷикистон ҳамчун олими адабиётшинос, адиб, тарҷумон ва журналист хуб мешиносанд. Ӯро инчунин дар Русияву Эрон, ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва як қатор мамлакатҳои дигар низ ҳамчун муҳаққике, ки бо адабиёти халқҳои гуногуни олам сару кор дорад, бо фаъолияташ ба мустаҳкам шудани робитаҳои адабиву

фарҳангӣ мусоидат мекунад, медонанд ва эҳтиром менамоянд. Зеро ӯ бо фаъолияти илмиву эҷодии худ – китобу мақолаҳои пурарзишаш, ки дар нашрияҳои ватаниву хориҷӣ чоп шудаанд, бо иштироки худ дар анҷуманҳои бонуфузи байналхалқӣ чун фарди бузурги миллат, фидоии фарҳангу адабиёт дар байни аҳли илму адаб шӯҳратёр гардидааст.

Нахустин мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои Аслиддин Қамарзода дар анҷуманҳо ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна оғоз гардида, фаъолияти илмӣ ва эҷодии ӯ аз овони донишҷӯӣ вусъат меёбанд.

Ӯ соли 1962 дар анҷумани илмии донишҷӯёни донишгоҳ дар мавзӯи ҳамон вақтҳо хеле долузарби адабиёт – "Симоҳои мусбат дар очеркҳои адибони тоҷик" баромад карда, қобилияти пажӯҳишӣ ва воизии худро нишон дода буд.

Нахустин ҳикоя ва мақолаҳои илмии ӯ аз солҳои 50-уми асри XX дар рӯзномаву маҷаллаҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон нашр шуда, номи ӯ дар қатори истеъдодҳои умедбахш дар рӯзномаҳои ҷавонони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон зикр гардидаанд.

Муҳаққиқ ва омӯзгори ҷавон минбаъд бо тадриси таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти шифоҳии халқ, назарияи адабиёт, адабиёти бачагонаи тоҷик машғул шуд. Инчунин ба робита ва ваҳдати адабиётҳои миллӣ, асосҳои рӯзноманигорӣ таваҷҷӯҳ кард. Беш аз 50 сол дар донишгоҳ аз фанҳои "Эҷодиёти даҳонакии халқ", "Таърихи адабиёти ҷаҳон", "Ҷараёнҳои адабии муосир", "Робитаҳои адабӣ", "Асосҳои рӯзноманигорӣ", "Адабиёти халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ" дарс дода, доир ба ҳамин соҳа курси назариявии аспирантураро гузашт ва соли 1970 таҳти роҳбарии Арбоби шоистаи илми Ӯзбекистон, донишманди адабиёт, нависанда ва мутарҷим Раҳим Муқимов дар мавзӯи "Жанри қиссаи тарҷумаиҳолӣ дар адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон" рисолаи номзадиро ҳимоя кард. Муҳаққиқ тавассути ин рисола дар мисоли жанри насри бадеӣ - қиссаи тарҷумаиҳолӣ ҳамбастагӣ ва ваҳдати адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистонро муайян, доир ба таъсири "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ дар офаридани асарҳои тарҷумаиҳолӣ ба адибони тоҷик – Сотим Улуғзода ва Ҳасан Ирфон, нависандагони ӯзбек – Абдулло Қаҳҳор ва Ойбек, адибони қазоқ – Собит Муқанов ва қирғиз – Муқай Элебоев мулоҳизаҳои ҷолиби

баён кардааст. Ба ин тадқиқоти пурарзиши олими ҷавон донишмандони ватаниву хориҷӣ – И. С. Брагинский, А. Болдирев, И. Габдиров, М. Шукуров, Р. Ҳодизода, Б. Валихоҷаев, Л. Қаюмов, Ш. Шукуров, Иржи Бечка, адибони маъруф Сотим Улуғзода, Собит Муқанов ва дигарон баҳои баланд додаанд.

Дар рисолаи ӯ муносибатҳои адабӣ ва ҳамкории пурсамари халқҳои сарзамини Осиёи Миёна ва Қазоқистон, махсусан халқҳои тоҷику ӯзбек таҳлилу таҳқиқ шудааст. Муаллиф зимни омӯзиши асарҳои ҷудогонаи адибони маъруфи халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон – Садриддин Айнӣ, Мухтор Авезов, Ойбек, Бердӣ Карбобоев, Собит Муқанов, Абдулло Қаҳҳор, Сотим Улуғзода, Ҳасан Ирфон, Назир Сафаров, Ҷӯлмирзо Оймирзоев, Муқай Элебоев ва дигарон диққату эътибори хонандаро ба масъалаҳои шавқангез, аз қабили анъанаю навоварӣ, ваҳдати миллӣ, таъсири мутақобила ва аз ин ҳисоб ғанисозии адабиёти миллату халқҳо ҷалб менамояд.

Дар бораи ин паҳлӯи тадқиқоти илмии ӯ аз ҷониби олимон ва адибон фикрҳои ҷолиб баён шудааст. Аз ҷумла, олими адабиётшинос, адиб ва тарҷумон, Арбоби шоистаи илми Ӯзбекистон Раҳим Муқимов чунин навиштааст: “Аслиддин Қамарзода қардош халқлар адабиётининг ӯзаро таъсири ва ҳамкорлиги, адабиётнинг долзарб муаммолари ҳақида тӯғри илмий хулосалар чиқара оладиган, замон билан ҳамнафас юрадиган истеъдодли адабиётшунос олимдир…”.

Аслиддин Қамарзода минбаъд низ баробари фаъолияти омӯзгорӣ дар донишгоҳ, бо тадқиқ ва интишори асарҳои илмӣ машғул шуда, то имрӯз беш аз 80 номгӯй рисола ва китобҳои илмию дарсӣ, қариб 800 номгӯй мақолаҳои илмию оммавӣ ва услубиро оид ба масъалаҳои робитаҳои адабии халқҳои гуногуни олам, мавқеи адибони ҷудогона дар адабиёт, мақоми адабиёти бадеӣ барои ташаккули тафаккури инсони комил ва масъалаҳои дигари адабиётшиносӣ чоп кардааст.

Дар бораи муносибати адабиёти Шарқу Ғарб, таъсири мутақобилаи адабиётҳои миллӣ, мавқеи Садриддин Айнӣ дар адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон, таъсири файзбори Чингиз Айтматов, Абдулло Қаҳҳор, Ғафур Ғулом, Ойбек ба адабиёти тоҷик сухан ронда, перомуни робитаҳои адабии тоҷик бо

халқҳои ҳамсоя мулоҳизаҳои амиқи илмиро ба миён гузоштааст. Ҳамин масъала дар китоби “Робитаҳои адабии халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон”, ки тавассути нашриёти “Ўқитувчи" бо забони русӣ соли 1987 дар Тошканд ба дасти чоп расидааст, дар маркази диққати муҳаққиқ қарор гирифтааст. Дар китобҳои дигари худ аз қабили “Мақоми санъат дар ташаккули маънавии шахс” (Тошканд, 1988) “Ҳамнафаси замон” (Тошканд, 1989), маҷмӯаи мақолаҳои “Бӯстони маърифат” (Тошканд, 2012) низ афкори рангини олими адабиётшинос роҷеъ ба адабиёти халқҳои гуногун ифодаи худро ёфтаанд.

Асарҳои илмӣ ва бадеии Аслиддин Қамарзода дар рӯзномаву моҳнома, маҷмӯаҳои ҷудогонаи Ўзбекистон ва Тоҷикистон, инчунин Русия, Олмон, Эрон, Чехия, ИМА нашр гардидаанд. Дар як қатор анҷуманҳои байналхалқӣ иштирок намуда, доир ба мушкилоти муҳимми илми адабиёт баромад кардааст.

Аслиддин Қамарзода минбаъд ҳам пажӯҳишоти худро роҷеъ ба пайвандҳои адабӣ дар адабиёти халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, бахусус робита ва ҳамбастагии адабиёти тоҷик ва ӯзбек мунтазам давом дода, дар анҷуманҳои бонуфузи байналхалқӣ маърӯзаҳо ва як қатор рисолаву мақолаҳои илмӣ нашр кард.

Аз ҷумла “Аҳмади Дониш дар талқини Садриддин Айнӣ” (“Ҷашнномаи Айнӣ”. Масъалаҳои филология ва робитаи адабӣ. Нашри ДДС, Самарқанд, 1978), “Мулоҳизаҳо оид ба назарияи повести тарҷумаиҳолӣ” (“Армуғон". Маҷмӯаи асарҳои илмии аъзоёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, серияи нав № 185. Нашри ДДС, 1970), “Мақоми “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ дар инкишофи повести тарҷумаиҳолии адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон” (“Ҷашнномаи Айнӣ”, ҷилди IV, Нашриёти “Дониш” Душанбе, 1971), “Дар кулбаи косибон” – романи тарҷумаиҳолӣ” (“Баъзе масъалаҳои филологияи тоҷик”. Маҷмӯаи асарҳои илмии аъзоёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, серияи нав № 216, Самарқанд, 1971), “Мулоҳизаҳо дар бораи назарияи жанри романи таърихӣ” (Масъалаҳои робита ва таъсири байниҳамдигарии забон ва адабиёти халқҳои СССР – Маҷмӯаи асарҳои илмии аъзоёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, серияи нав № 289. Нашри ДДС 1976), “Маҳорати бадеии нависандагон дар нигоришоти воқеаҳои

таърихӣ (дар асоси асарҳои тарҷумаиҳолӣ)” (“Масъалаҳои робитаи адабӣ”, Нашри ДДС, 1981) ва ғайраҳо мебошанд.

Равобити адабӣ минбаъд ҳам чун яке аз мавзӯъҳои асосии пажӯҳишоти илмӣ ва публисистии Аслиддин Қамарзода қарор ёфта, онҳо дар мақолаҳои илмии китобу маҷмӯаҳо, маводи анҷуманҳои илмӣ ҳамчун маърӯза ва гузоришоти илмӣ баррасӣ ва нашр шудаанд.

Равобит ва ҳамбастагии адабиёти тоҷик ва ӯзбек аз замони Ҷомӣ ва Навоӣ то ибтидои асри ХХ – адабиёти маорифпарварӣ, адабиёти даврони шӯравӣ ва замони Истиқлол аз мавзӯъҳои асосии пажӯҳишоти илмӣ ва баромадҳои публисистии устод Аслиддин Қамарзода ба шумор меравper. Ин маънӣ дар бисёр мақолаҳои илмии ӯ ҳамчун “Ҳамоҳангии адабиёти маорифпарварии Осиёи Марказӣ (журнали "Хӯҷанд", № 1, январи соли 2003), “Муносибати Тошхӯҷа Асирӣ бо маорифпарварони Самарқанд”, (Масъалаҳои муҳими забон ва адабиёти тоҷик. Маҷмӯаи мақолаҳо, Самарқанд, 2009) ва ғайра равшан ба назар мерасанд. Дар ин мақолаҳо муаллиф муносибати эҷодии шоири маорифпарвари охири асри XIX Тошхӯҷа Асирии Хӯҷандиро бо маорифпарварони Самарқанд Васлӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Сипандӣ, Гулханӣ ва дигарон нишон додааст.

Доираи мавзӯъҳои илмӣ-тадқиқотии Аслиддин Қамарзода хеле васеъ буда, робитаҳои адабӣ, ваҳдати адабиётҳои миллӣ, устод Айнӣ ва адибони муосири тоҷик, ҳаёт ва эҷодиёти адибони маорифпарвар ва ғайраро дар бар мегиранд.

Аслиддин Қамарзода ҳамчун донишманди таърихи адабиёти бадеӣ, илми адабиётшиносӣ, тазкиранигорӣ, пажӯҳишгари масъалаҳои рушди забон ва адабиёти тоҷик дар Самарқанд шинохта шудааст ва қисми асосии мақолаҳои илмӣ ва публисистӣ, маърӯзаҳои мавсуфро низ ҳамин мавзӯъҳо ташкил менамоянд.

Аз ҷумла, баромадҳои ӯ дар Семинари байналхалқии "Масъалаҳои умдатарини адабиёти сермиллати шӯравӣ ва тарғиби он" (Москва, ноябри соли 1983), Конфронси муассисони Ассотсиатсияи байналхалқии мададрасонӣ ба ҳамкорӣ ва прогресси халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон (Тошканд, июни соли 1992), Симпозиуми байналхалқии илмӣ бахшида ба 2750-солагии Самарқанд (Самарқанд, моҳи майи соли 2007), Конфронси

байналхалқӣ бахшида ба 1150-солагии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ: “Рӯдакӣ ва 1000-солагии шеъри форсӣ-тоҷикӣ” (Ҷумҳурии Қазоқистон, Алмати, ноябри соли 2008), Анҷумани байналхалқии адибони ҳавзаи Наврӯз ва баромад дар маросими тантанавии ин анҷуман дар “Кохи Борбад”, пазироӣ аз ҷониби Пешвои тоҷикони ҷаҳон, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон (Душанбе, марти соли 2016), Анҷумани байналхалқии илмӣ, ки аз ҷониби Академияи фанҳои Тӯрон ва ҳокимияти ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона дар мавзӯи “Сӯх тумани тарихи ва Истиқлол йилларидаги истиқболи” гузаронида шудааст (дар мавзӯи “Самарқанд ва Сӯх маърифатпарварларининг ӯзаро алоқаси ва ҳамкорлиги”, ноҳияи Сӯх, июли соли 2017), Анҷумани байналхалқии клуби “Рошноӣ” – Ҷамъияти олимон дар назди Конгресси яҳудиёни бухороии ИМА ва Канада дар мавзӯи “Мавқеи Самарқанд дар ҳаёти илмӣ-фарҳангиии яҳудиёни бухороӣ” (Ню-Йорк, 14 сентябри соли 2017), Анҷумани байналхалқӣ бахшида ба 140-солагии зодрӯзи Садриддин Айнӣ (дар мавзӯи “Айнишиносӣ дар Самарқанд”, Душанбе, 12-15 апрели соли 2018), Анҷумани илмӣ-адабӣ ба муносибати 700-солагии шоири мумтози тоҷик Камоли Хӯҷандӣ (дар мавзӯи “Омӯхтани ҳаёт ва эҷодёти Камоли Хӯҷандӣ дар Ӯзбекистон”, Тошканд, 23 январи соли 2019), Анҷумани илмӣ-амалии байналхалқии “Послание лидера нации – зеркало политического, социально-экономического и каультурного развития Таджикистана: “Мавқеи Самарқанд дар адабиёти Шарқ” (Панҷакент, 19 марти соли 2019), Анҷумани байналхалқии “Адабий алоқалар ва маданиятларнинг ӯзаро таъсири” (дар мавзӯи “Вазъи забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон” (19 апрели соли 2019), Анҷумани байналхалқии “Социально-экономическое и культурное сотрудничество Таджикистана и Узбекистана: история и современность” (дар мавзӯи “Робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек дар давраи Истиқлол” (Хӯҷанд, 21-22 июни соли 2019), Анҷумани байналхалқии “Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир” (дар мавзӯи “Эъзози табиат – вазифаи муҳим”, Панҷакент, 6-10 июли соли 2019), Анҷумани байналхалқӣ бахшида ба 605-солагии зодрӯзи Абдураҳмони Ҷомӣ таҳти мавзӯи “Ҷомӣ ва Навоӣ: равобити илмӣ-адабии форс-тоҷик ва ӯзбек” (дар мавзӯи: “Ҷомишиносӣ дар Ӯзбекистон”, Тошканд, 22 ноябри соли 2019),

Анҷумани илмӣ-амалӣ доир ба масъалаи тарҷума ва робитаҳои адабӣ (дар мавзӯи “Мавқеи тарҷумаи бадеӣ дар инкишофи робитаҳои адабӣ”, Тошканд, июни соли 2019), Анҷуманҳои илмӣ бахшида ба масъалаҳои дӯстӣ ва равобити адабӣ дар клуби “Рошноӣ” назди Конгресси яҳудиёни Бухороии ИМА ва Канада (Ню Йорк, феврали соли 2020), Анҷумани илмӣ-адабии байналхалқӣ бахшида ба 110-солагии зодрӯзи Мирзо Турсунзода (дар мавзӯи “Мирзо Турсунзода ва Ӯзбекистон” (ба тариқи онлайн, Теҳрон, майи соли 2021)), Анҷумани байналхалқии “Ҷуғрофияи таърихӣ ва фарҳангии “Шоҳнома” (дар мавзӯи ”Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар Ӯзбекистон” (Душанбе, 11-12 октябри соли 2022), Конфронси байналхалқии илмӣ-назарии “Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда” (дар мавзӯи “Робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек дар замони Истиқлол”, Душанбе 27-28 апрели соли 2023), дуюмин Анҷумани байналхалқии “Ҷуғрофияи таърихӣ ва фарҳангии “Шоҳнома” (дар мавзӯи “Ҳамоҳангии панду ҳикматҳо дар ”Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Қутадғу билик”-и Юсуф Хос Ҳоҷиб”, Душанбе, 12 октябри соли 2023), Анҷуманҳои X ва XI ҷамъияти ҷумҳуриявии "Дониш" (Тошканд, апрели соли 1987 ва июни соли 1992), Анҷумани анъанавии ҳарсолаи илмии устодону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Самарқанд (аз соли 1964 то соли 2016), Анҷуманҳои байналхалқии “Солонаи Айнӣ” (аз соли 1967 то соли 2019), ки дар Самарқанд, Душанбе, Тошканд, Бухоро, Хӯҷанд, Панҷакент, Истаравшан (Ӯротеппа) гузаронида шудааст, инчунин дар анҷуманҳои байналхалқӣ, ки ба ёдбуди 100-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Фотеҳ Ниёзӣ (Душанбе, 5 июни соли 2014), 130-солагии донишманди забондон ва адабиётшиноси тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ (Самарқанд, 28 майи соли 2022), 90-солагии шоири маъруфи бачагон Мардонқул Муҳаммадқулов (Самарқанд, 29 майи соли 2009), 100-солагии шоир ва шарқшинос Болтақул Маҳмуди Диёрӣ (Самарқанд, 9 июни соли 2014) ва ғайра гузаронида шудааст, иштирок ва баромад кардааст.

Қисми асосии пажӯҳишоти устод Аслиддин Қамарзода ба омӯхтан ва тарғиб намудани ҳаёту эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ бахшида шудааст. Мо ин маъниро аз библиографияи осори устод, ки беш аз сад номгӯй мақолаю гузоришҳои илмӣ, маърӯзаҳо оварда

шудааст, метавонем пай барем. Устод на танҳо дар анҷуманҳои анъанавии “Солона Айнӣ” ва маҷлиси аҳли адабу маърифати Самарқанд дар Хона-музейи устод Айнӣ, балки дар вохӯрию шабнишиниҳои адабӣ, ки дар мактаб, ташкилоту муассисаҳо ва ғайра мунтазам гузаронида мешаванд, бо маърӯзаҳои худ ширкат намудаанд, ки номгӯйи баъзе аз онҳоро манзури шумо менамоем: “Ҳамоҳангӣ дар шеърияти Садриддин Айнӣ ва Ҳоҷӣ Муин” ("Барҳаёт шеърият" - "Садриддин Айний шеъриятида анъана, ижодийлик ва бадиийлик муаммолари" мавзуидаги халқаро илмий конференция материаллари, 14-15 апрель, Бухоро, 2004), “Айнишиносӣ дар Самарқанд” (“Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ”. Мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии “Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ бахшида ба 140-солагии Садриддин Айнӣ, Душанбе, 12-13 апрели соли 2018) ва ғайра.

Матни ин маърӯзаҳои устод дар китобҳояшон “Замон билан ҳамнафас”, “Мақоми санъат дар ташаккули эстетикии шахс”, “Бӯстони маърифат” (маҷмӯаи мақола ва гузоришҳои илмӣ), инчунин дар журналҳои “Филологические науки”, “Дом Ростовых” (Москва), “Садои Шарқ”, “Мактаби советӣ”, “Фарҳанг” (Душанбе), “Гулистон”, “Совет мактаби”, “Мулоқот” (Тошканд), маҷмӯаҳои дастҷамъии мақолаҳои илмӣ дар Маскав, Теҳрон, Ню-Йорк, Тошканд, Душанбе, Самарқанд, Хӯҷанд, Бухоро, Тирмиз ба дасти чоп расидааст.

Аслиддин Қамарзода дар бораи анҷуман, шабнишиниҳои адабӣ ва чорабиниҳое, ки ба ҳаёт ва фаъолият, ёдбуди устод Айнӣ бахшида шуда, бо иштироки олимони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон гузаронида шудаанд, тавассути матбуот, радио ва телевизион сари вақт ба муштариён хабар расонидааст, ки инро низ аз номгӯйи мақолот ва гузоришоти публисистии ӯ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ дар матбуоти давр нашр шудаанд, пай бурдан мумкин аст. Аз ҷумла, “Садриддин Айний ижодига бағишланган илмий сессия” ("Совет Тожикистони", 1965 йил, 21 апрель), “Солонаи устод Садриддин Айнӣ дар Самарқанд” ("Маориф ва маданият", 27 апрели соли 1965), “Ба ҷашни устод”, ("Маориф ва маданият", 13 июни сол 1968), “Эъзоз”, ("Совет Тожикистони", 1978 йил 26 февраль), “Юбилею Айни посвящается”, ("Ленинский

путь", 8 марта 1978) , “Ёзувчи номидаги колхозда конференция” ("Совет Тожикистони", 1978 йил,9 апрель), “Адабиётимизнинг муқаддас анъанаси” ("Жиззах ҳақиқати", 6 июнь 1982 йил) ва ғайра.

Дар мақолаи “Анъанавий кеча” ("Ленин йӯли", 1981 йил, 19 апрель, "Совет Тожикистони", 1981 йил, 6 май) дар бораи баргузор шудани шаби адабӣ дар Осорхонаи Айнӣ дар Самарқанд ва дар он иштирок кардани адиби рус Сергей Залигин ва шогиди устод Айнӣ, донишманд ва адиби таърихнигори тоҷик Расул Ҳодизода маълумот дода шудааст.

Устод Аслиддин Қамарзода дар пажӯҳиш ва тарғиби ҳаёт ва эҷодиёти на танҳо адибони мумтозу муосири тоҷик, балки барои омӯхтани рӯзгор ва осори адибони машҳури ҷаҳон низ эътибори хоса дорад. Ин таваҷҷӯҳ шояд аз он сар зада бошад, ки мавсуф ҳанӯз аз айёми мактабхонӣ бо осори адибони ҷаҳон – афсонаҳои Бародарон Гримм ва Андерсен, масал, афсона ва қиссаҳои адибони рус Крилов, Пушкин, Лев Толстой, ҳикояҳои Тургенев, Чехов, романҳои адибони Ғарб Марк Твен, Э. Распе, Даниэл Дефо, Италиё Боккаччо, ҳикояҳои нависандаи турк Азиз Несин ва осори дигар адибони шуҳратёри ҷаҳонро мехонд. Ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ низ маърӯзаҳои пурмазмуни устод Юсуфҷон Пӯлодов дар бораи адабиёти Ғарб таваҷҷӯҳи ӯро ба адабиёти мумтози ҷаҳон зиёд карда буд. Бо амри тақдир худ низ дар ибтидо аз “Адабиёти халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ” ва баъд аз “Таърихи адабиёти ҷаҳон” ба шогирдон дарс гуфт ва доир ба ин фанҳо дастурҳои таълимиву китобҳои дарсӣ нашр кард.

Устод Аслиддин Қамарзода ҳангоми сафарҳои эҷодӣ, иштирок дар анҷуманҳо бо олимону адибони гуногунмиллат дар мулоқот шуда, бо онҳо робитаҳои дӯстиро пойдор намудааст, ки ин ҳама ба фаъолият, эҷоди илмӣ ва адабии минбаъдаи ӯ бетаъсир намондаанд. Ин аст, ки дар рӯйхати осори устод мақолаҳои зиёде дар бораи адабиёти рус ва дигар халқҳои ҷаҳон ба назар мерасанд. Аз ҷумла, “Адиби ҷовид” (Ба ёдбуди 400-солагии рӯзи таваллуди Вилям Шекспир, "Ӯзбекистони сурх", 22 апрели соли 1964), “Адиби маҳбуби халқ” (Ба муносибати 150-солагии рӯзи таваллуди М.Ю.Лермонтов, "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 14 октябри соли 1964), “Максим Рилский” (Ба муносибати 70-солагии рӯзи таваллуди адиб, "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 19 марти соли 1965), “Чашмаи

илҳом” ("Ҳақиқати Ӯзбекистон", 26 марти соли 1968), “Ҳодии адабиёти советӣ” (Ба муносибати 100-солагии зодрӯзи Максим Горкий, "Маориф ва маданият", 28 марти соли 1968). “Адабиёти баравнақ” (Ба муносибати ҳафтаи адабиёт ва санъати қароқалпоқ, "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 1 марти соли 1969), ”Ӯзбекнинг катта дӯсти” (Ба муносибати 70-солагии адиби шинохтаи қазоқ Ғабит Мусрепов, "Ленин йӯли", 1972 йил, 22 март), “Фарзанди бузурги халқи украин” (Ба муносибати 170-солагии зодрӯзи адиби украин Тарас Григоревич Шевченко, "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 8 марти соли 1984), “Арман шоирининг жӯшқин овози” (Егише Чаренс таваллудининг 90 йиллигига, "Ленин йӯли", 1987 йил, 26 март), “Дилро ба дил роҳест” (дар бораи фаъолияти тарҷимонии олим ва мутарҷими украин Александр Шокало, "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 18 апрели соли 1978) ва ғайра далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Устод чун олими зуллисонайн бо забонҳои ӯзбекӣ ва русӣ низ бисёр мақолаҳои илмӣ-публисистӣ нашр ва дар анҷуманҳо низ ба ҳар се забон маърӯзаҳо кардаанд.

* * *

Аслиддин Қамарзода дар бисёр анҷуманҳои илмӣ ва амалии байналхалқӣ доир ба адабиёт, маърифат, фарҳанг, забон ва ғайра иштирок ва бо маърӯзаҳои пурмазмуни худ баромад кардаанд. Аз ҷумла, дар баромади худ дар анҷумани X адибони Тоҷикистон ҳамчун муовини раиси Шӯрои адабиёти тоҷики Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ( "Адабиёт ва санъат", 11 апрели соли 1991), оиди комёбӣ ва муаммоҳои адибони тоҷики Ӯзбекистон сухан ронда, масъалаи дар ҳаллу фасли он мадад расонидани Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба миён гузоштаанд. Инчунин, доир ба ин мавзӯъҳо низ баромад кардаанд: “Взаимосвязь литератур народов Средней Азии и Казахстана”, (Всесоюзный семинар Союза писателей СССР, ИМЛИ им. А.М. Горького АН СССР и Всесоюзного общество "Знание" на тему "Литературное содружество народов СССР в условиях развитого социалистического общества". Москва, Большой зал Центрального Дома литераторов им. А.А.Фадеева.13-15 декабря 1983 г.), “Школы с таджикским языком обучения и перспективы их совершенствования”, (Международная конференция "Реформа

образования и поддержка социальной интеграции: задачи многонационального общества", Организация безопасности и сотрудничества в Европе, Верховный комиссар по делам национальных меньшинств и Министерство народного образования Республики Узбекистан. Бухара, 17 сентября 2004 г), "Непрерывное образование в устойчивом развитиии: проблемы и решения", Чирчик (Донишкадаи омӯзгории вилояти Тошканд дар шаҳри Чирчиқ (Чирчиқ 21-24 май 2019 г.); "Роль I съезда писателей СССР в развитии советской многонациональной литературы (на материале узбекско-таджикских литературных взаимосвязей)", Всесоюзная научно-теоретическая конференция, посвященная 50-летию Первого Всесоюзного съезда советских писателей (Москва, МГУ, 2-3 октября 1984 г.), "Мы все – плоды одного дерева". Учредительная конференция Международной ассоциации содействия сотрудничеству и прогрессу народов Средней Азии и Казахстана, (Ташкент, 26 июня 1992 г.), "Робитаҳои адибони Самарқанду Хӯҷанд" (Маҷлиси тантанавӣ ба муносибати 50-солагии таъсиси шӯъбаи вилояти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар Суғд, Хӯҷанд, 2 апрели соли 2004), "Вазъи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар Ӯзбекистони имрӯза" (Дуввумин ҳамоиши байналхалқии пажӯҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ, Донишкадаи тарбияти мадрасаи Теҳрон, испандмоҳи 1382 (10-11 марти соли 2004), "Взаимосвязь национальных литератур и процесс развития литературных жанров (на материале автобиографических повестей)", (Региональная научно-методическая конференция "Актуальные проблемы преподавания русского языка и литературы на современном этапе", Ташкент-Самарканд, 19-20 декабря 2005 г.), "Место писателей-бухарских евреев в самаркандской литературной среде" (Выступление А.Камарзода на литературную перекличку Нью-Йорк – Тель-Авив – Самарканд, организованным Союза писателей бухарских евреев США в Нью-Йорке 16 июля 2015 г.) "Бухарские евреи – наши друзья", (Очередное заседание Общественного научного центра (ОНЦ) "Рошнои – Light" Когресса Бухарских евреев США и Канады. Нью-Йорк, Зал торжеств Центра бухарских евреев Нью-Йорка 15 октября 2017 г.) ва ғайра.

Аксар мақола, гузориш ва маърӯзаҳои илмии Аслиддин Қамарзода ба омӯхтан ва тарғиб намудани ҳаёт ва эҷодиёти

адибони мумтозу муосир ҳамчун Камоли Хӯҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Аҳмади Дониш, маорифпарварони ҷадид Беҳбудӣ, Саидризо Ализода, Ҳоҷӣ Муин, Исматуллоҳ Раҳматулозода, Сиддиқии Аҷзӣ, адибони маъруфи даврони шӯравӣ ва муосир Садриддин Айнӣ, Ориф Гулханӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Обид Исматӣ, Мирзо Турсузода, Фотеҳ Ниёзӣ, Ғафур Ғулом, Абдулло Қаҳҳор, Ойбек, Абай, Чингиз Айтматов, адибони рус, туркман, қазоқ, қирғиз, қароқалпоқ, робитаҳои адабӣ, вазъи забон ва адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон ва таълими он, масъалаҳои тарбияи маънавии ҷавонон, инчунин ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, ҳифзи табиат, таърихи Самарқанд ва одамони обрӯманди сайқали рӯйи Замин - олимон Воҳид Абдулло, Раҳим Муқимов, Ботурхон Валихоҷаев, Неъмат Низомов, Расул Ҳодизода, Тӯрақул Зеҳнӣ, Холиқ Мирзозода, Талъат Абдуҷабборов, Юсуф Абдуллоев, адибон Фазлиддин Муҳаммадиев, Мардонқул Муҳаммадқулов, Маҳмуд Диёрӣ, Салим Кенҷа, Адаш Истад, Акбар Пирӯзӣ ва эҷодкорони дигар бахшида шудааст.

Ин мавзӯъҳо бо фаъолияти адабӣ ва рӯзноманигории устод пайвастаанд, ки ин ҳама аз соҳиби дониши қомусӣ ва маҳорати баланди нигорандагии устод дарак медиҳанд.

## САМАРҚАНД ВА САМАРҚАНДИЁН АЗ НАЗАРИ УСТОД

Самарқанд, табиати дилкашу мусаффои он, боғҳои биҳиштосо, майдону гулгаштҳо, биноҳои масҷиду мадрасаҳои нақшинкори он ва аз ҳама муҳимаш, одамони обруманд, мардуми меҳнатқарину меҳмоннавози он, ҳамеша мавриди тавсифи устод Аслиддин Қамарзода қарор гирифтаанд ва муҳити адабии Самарқанд доим дар маркази таваҷҷуҳи ин олими пуркор мебошад.

Ӯ ба шарафи 2750-солагии Самарқанд дар мавзӯи “Мавқеи адибони Самарқанд дар адабиёти Шарқ” мақолаи пурарзише навиштааст, ки он ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ дар Самарқанд, Тошканд, Теҳрон, Маскав, Хӯҷанд нашр шудааст[2].

[2] *Самарқанднинг жаҳон адабиёти равнақида тутган ўрни,* Самарқанд Давлат университети илмий тадқиқотлар ахборотномаси, Илмий-назарий, услубий журнал, 2007 йил, № 2; *Самарқанд – Шарқ адабиётининг бешиги*. “Зиёкор” илмий, услубий, ижтимоий ва адабий-бадиий ойномаси,

Устод дар бораи ҳаёти адабии Самарқанд дар анҷуманҳои гуногуни илмӣ маърӯзаҳо кардааст, ки матни бештарини онҳо нашр шудаанд. Аз ҷумла, "XX аср бошлари Самарқанд адабий муҳитининг зуллисонайн адиблари" (Самарқанд Давлат университети профессор-ўқитувчилари ва илмий ходимларининг 2008 йилдаги илмий-тадқиқот ишлари якуни бўйича анъанавий LXV илмий конференцияси, 26 март 2009 йил), "Адибон-маорифпарварони дузабонаи Самарқанд дар ибтидои асри XX". (Университет профессор-ўқитувчилари ва илмий ходимларининг 2007 йилдаги илмий-тадқиқот ишлари якуни бўйича анъанавий LXIV илмий конференцияси, 31 март 2008 йил), "Самарқанд – шаҳри шоирон ва олимон". Маҷлиси фаъолони маҳаллаи ба номи Абдураҳмон Ҷомии шаҳри Самарқанд (дар толори мактаби рақами 5) ба пешвози 2750-солагии шаҳри Самарқанд, 14 марти соли 2007). "Вклад Самарканда в развитие художественной литературы Востока". "Самарқанд шаҳрининг умумбашарий маданий тараққиёт тарихида тутган ўрни", (Халқаро симпозиум, Тошкент–Самарқанд, 24-26 май 2007 йил). "Мавқеи Самарқанд дар адабиёти Шарқ" (Анҷумани илмӣ-амали байналхалқии "Послание лидера нации – зеркало политическаого, социально-экономического и каультурного развития Таджикистана", Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон, Панҷакент, 19 марти соли 2019) ва ғайра.

Дар китобҳои "Гулистони адаб" (Тошканд, 2007) ва "Донишнома-тазкираи суханварони тоҷики Ӯзбекистони асири XX ва ибтидои асри XXI" (Душнбе, 2022) низ дар бораи бисёр суханварони Самарқанд маълумот дода, аз осорашон намунаҳо оварда шудаанд.

---

3/2007; *Вклад Самарканда в развитие художественной литературы Востока.* Самарқанд шаҳрининг умумбашарий маданий тараққиёт тарихида тутган ўрни (Самарқанд шаҳрининг 2750 йиллик юбилейига бағишланган халқаро илмий симпозиум материаллари), Тошкент-Самарқанд, Ўзбекистон Республикаси Фанлар академияси "Фан" нашриёти , 2007; *Самарқанднинг Шарқ адабиёти равнақида тутган ўрни.* "Сино" илмий-адабий, фалсафий-ирфоний, маънавий-маърифий уч ойлик журнали, № 26; *Самарканд и литература Востока.* "Дом Ростовых" (Литературная жизнь Евразии), № 1 (5) 2008, Москва, 2008; *Мавқеи Самарқанд дар инкишофи адабиёти бадеӣ.* "Садои Шарқ", Нашрияи миллии Иттифоқи нависандагоии Тоҷикистон, ноябри соли 2017 №11,

Устод Аслиддин Қамарзода доир ба ҳаёт ва эҷодиёти олимон, адибон ва дигар инсонҳои обрӯманди Самарқанд Ҳоҷӣ Муин Шукруллозода, Исматулло Раҳатуллозода, Обид Исматӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Ориф Гулханӣ, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Воҳид Абдулло, Ботурхон Валихоҷаев, Юсуф Абдуллоев, Мардонқул Муҳаммадқулдов, Раҳим Муқимов, Талъат Абдуҷабборов, Болта Ортиқзода, Салим Кенҷа, Акбар Пирӯзӣ ва дигарон мақолаҳои пурарзиш навишта, дар рӯзномаю маҷалла ва китобҳо нашр кардааст. Мақолаҳои зерин далели ин гуфтаҳоянд: “Сухандону сухансанҷу сухангӯ буд” (Central Asia Vatan, November 2012 №23, New-York, Uniteb Sates of Anerica Free, See p. 15. Мақола ба шарафи 100-солагии зодрӯзи Аллома Воҳид Абдулло дар шумораи ноябрии соли 2012-журнали ҳамватанони мо, ки дар Амрико ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад, бо маълумоти мухтасар дар бораи муаллифи мақола ва сурати ӯ чоп шудааст), “Исматулло муаллим – машъали маърифат” (мақола ба шарафи 140-солагии маърифатпарвар, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Исматулло Раҳматуллозода навишта шуда, дар он доир ба ҳаёт ва фаъолияти педагогӣ-маърифатпарварии ин фарди баруманди Самарқанд сухан меравад, “Овози тоҷик”, 21 феврали соли 2024). “Сарбози қалам” (Ба истиқболи 100-солагии адиби маъруф Фотеҳ Ниёзӣ, "Овози Самарқанд", 17-апрели соли 2014), “Эъзоз ва эътироф” (ба муносибати 75 солагии зодрӯзи профессори ифтихории Донишгоҳи давлати Самарқанд Неъматҷон Низомов, "Овози тоҷик", 24 январи соли 2015), “Ифтихори сайқали рӯйи замин” (дар бораи олими забондон ва ташкилотчии моҳир, дипломат ва арбоби давлатӣ, ректори Донишгоҳи байналхалқии технологиии Самарқанд, профессор Юсуф Абдуллоев, “Овози Самарқанд”, 27 январи соли 2024), “Мунодии дӯстии халқҳо” (Ба истиқболи 100 солагии Шароф Рашидов, “Овози тоҷик” 5 июли соли 2017), “Обрӯю эътибори Гулханӣ” (Дар китоби "Нутқи тома, зеби жома, мақбули омма", Самарқанд, 2006), “Номи некаш дар дилу ёдҳост” (Дар китоби "Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон", Душанбе, 2007), “Самарқанд аз назари адиби таърихнигор” (дар китоби "Ёдномаи Расул Ҳодизода", Душанбе, 2022), “Донишманди таърихи халқу диёр ва тазкиранавис” (Ба муносибати 90-солагии профессор Манаше

Абрамов дар китоби “Хотира муқаддасдир. Память священа, Самарқанд, 2018), “Таниқли олим, камтарин инсон” (Дар китоби “Умрбоқийлик” - адабиётшунос олим, Талъат Абдужабборов хотираси. Тошкент, 2018), “Маърифатга бағишланган умр” ("Зиёкор" журнали, 2004 йил, 8-сон. Уруш ва маориф фахрийси Убайдулла Нарзиев суратига чизгилар), “Ёдбуди марди шариф” (дар сӯгвории Корманди шоистаи саноати Ӯзбекистон Саидмурод Ҳошимов, китоби Ҳамроқул Ҳошимов “Меҳрнома”, Самарқанд, 2022), “Адабиётшиноси варзида ва устоди шинохта”. (дар китоби "Хотира – абадий, қадр – муқаддас", дар бораи ҳаёт ва фаъолияти олими адабиётшинос Абдусалом Самадов, Самарқанд, 2022) ва боз садҳо чунин мақолаҳои устод дар китобҳои хотира, маҷмӯаҳои мақолаҳои илмӣ, маҷалла ва рӯзномаҳо нашр шудаанд.

Хидмати дигари Аслиддин Қамарзода дар пойдории муҳити адабии Самарқанд созмон додани маҳфилҳои адабии “Чашмасор” ва “Сайқал” мебошад, ки ин маҳфилҳо барои рушду такомули маҳорати эҷодии адибони навқалами навқадам Самарқанд мусоидат кардаанд.

Аслиддин Қамарзода ба муносибати 2750-солагии Самарқанд шеърҳои шоиронро дар васфи Самарқанд ҷамъ намуда, бо номи “Мадҳи Самарқанд” дар ду китоб (ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ) нашр намуд. Маҷмӯаи шеърҳои тоҷикӣ (форсӣ) дар Теҳрон (2009) бо номи “Самарқанд дар шеъри форсӣ” ва “Мадҳи Самарқанд” дар Тошканд (2012) чоп гардид. Инчунин маҷмӯаи шеърҳои шоирони ӯзбек ва баъзе тарҷумаҳо аз шоирони дигар дар тавсифи Самарқанд дар Тошканд (2013) бо алифбои кириллӣ ва лотинӣ бо теъдоди зиёд нашр шуд[3].

Аслиддин Қамарзода дар ҷараёни таҳияи китобҳо муайян намуд, ки дар таърифи Самарқанд шоирони самарқандиюласл, меҳмоншоирон ва ҳатто онҳое, ки Самарқандро надидаанд, шеър гуфтаанд. Ва ин бори дигар аз ҳамчун Сайқали рӯйи замин шӯҳрат доштани Самарқанд дарак медиҳад.

---

[3] *Самарқанд дар шеъри шоирон*. Эҳдо ба ҷашни муборaки 2750 солагии Самарқанд. Нашри Eco Cultural Jnstjtute Теҳрон, 2007; *Мадҳи Самарқанд.* Тазкира-баёз. Мураттиб Аслиддин Қамарзода) Нашриёти “Муҳаррир”, Тошканд, 2013; *Самарқанд мадҳи,* Баёз. “Turon zamin ziyo” нашриёти, Тошкент, 2014; *Samarqand madhi*. Bayoz.”Turon zamin ziyo” nashriyoti, Toshkent, 2014, 156-sah.

Аслиддин Қамарзода дар бораи интишори ҳар як китоби худ қиссае нақл карда, иброз медорад, ки ин китобҳо хоҳ маҷмӯаҳои осори илмӣ бошанд, хоҳ тазкираю баёзҳо ва ё китобҳои дарсӣ-маҷмӯаҳои таълимӣ таърихи ба худ хос доранд. Аз ҷумла, муаллиф дар бораи таърихи баёзи насру назми “Гулдастаи Самарқанд” мегӯяд, ки “Аз чӣ сабаб бошад, ки дар дар замони шӯравӣ дар Ӯзбекистон, гарчи бисёр олимон ва адибони тоҷику тоҷикзабон буданд, ба забони тоҷикӣ китоб нашр кардан хеле маҳдудиятҳо дошт. Китобҳои дарсӣ ва бадеӣ барои мо аз Тоҷикистон меомад. Аз адибони мо танҳо маҷмӯаи ҳикоя ва қиссаҳои ба забони тоҷикӣ навиштаи Болта Ортиқови Самарқандӣ, азбаски ӯ узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд ва дар Самарқанд зиндагӣ карда, ҳамчун мухбири махсуси рӯзномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Маориф ва маданият” дар вилояти Ленинобод (ҳоло вилояти Суғд) фаъолият дошт, дар Душанбе нашр мешуду халос. Лекин дар Ӯзбекистон бисёр адибон ва олимоне буданд, ки ба забони тоҷикӣ асарҳои бадеӣ ва илмӣ менавиштанд. Дар Ӯзбекистон адади мактабҳои раванди таълим ба забони тоҷикӣ хеле бисёр буданд. Дар Самарқанд дӯкони махсуси “Тоҷиккитоб” фаъолият дошт ва қариб тамоми Ӯзбекистонро бо китобҳои тоҷикӣ таъмин мекард...

Лекин ҳоло дар бораи таърихи бунёд ва нашри китоби “Гулдастаи Самарқанд” дар ин ҷо чанд сухан гуфтанӣ ҳастам.

Дар ибтидо бояд зикр намоям, ки ин китоб низ бо шарофати Устод Айнӣ ба майдон омада буд. Чӣ тавр?

Аз солҳои 60-уми асри гузашта дар адабиётшиносии тоҷику ӯзбек илми айнишиносӣ пайдо шуда, анҷумани нахустини он дар Самарқанд оғоз ёфт. Ҳар сол ба шарафи зодрӯзи устод таҳти унвони “Солонаи Айнӣ” анҷуманҳои илмӣ бо навбат дар Самарқанду Душанбе, Тошканду Бухоро ва дигар шаҳрҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон гузаронида мешуданд. Ин Анҷумаи илмӣ ҳар сол ба яке аз мавзӯъҳои ҳаёт ва фаъолияти серсоҳаи илмӣ ва адабии устод бахшида мешуданд, ки ин анъана то ҳол давом дорад. Ман хушбахтам, ки дар бисёре аз ин анҷуманҳо, иштирок ва бо маърӯзаҳо баромад кардаам ва матни ин маърӯзаҳо дар маҷмӯаҳои “Ҷашнномаи Айнӣ” нашр шудаанд. Ба шарофати ҳамин анҷуманҳои илмӣ бо бисёр олимони айнишинос ҳамчун И.С. Брагинский, Муҳаммадҷон Шукуров, Атахон Сайфуллоев,

Абдуқодир Маниёзов, Набӣ Раҳимов, Шавкат Ниёзӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Расул Ҳодизода, олими чех Иржи Бечка, адибон-шогирдони устод, нависандагони номии тоҷик Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Сотим Улуғзода ва дигарон дар мулоқот шуда, бо онҳо дӯстию рафоқат пайдо намудаам...

Соли 1986 анҷумани навбатии "Солонаи Айнӣ" ба 60-солагии чопи тазкираи "Намунаи адабиёти тоҷик" бахшида шуда буд ва ман дар мавзӯи Шуарои Самарқанд дар "Намунаи адабиёти тоҷик" маърӯза доштам. Маърӯзаи ман мувофиқи барнома дар маҷлиси ифтитоҳии анҷуман гузошта шуда буд. Анҷуман дар толори бинои асосии Академяи Фанҳои Тоҷикистон оғоз гардида, ҳамчун меҳмон аз Самарқанд ва маърӯзачӣ дар маҷлиси ифтитоҳӣ маро ҳам дар раёсат даъват карданд ва дар паҳлӯи Президенти Академияи фанҳои Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ, ки маҷлисро худаш оғоз намуда сарварӣ мекард, ҷой доданд.

Ба ман дуюм ва ё сеюм навбат доданд ва дар бораи эътибори Айнӣ ба шоирони Самарқанд ва мавқеи онҳо дар "Намунаи адабиёти тоҷик" маърӯза карда, аз сари минбар ба ҷойи худам омада нишастам. Осимӣ оҳиста ба ман чунин суол карданд:

– Ҳоло дар Самарқанд тоҷик ҳаст?

Ман фавран чунин ҷавоб додам:

– Ҳаст, устод, як нафараш ҳоло маърӯза карду дар паҳлӯи шумо омада нишаст! Ин дам Осимӣ:

– Бубахшед, ман адибонеро, ки ба тоҷикӣ менависанд, дар назар доштам, – гуфтанд бо табассуми малеҳи ба худ хос. – Фаҳмидам устод. Бале, эҷодкорони зиёде ҳастанд, ки ба забони тоҷикӣ менависанд. Ва ба он кас Диёрӣ, Болта Ортиқов, Раҳим Муқимов, Салим Кенҷа, Акбар Пирӯзӣ ва боз як-дуро, ки осорашон дар матбуоти Тоҷикистон чоп мешуданд, номбар кардам.

Пас, Осимӣ пурсиданд:

– Оё китобҳои онҳо нашр шудаанд?

– На. Дар Ӯзбекистон ба забони тоҷикӣ китоб нашр карда намешавад. Мо танҳо маҷмӯаи мақолаҳои илмии аъзоёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷикро бо иҷозати Душанбе дар Панҷакент чоп мекунем. Ҳатто рисолаи доктории Раҳим Муқимовро, ки ба робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек бахшида шудааст, дар матбааи

Панҷакаент чоп кардем. Ман рисолаамро ба забони русӣ тарҷума намуда, дар Тошканд нашр кардаам.

Пас, Осимӣ гуфтанд:

– Шумо осори адибони тоҷики Самарқандро ҷамъ карда биёред, дар ин ҷо нашр мекунем!..

Ман аз Душанбе баргашта, фавран ба иҷрои ин супориш камар бастам. Ба чанд нафар аҳли қалам, ки ба забони тоҷикӣ шеъру ҳикоя менавиштанд ва дар маҷлиси маҳфили хосаи суханварони тоҷики Самарқанд "Сайқал", ки таҳти роҳбарии банда амал мекард, бо номаи махсус муроҷиат карда, гулчине аз намунаи эҷодашон бо иловаи ҳолномаю аксашон пурсидам. Баъзе аз онҳо рӯйирост гуфтанд, ки ин кори беҳуда асту касе ба нашри ин китоб ёрӣ намерасонад. Зеро аз ин пештар низ як-ду нрафар ба чунин кор азм карда буданд, лекин муваффақ нашуданд. Беҳтараш аз паи кори дигар шавед...

Лекин ман истодагарӣ карда, маводро аз бисту се нафар эҷодкор аранг ҷамъоварӣ намудам. Онҳоро ҳол ба қудрат таҳрир намуда, худам мошиннавис карда (он вақтҳо ҳоло компутер набуд), ба тартиб даровардам ва ба китоб "Гулдастаи Самарқанд" – баёзи назму наср) ном ниҳода, бо боварии комил, ки худи Президенти Академияи Фанҳои Тоҷикистон - шахси ниҳоят баруманд ва эътимодноки давлатӣ Муҳаммад Осимӣ барои нашраш ваъда додаанд, ду нусхаи мошиннависро ба ду ҷузвдон андохта ба Душанбе бурдам.

Ба Академияи фанҳо рафта, ба ҳузури Осимӣ даромаданӣ шудам. Котиба гуфт, ки устод нестанд. Ба Комитети Марказӣ ба маҷлис даъват шудаанд.

Вақте ба вай гуфтам, ки аз Самарқанд омадам ва шахсан худашонро диданам лозим, таъкид кард, ки интизор бошам ва шояд омада монанд.

Дере нагузашта устод омаданду вазъашон он қадар хуш набуд. Шояд маро нашинохтанд, ки салому дуруди рӯякӣ карда, ба утоқи корӣ даромаданд.

Ман аз котиба илтимос кардам, ки аз Самарқанд омадану кӣ будани маро ба он кас бигӯяед, шояд қабул кунанд.

Ҳамин тавр ҳам шуду Осимӣ маро ба ҳузури худ пазируфтанд.

Ман баъди салому дуруди самарқандиҳо гуфтам, ки мувофиқи дархосташон китобро ба мисли тазкираи устод Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” (гарчи чун як пораи он аст) таҳия намуда, барои нашр овардам.

Он кас ҷузвҳоро гирифтанду ҳатто дастнависро варақ назада, “хуб аст” гуфтанд. Ба нашр меарзад. Ин моли Ӯзбекистон. Дар Тошканд нашр кунед.

Ман аз ин муомила дар ҳайрат афтодам:

– Устод, агар ин китобро дар Тошканд нашр карда метавонистем, ба назди Шумо намеовардам. Охир ба Шумо гуфта будам, ки дар Тошканд китоби тоҷикӣ чоп намекунанд...

Баъд он кас бо дили хоҳаму нохоҳам дастнависҳоро гирифтанду болои мизашон монданд ва маро ҷавоб доданд...

Аз назди Осимӣ баромада, ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, ки ба бинои Академия наздик аст, даромадам, то ки рафиқони самарқандии худ Расул Ҳодизода, Раззоқ Ғаффоров, Ҳамроқул Шодиқулов, Ҷӯрахон Бақозода, Насриддин Шарофов ва дигаронро зиёрат карда, онҳоро оиди ба Душанбе овардани дастнависи китоб хабардор кунам. Дар даромадгоҳ нахуст ҷонишини директори пажӯҳишгоҳ, дӯсти наздикам, адабиётшинос Ҳамроқул Шодиқуловро дидам. Ӯ аз сафари ман ба Душанбе ва вохӯрӣ бо Осимӣ огоҳ шуда, гуфт, ки “Устод Осимиро дар вақти ноқулай дидед. Ҳоло ҳозир дар маҷлиси Комитети Марказӣ, ки ман ҳам дар он ҷо будам, он касро андаке танқид карданд. Медонед, танқид ба ҳар кас намефорад. Хайр, дастнависро гирифта монда бошанд, ягон илоҷ мекардагистанд. Мо аз натиҷааш шуморо хабардор мекунем...”

Ҳамин тавр, андаке малул шуда, ба Самарқанд баргаштам.

Расо баъди бист рӯз олими маъруфи забоншинос Раззоқ Ғаффоров, ки дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рудакӣ ҳамчун мудири шӯъбаи забоншиносӣ фаъолият доштанд, дастнависҳои маро дар ҳамон ду ҷузвдон гирифта, ба Самарқанд омаданд. Даруни ҷузвдонҳо ба ҷуз маводи шеъру ҳикояҳои муаллифони самарқандӣ, ки ҷамъ оварда будам, ду тақризро – яке бо имзои Нависандаи халқии Тоҷикистон Фотеҳ Ниёзӣ, дигаре бо имзои олими адабиётшинос ва нависандаи таърихнигор Расул Ҳодизода, ки ҳар ду ҳам фарзанди Самарқанданд, ба дастам дода

гуфтанд, ки Осимӣ тарафдори ҳар чӣ тезтар нашр шудани ин китоб ҳастанд. Ба Тошканд баред будааст...

Ман гумон кардам, ки Осимӣ шояд бо Тошканд гуфтугузор карда бошанд ва дастависро гирифта ба Академияи Фанҳои Ӯзбекистон рафтам. Дар он ҷо гуфтанд, ки дар ин бобат хабаре надоранд ва ман бояд ба нашриёти “Адабиёт ва санъат”-и ба номи Ғафур Ғулом муроҷиат намоям.

Директори нашриёт Ҳусанбой Шарифов ном шахс арзи маро шуниду гуфт, ки онҳо китоби тоҷикӣ чоп намекунанд. Ман бояд ба Раиси Қумитаи матбуот Собир Қурбонов муроҷиат намоям.

Собир Қурбонов ҳамон рӯзҳо ба Туркманистон сафар доштааст...

Баъди ягон ҳафта боз ба Тошканд рафта, ниҳоят ӯро дар ҳолате, ки дарди дандон дошт, пайдо кардам ва ӯ беэътиборона гуфт, ки дар Тошканд китоби тоҷикӣ чоп намекунанд, дар Душанбе ӯзбекӣ чоп намекунанд...

Ман медонистам, ки дар Душанбе китобҳои адибони ӯзбеки Тоҷикистонро дар қатори китобҳои адибони тоҷик нашриётҳои Душанбе нашр мекарданд. Баъд ба Душанбе рафта, аз нашриётҳо китобҳои нашршудаи адибони ӯзбеки Тоҷикистонро овардам...

Ҳамин тавр, дастнависи китоби мазкур ҳафт маротиба ба Душанбею Самарқанду Тошканд равуо карду лекин нашр нашуд...

Ниҳоят, шамоли бозсозӣ вазиду ба сари ҳукумати шӯравӣ Михаил Горбачёв омада, баробари чанд дигаргуниҳо дар сохтори шӯравӣ, ба масъалаи баробарҳуқуқии миллатҳо низ эътибор дод. Банда аз ин руҳбаланд шуда, ба номи ӯ бо дархостҳои тоҷикони Ӯзбекистон, аз ҷумла нашри китобҳои тоҷикӣ муроҷиат кардам. Маҳз дар ҳамин солҳо дар тамоми республикаҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ худшиносии миллӣ боло рафта, мо ҳам дар Ӯзбекистон барои беҳдошти фарҳангу маърифати тоҷикони муқими ин кишвар саъю ҳаракат намудем. Дар нома гуфтам, ки банда ҳамчун устоди адабиёт бо мақсади рушд ва дастгирии эҷодиёти адибони тоҷики Самарқанд дар донишгоҳ маҳфили адибони ҷавонро ташкил ва намунаи эҷодиёти онҳоро таҳти унвони “Гулдастаи Самарқанд” таҳия кардаам. Ва дар нашри ҳамин китоб мадад расонидани ӯро пурсида будам.

Дере нагузашта аз Маскав Сергей Фёдорович Кулик ном шахс омада, бо ман оид ба масъалаи тоҷикони Ӯзбекистон, аз ҷумла вазъи забони тоҷикӣ дар Самарқанд пурсон шуд. Дар поёни сӯҳбат аз ӯ илтимос кардам, ки барои нашри ҳамин китоб мадад расонад.

Рӯзи дигар аз Тошканд барқия (телеграмма) омад, ки маро дар КМ КП Ӯзбекистон шахсан Котиби якум Рафиқ Нишонов даъват доранд. Рафиқ Нишонов, ки чанд сол пеш аз ин дар ҳайати ҳукумати Ӯзбекистон фаъолият дошт, аз сафарҳои чандинсолаи худ ҳамчун Сафири Иттиҳоди Шӯравӣ дар кишварҳои хориҷа боз ба Ӯзбекистон омада буд. Ӯ аввал дар вазифаи Раиси Президиуми Шӯрои Олии Ӯзбекистон, баъд чун роҳбари асосӣ – Котиби Якуми Комитети Марказии Ҳизби Коммунисти Ӯзбекистон таъин гардид.

Дар вақту соати муайяншуда ба Комитети Марказӣ рафтам. Дар он ҷо аввал маро мудири шӯъбаи идеология Шаҳобиддин Зиёмов қабул кард ва ҳамроҳ ба назди Нишонов бурд. Дар қабулхона ду нафари дигар – яке Раиси Кумитаи матбуоти ҷумҳурӣ Собир Қурбонов, дигаре директори нашриёти “Адабиёт ва санъат”-и ба номи Ғафур Ғулом Ҳасанбой Шарифов менишастанд. Ман онҳоро шинохтам. Тавре дар боло зикр кардам, аз рӯйи масъалаи нашри китоб бо онҳо чанд бор вохӯрда будам. Якҷоя ба назди Рафиқ Нишонов даромадем. Баъди салому дуруд ӯ дар бораи вазъи фарҳанг ва нашри китобҳо чанд сухан ҳарф заду билохир ба он мутасаддиёни нашриёт гуфт:

– Магар барои нашри ҳамин китоб дахолати Маскав ва шахсан роҳбари ҳукумат Горбачёв лозим аст?! Магар мумкин нест, ки ин китоб дар Тошканд нашр шавад? Бубинед, норозигӣ доир ба масъалаҳои миллӣ аз куҷо сар мезанад...

Баъд аз ин сӯҳбат дастнависи мо ҷавобан ба муроҷиат ба Котиби якуми КМ КПСС М. С. Горбачёв бо дастгирии Котиби Якуми КМ КП Ӯзбекистон Рафиқ Нишонов ва таҳрири Ҷонибек Қувноқ соли 1989 дар ҳамкории Нашриёти “Адиб”-и Душанбе ва Нашриёти “Адабиёт ва санъат”-и ба номи Ғафур Ғулом дар Тошканд бо теъдоди 30000 нусха чоп шуд.

Баъди нашри китоб ба чопи китобҳои бадеӣ, илмӣ ва дарсии адибон ва олимони тоҷики Ӯзбекистон роҳи васеъ кушода шуд. Нахуст китобҳои шеърии шоирон Салим Кенҷа, Акбар Пирӯзӣ, Ҳамроқул Даврон дар нашриёти “Адиб”-и Душанбе, рисолаҳои мо

ҳамчун маърӯзаҳо барои воизони ҷамъияти “Дониш” паиҳам дар Тошканд нашр шуданд...”

Насими Истиқлол расиду дар Самарқанд нашриёти “Суғдиёна” созмон ёфт, ки бештар китобҳои тоҷикӣ нашр мекард. Минбаъд нашриётҳои давлатӣ ва хусусӣ дар Тошканд низ китобҳоро ба забони тоҷикӣ нашр карданд, ки дар ин бобат хидмати устод Аслиддин Қамарзода калон аст.

* * *

Доираи пажӯҳишоти устод Аслиддин Қамарзода хеле васеъ буда, ӯ пайваста ба омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти адибони мумтоз Абуабдулоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Аҳмади Дониш, маърифатпарварони ибтидои асри XX Ҳоҷӣ Муин, Саидризо Ализода, Исматулло Раҳматуллозода, давомдиҳангдагони анъанаҳои онҳо Ҳасан Ирфон, Обид Исматӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони адабиёти рус ва халқҳои дигари ҷаҳон А.С. Пушкин, М. Горкий, Тарас Шевченко, Абай, Мухтор Авезов, Собит Муқанов, Чингиз Айтматов ва дигарон, муносибати онҳо бо адабиёти тоҷик ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ беш аз 500 мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ нашр карда, дар зиёда аз 100 анҷуманҳои бонуфузи байналхалқӣ маърӯзаҳо кардааст.

Инчунин силсилаи мақолаю гузоришоти дар бораи Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Болта Ортиқов, Мардонкул Муҳаммадкулов ва дигарон навиштаи ӯ сазовори таваҷҷуҳанд.

Мақолаҳои “Шоири маҳбуби халқи тоҷик”, "Ман аз миллати корам", “Лоҳутӣ ва Ӯзбекистон”, “Поэзия борьбы” (ба муносибати 100-солагии зодрӯзи Абулқосим Лоҳутӣ) “Шоири ҷанговар” (ба муносибати 50-солагии Ҳабиб Юсуфӣ), “Севимли ёзувчи ва моҳир таржимон” (бахшида ба 70-солагии адиб ва тарҷумони тоҷик Ҳасан Ирфон), “Жасоратга бахшида ижод”, “Нуронӣ”, “Сарбози қалам” (бахшида ба Нависандаи халқии Тоҷикистон Фотеҳ Ниёзӣ), “Ифтихори Сайқали рӯи замин” (ба муносибати 60-солагии Ботурхон Валихоҷаев), "Дар хаёлаш замину кайҳон ва маънои ҳаёти инсон” (ба муносибати 50-солагии нависанда Адаш Истад), “Мунодии дӯстии халқҳо” (ба шарафи 100-солагии адиб ва олим

Раҳим Муқимов), “Болаларнинг севимли шоири эди” (ба муносибати 90-солагии шоири бачаҳо Мардонқул Муҳаммадқулов), “Самарқанд аз назари адиби таърихнигор” (ба хотираи Расулхон Ҳодизода ба сифати андешаҳо оиди китоби ӯ "Самарқанднома"), “Чеҳраҳои машҳури маърифат” (ба шарафи 130-солагии Тӯрақул Зеҳнӣ), “Муҳаққиқи барҷаста”, “Олим, шоир ва устод” (ба муносибати 60-солагии олими адабиётшинос, академик Воҳид Абдулло), “Машъали маърифат” (ба муносибати 140-солагии олими маърифатпарвар Исматулло Раҳматуллозода, “Мужда зи фасли гул расонем” (ба хотири шодравон Ҷонибек Қувноқ), “Ёди устод ва донишманди мумтоз” (ба шарафи 100-солагии адабиётшиноси тоҷик, профессор Холиқ Мирзозода), “Эъзозгари табиати диёр” (ба муносибати 90-солагии адиби маҳбуб Болта Ортиқзода) ва боз мақолаҳои дигар аз ин ҷумлаанд, ки дар бораи ҳаёт ва фаъолияти адибону олимон навишта шуда, дар матбуоти давр нашр гардидаанд.

Устод Аслиддин Қамарзода барҳақ Қомуси зиндаи таърихи фарҳангу адаб ва маърифату табиати Самарқанд мебошанд. Ин аст, ки дар байни мақола, гузориш ва мусоҳибаҳои устод, мақолаҳои зиёдро на танҳо дар бораи фарҳангу адабиёт ва маърифату журналистика, балки доир ба соҳаҳои дигар, рӯзгор ва кору бори шахсони касбу корашон гуногун дидан мумкин аст. Аз ҷумла, “Суханшиносу дилогоҳ буд” (дар бораи устоди зиндаёд, донишманди адабиёт Талъат Абдуҷабборов), “Курсимизнинг машъаллари” (дар бораи шарикдарсонаш дар донишгоҳ Рауф Маъруфов, Ҳоҷарой Рустамова ва Саттор Худойбердиев), “Мунису мушфиқ эди” (дар бораи ҳамсари зиндаёдаш Ҳоҷарбиби Қамароваа (Рустамова), ки 40 сол якҷоя зиндагӣ ва дар як ҷой кор кардаанд), “Таомаш лазизу суханонаш ширин” (дар бораи маҳорати ошпази маъруф, ғолиби озмуни "Беҳтарин ошпази ҷумҳурӣ" Маъруф Ғаниеви Самарқандӣ, “Кошонаи шоирон” (ба муносибати дар Самарқанд кушода шудани осорхонаи шоирон – Ориф Гулханӣ ва Олимҷон Орифӣ), “Марди фозилу инсони асил буд” (ёдбуди устоди забони форсӣ Далилӣ Ҳодӣ Ҳусайн), “Ростгӯю ростқавл буд” (дар бораи дӯст ва ҳамкори худ Рауф Маъруфӣ), “Илмат ба амал чу ёр гардад…” (ба муносибати 50-солагии яке аз омӯзгорони соҳибфазли забон ва адабиёти тоҷик Абдуқодир Носиров) ва ғайра.

Устод Аслиддин Қамарзода дар ҳаёт ва эҷод марди байналмилал аст. Ӯ аз намонядагони миллатҳои гуногун дӯстон дорад, адабиёт ва фарҳанги халқҳои бародарро меомӯзад, ҳаёту меҳнати онҳоро эъзоз менамояд. Бахусус, эҳтироми ӯ ба намояндагони илму маърифати яҳудиёни бухороӣ назаррас аст. Мо инро чӣ дар мулоқоту гуфторҳои ӯ ҳангоми сафараш дар Амрико, чӣ аз навиштаҳояш дар бораи фаъолияти олимону адибонаш равшан дида метавонем. Аз ҷумла, “Дар дилу дидаҳо” (ба шарафи 90-солагии донишманди таърих Маноше Абрамов, "Овози Самарқанд", 27 феврали соли 2016), “Қалбам ба Самарқанди куҳан монд - мегӯяд Михоэл Завул” (ба 80-солагии зодрӯзи адиби яҳудии бухороӣ - самарқандиюласл Михоэл Завул, "Овози Самарқанд", 19 декабри соли 2015), “Вспоминая Устоза Гавриэла Муллокандова” ("The Bukharian Times", Газета общини бухарских евреев Америки. Нью-Йорк, 7-13 августа 2015 г) далели ин гуфтаҳои мо ҳастанд.

* * *

Тазкиранигорӣ дар Самарқанд таърихи қадима дошта, дар адабиётшиносӣ номи Давлатшоҳи Самарқандӣ, Малеҳои Самарқандӣ, Мутрибӣ ҳамчун тазкиранавис маълум аст. Ҳамин анъана дар асри XX аз ҷониби Садриддин Айнӣ бо тазкираи “Намунаи адабёти тоҷик” идома ёфт.

Гарчи минбаъд донишномаҳо (Энсиклопедия), маҷмӯаҳои дастҷамъӣ (Антология), маълумотномао (Справочник) аз қабили “Энсиклдлопедияи миллии тоҷик”, “Энсиклопедитяи адабиёт ва санъати тоҷик”, “Адибони Тоҷикистон” ва амсоли инҳо табъу нашр ва дар онҳо доир ба ҳаёт ва эҷодиёти адибон маълумотҳо дода шудаанд, Аслиддин Қамарзода аз аввалин шахсонест, ки бо китоби “Гулдастаи Самарқанд” ба тазкиранигорӣ руҳи тоза бахшид. Баъди чанд муддат аз ҷониби устод Аслиддин Қамарзода маҷмӯаи “Гулистони адаб” офарида шуд ва он бо дастгирии Сарвари вакт, Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар нашриёти “Шарқ” бо теъдоди зиёд нашр шуд.

Ин китоб ба назари адабиётшиноси маъруф, ройзани фарҳангии Сафорати Ирон дар Ӯзбекистон ҷаноби Аббосалии Вафоӣ афтод ва бо маслиҳати ӯ “Донишномаи забон ва адабиёти тоҷики Ӯзбекистони қарни XX то кунун” таҳия шуда, бо веростории

ходими сафорат Ҷаъфари Муҳаммад ба ҳуруфоти форсӣ баргардонида шуд ва дар Теҳрон нашр гардид. Лекин аз чӣ сабаб бошад, ки беш аз 300 мақола дар бораи адибон ва ҳаёти адабии тоҷикони Ӯзбекистон аз дастнависи ин китоби пурмӯҳтаво берун монд. Пас аз он мураттиби китоб чанд сол аз пайи нашри пурраи он дар Ӯзбекистон ё Тоҷикистон гардид.

Дар замони Истиқлол, махсусан баъди ба сари ҳукумат омадани марди равшанзамир ва маърифатпарвар, Раисиҷумҳури Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва дӯстиву рафоқати ӯ бо Ҷаноби Олӣ, Пешвои тоҷикони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон барои ривоҷу равнақи забон ва адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон, нашр намудани осори адибон низ имкониятҳо афзуданд.

Адиб ва донишманди адабиёт Аслиддин Қамарзода ба анъанаҳои тазкиранависии ниёгон пайравӣ намуда, “Донишномаи-тазкираи суханварони тоҷики Ӯзбекистони қарни XX ва ибтидои асри XX1”-ро омодаи нашр кард.

Дар ин китоб баробари маълумоти энсиклопедӣ, дар бораи беш аз 600 нафар адибон ва олимони суханвар, омӯзгорони эҷодкор маълумот сабт гардида, намунаҳо аз осори онҳо оварда шудааст. Инчунин, дар бораи марказҳои адабӣ ва маҳфилҳои адабӣ, ки дар аксар мавзеъҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон фаъолият доранд, низ маълумот дода шудааст.

Китоби мазкур дар ҳаҷми беш аз 100 ҷузъи чопии ранга дар асоси шартномаҳои равобити дӯстии фарҳангу адабиии байни Тоҷикистону Ӯзбекистон бо дастгирии Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ дар Нашриёти “Дониш”-и АМИ соли 2022 аз нашр баромад.

Бояд гуфт, ки аксар маводи ин китоб дар шакли мақолаҳои ҷудогона, пешгуфтор ва ё тақризҳо дар бораи суханвароне, ки дар китоб зикрашон рафтааст ва аз осорашон намунаҳо оварда шудааст, дар рӯзнома ва маҷаллаҳо, маҷмӯаи мақолаҳо, тазкира-баёзҳои “Гулистони адаб”, “Мадҳи Самарқанд”, “Тазкираи эҷодкорони муҳоҷир”, нашри нави (мукаммали) “Таронаҳои Самарқанд” нашр шудаанд.

Дар ин бобат мақолаҳои дар бораи ҷадид-маърифатпарварони ибтидои асри XX Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ, Ҳоҷӣ Муин Шукрулозода, Исматулло Раҳматуллозода, Обид Исматӣ, Саидаҳмад Аҷзӣ, Васлӣ,

Ориф Гулханӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Қутбӣ, донишмандони адабиёт аллома Воҳид Абдуллои Самарқандӣ, академик Ботурхон Валихоҷаев, Расул Ҳодизода, Холиқ Мирзозода, Раҳим Муқимов, Талъат Абдуҷабборов, Раззоқ Ғаффоров, Абдусалом Самадов, Ҳамроқул Шодиқулов, адибон Фотеҳ Ниёзӣ, Мардонқул Муҳаммадқулов, Абдусалом Деҳотӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Шодон Ҳаниф, Насим Раҷаб, Болта Ортиқзода, Ҷонибек Қувноқ, Салим Кенҷа, Акбар Пирӯзӣ, Сафия Носирова, Муайяна Хоҷаева, Ҳамроқул Даврон, Саттор Аҳрорӣ, омӯзгорони эҷодкор Холбой Ҷалил, Зиё Носир, Муяссара Баҳодурова, Дилбар Нуриддинова, Шоиста Аббосова ва дигарон нашркардаи мураттиб ҷолиби таваҷҷӯҳанд.

Мураттиби ин донишнома-тазкира дар ҷараёни таҳияи он аз тазкираву маҷмӯаҳои дастҷамъии “Ганҷи Зарафшон”,“Ҷилои ахтарони Сӯх”, “Сарводаи Сурхон” ва маҷмӯаҳои осори адибони ҳавзаҳои адабии Фарғона, Сурхондарё, Форишу Нурато ва ғайра низ истифода бурдааст, ки ин аз ҳаёти адабии мавзеъҳои гуногуни тоҷикнишини Ӯзбекистон ба хубӣ хабар доштани ӯ дарак медиҳад.

Аслиддин Қамарзода дар кори тарғиби ҳаёт ва фаъолияти адибон ва олимон тавассути маърӯзаҳо ва нашри варақаҳои махсус (плакатҳо) тариқи интишороти Ҷамъияти “Дониш” ва Ҷамъияти китобдӯстон, ки онҳо барои тарғиби дониш ва китоб байни омма замоне фаъолияти хоса доштанд, низ хидматҳои арзанда кардааст. Дар ин бобат варақа-плакатҳои дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Ҳоҷӣ Муин, Абулқосим Лоҳутӣ, Воҳид Абдуллоев, Раҳим Муқимов, Фотеҳ Ниёзӣ, Дӯстии халқҳо – дӯстии адабиётҳо, лекторий ва маҷмӯаҳое, ки барои маърӯзачиён ва тарғиботчиён муқаррар гардидаанд ва нашр кардааст, далели равшан шуда метавонанд. Аз ҷумла, “Ҳоҷи Муин Шукруллозода” (Туғилганига 120 йил тўлиши муносабати билан, плакат: Самарқанд, 2003); “Олим, адиб, устоз”. (Ёзувчилар союзининг аъзоси, Ўзбекистонда хизмат кўрсатган фан арбоби, филология фанлари доктори, профессор Раҳим Муқимов таваллудининг 60 йиллиги муносабати билан плакат) ва ғайра.

* * *

Дӯстӣ ва рафоқат асоси маънои зиндагӣ ва фаъолияти илмию эҷодии устод Аслиддин Қамарзода мебошад, ки мо инро дар баромадҳои мавсуф дар маҷлисҳои мизи мудаввар, анҷуманҳои

бонуфузи марбут мебинем. Масалан, мухбир А. Воҳидов дар мақолаи худ таҳти унвони “Бар мурод бо дӯстӣ битвон расид” ("Ҷавонони Тоҷикистон", 4 январи соли 1989) бо Аслиддин Қамарзода дар бораи "Ахбори рӯзи аввал" сӯҳбат ороста, дар он сухан роҷеъ ба дӯстиву ваҳдати мардуми сермиллати Ӯзбекистон, алалхусус Самарқанд меравад. Ё дар мақолаи “Мақсадлар муштарак” ("Совет Ӯзбекистони", 1990 йил, 31 январ) сухан дар бораи суҳбати гирди мизи мудавваре меравад, ки таҳти ҳамкории таҳририяти рӯзномаи "Совет Ӯзбекистони" ва Кумитаи ҳизбии вилояти Самарқанд ташкил гардида, дар он масъалаҳои муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ шудааст.

Дар китоби “Гулдастаи Самарқанд” дар бораи 20 нафар эҷодкорони Самарқанд маълумоти энсиклопедӣ дода шуда, аз осорашон намунаҳо оварда шудааст. Инчунин, дар “Гулистони адаб”, “Таронаҳои Самарқанд”, “Мадҳи Самарқанд”, “Донишнома-тазкираи суханварони тоҷики Ӯзбекистони асри XX ибтидои асри XXI”, “Бӯстони мухаммас” на танҳо дар бораи адибони Самарқанд, балки аз рӯйи талаботи махсусияти китобҳои номбаршуда: дар бораи шоироне, ки дар бораи Самарқанд шеър гуфтаанд; дар бораи онҳое, ки осорашон дар маҷмӯаи мактабии “Гулистони адаб” интихобан дохил шудааст; дар “Донишнома” низ ҳамин тавр маълумот оварда шудааст.

Ҳамин хусусияти нигорандагии ӯ дар бораи муҳити адабии Самарқанд дар ҷараёни роҳбарӣ намудан ба корҳои илмии донишҷӯён ва пажӯҳишгарони ҷавон низ равшан ба назар мерасанд. Аз ҷумла, чунин пажӯҳишоти илмии донишҷӯёне, ки таҳти роҳбарии устод Аслиддин Қамарзода ба сомон расонида шудааст: Саймиддинова Гулчеҳра – “Мавзӯъ ва ғояи маҷмӯаи ҳикояҳои Асадуллоҳ "Осиёи қисмат" ("Пажӯҳишоти суханшиносӣ", Самарқанд 2008), Узоқова Муҳиба – “Мавқеи "шеъри нав" дар эҷодиёти шоирони муосири тоҷики Ӯзбекистон” ("Пажӯҳишоти суханшиносӣ", Самарқанд, 2008), Сатторова Фирӯза – “Адабиёт ва матбуоти зуллисонайни аввали асри XX” ("Пажӯҳишоти суханшиносӣ", Самарқанд, 2010), Беҳзоди Сафарзод – “Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Акбар Пирӯзӣ” ("Пажӯҳишоти суханшиносӣ", Самарқанд, 2010), Манижа Шомақсудова– "Дар паноҳи Ҳиндукуш"-и Шодон Ҳаниф ҳамчун романи ҳуҷҷатӣ”.

("Пажӯҳишоти суханшиносӣ", Самарқанд, 2010), Баҳора Қосимова – "Анъана ва навгониҳо дар фолклори тӯйи тоҷикони Самарқанд" ("Пажӯҳишоти суханшиносӣ", Самарқанд, 2010) ва ғайра.

Ин хидматҳои ӯ дар варақаи махсус-плакате, ки аз ҷониби корманди масъули шӯъбаи вилоятии Ҷамъияти "Дониш" Тамара Баласанова ва аъзои ҷамъияти мазкур профессор Н. Шарофов таҳти унвони "Лектор – методист" нашр шудааст, низ ифодаи худро ёфтаанд. Муаллифон дар ин варақа маҳорати воизӣ ва тарғиботии Аслиддин Қамарзодаро тариқи мисолҳо бо овардани суратҳо аз фаъолияти ӯ нишон додаанд.[4]

* * *

Устод Аслиддин Қамарзода яке аз посдорони анъанаҳои ниёгон, бахусус расму оинҳои ҷашнвораи Наврӯз буда, дар ин хусус низ мақола ва гузоришҳои илмӣ ва оммавӣ навиштааст. Дар бораи ҷашни фархундаи Наврӯз тавассути радио, телевизон ва дар маъракаҳои наврӯзӣ дар маҳаллаҳо, ҷамоаҳои меҳнатӣ, мактабу донишкадаҳо баромадҳо карда, дар матбуот низ як қатор мақолаҳо нашр кардааст. "Наврӯз муборак!" ("Зарафшон", Панҷакент, 20 марти соли 1971), "Табиатнинг янги либоси" ("Ленин йӯли", 1971 йил, 23 март), "Иди шодӣ ва меҳнат". ("Зарафшон", Панҷакент 21 марти соли 1972), "Баҳор байрами", ("Совет Тожикистони", 1976 йил, 21 март), "Дил дилга ҳамдам". ("Ленин йӯли", 22 март, 1983 йил), "Ба анъанаҳои аҷдодон содиқ монда…" ("Афросиёб", 22 марти соли 1990) ва ғайра аз ин ҷумлаанд.

Инчунин , дар китоби "Наврӯзи Тоҷикистон" (Тошканд, 2019) аз диду боздиди худ дар рӯзҳои иштирок дар ҷашни Наврӯзи Тоҷикистон, табрики ӯ тавссути қироати мувашшаҳ дар васфи Пешвои Миллат, Президенти Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва иштирок дар тантанҳои наврӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон баён карда шудааст.

---

[4] Шаропов Н.А., Баласанова Т.А. Лектор – методист.. Из опыта организации лекционной пропаганды и методической работы доцента кафедры литературы народов СССР и теории литературы Самаркандского государственного университета имени Алишера Навои, председателя научно-методической секции пропаганды художественной культуры Самаркандской областной организации Общества "Знание" Аслиддина Камарова. Подготовлен по решению НМС пропаганды художественной культуры при Правлении областной организации Общества "Знание", Самарканд, 1988.

# МАЪРИФАТПАРВАРИ ЗАМОН

“Аслиддин Қамарзоданинг ёшлар тарбияси тўғрисида, халқлар ўртасидаги дўстлик, бадиий адабиёт ва санъатнинг долзарб масалаларига бағишланган маърузалари, матбуотда эълон қилинган илмий-оммабоп мақолаларида – унинг ҳар бир чиқишида давр ва замон билан ҳамнафаслик сезилади…"

***Акбар АҲТАМОВ,***
***фалсафа фанлари доктори, профессор,***
***Ўзбекистонда хизмат кўрсатган фан арбоби.***

Аслиддин Қамарзода на танҳо ҳамчун назариётчӣ ва пажӯҳишгари осори адибон, балки ҳамчун амалиётчии соҳаи таълими забон ва адабиёт низ шинохта шудааст. Дар ин бобат ҳанӯз аз солҳои аввали омӯзгорӣ дар донишгоҳ ӯ баробари пайравӣ ба устодони худ Раҳим Муқимов, Талъат Абдуҷабборов, Раҳмон Эгамбердиев, ки ҳоло ҳамкори онҳо буд, дар ҷараёни таълим ба адабиёти илмӣ ва услубӣ, ки дар маҷаллаҳои Москва, Душанбе ва Тошканд нашр мешуданд, таваҷҷуҳи махсус медод ва худаш низ нахустин мақолаҳои услубиашро доир ба таълими адабиёт, таҳияи корҳои курсӣ ва дипломӣ дар рӯзнома ва маҷаллаҳо нашр мекард. Ин буд, ки ҳанӯз дар ҳамон солҳо омӯзгори ҷавонро барои хондани маърӯзаҳо ба шунавандагони курси такмили ихтитсоси муаллимони забон ва адабиёти тоҷик ба Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи таълими халқи вилояти Самарқанд даъват менамуданд.

Дар ин ҷо муаллимони забон ва адабиёти тоҷик аз вилоятҳои Ӯзбекистон даъват мешуданд. Азбаски бештарини онҳо Аслиддин Қамарзодаро пештар тавассути мақолаҳои илмӣ-методӣ ва даъватҳояш оиди рушди таълим, ки дар рӯзномаҳои “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (“Овози тоҷик”) ва “Маориф ва маданият” (“Газетаи муаллимон”, “Омӯзгор”) нашр мешуданд, мешинохтанд, маърӯзаю маслиҳатҳояшро оиди тадриси адабиёт хуш пазирой мекарданд, оиди ҳалли муаммоҳои таълиму тадрис маслиҳатҳо мепурсиданд.

Ҳамон солҳо гузаронидани олимпиадаҳои фаннӣ дар миқёси Ҷумҳурии Ӯзбекистон роҳандозӣ шуда, вале аз чӣ сабаб бошад, ки

бо вуҷуди дар аксар вилоятҳои Ӯзбекистон (ба ҷуз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм) мавҷуд будани мактабҳои таълим ба забони тоҷикӣ, аз забон ва адабиёти тоҷик олимпиада ташкил намешуд.

Дар ҷараёни тадрис ва мулоқот бо шунавандагони курси такмили ихтисос ҳамин суол ҳам ба миён омад. Аслиддин Қамарзода барои ҳалли ин масъала ба Вазорати таълими халқи Ӯзбекистон муроҷиат намуд ва ба ҳал кардани ин масъала муваффақ шуд: ниҳоят, охири солҳои 80-уми асри гузашта бори нахуст олимпиадаи ҷумҳурӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дар Самарқанд гузаронида шуда, барои иштирок ба он аз аксар вилоятҳои Ӯзбекистон иштирок карданд. Дар ҳайати доварон аз Донишгоҳи давлати Самарқанд дотсент Солеҳ Ҳалимов ва омӯзгорони пешқадам аз мактабҳои вилоятҳо низ дохил шуда буданд. Раиси ҳайати доварон Аслиддин Қамарзода интихоб шуда буд. Мутасаддиёни корҳои ташкилӣ кормандони Маркази таълими ҷумҳурӣ буданд, ки он ба тозагӣ созмон ёфта буд.

Олимпиада дар Самарқанд бо муваффақият гузашт. Лекин дар ҷараёни гузаронидани он мушкиле пайдо шуд: чаро дар Маркази таълими ҷумҳурӣ, ки дар назди Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон созмон ёфта буд, нафаре нест, ки бо мушкилоти мактабҳои тоҷикӣ, бавижа таълиму тадриси забон ва адабиёти тоҷик сару кор дошта бошад.

Боз устод Аслиддин Қамарзода ба Вазорати таълими халқӣ муроҷиат намуд. Хушбахтона, ҳамон солҳо дар вазорат Рустам Аҳлиддинов ном марди фозиле, ки хатмкардаи факултети филологияи руси Донишгоҳи давлатии Самарқанд буд, дар вазифаи масъул фаъолият дошт. Ӯ ин масъаларо хуб омӯхт ва дар назди Маркази таълими ҷумҳурӣ Шӯрои забон ва адабиёти тоҷик таъсис ёфт. Ба вазифаи услубшинос-методист хатмкардаи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд Ғоибназар Бекназаров таъин шуд. Раиси Шӯро дар асоси ҷамотӣ устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Аслиддин Қамарзода интихоб гардид[5].. Баъди даргузашти нобаҳангоми Ғоибназар ин вазифа ба

5. Б. Дарӣ. Нахустҷамъомади Шӯро. "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 31 октябри соли 1989. Оиди ҷамъомади нахустини Шӯрои илмӣ-услубии таълими забон ва адабиёти тоҷик дар назди Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

зиммаи донишманди забоншинос Холназар Ӯролзода вогузошта шуд.

Дар солҳоли аввали Истиқлол дар соҳаи таълими халқӣ низ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омада, дар назди Маркази таълими Ҷумҳурӣ аз ҷумла Шӯрои таълими забон ва адабиёти тоҷик муаммоҳои нав пайдо шуданд. Аз ҷумла, бинобар қатъ шудани муноситбатҳо дар соҳаи таълим бо Тоҷикистон, ки пештар ҳамаи китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ барои Ӯзбекистон аз он ҷо меомад, дар ин бобат барои мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон муаммои бо китобҳои дарсӣ таъмин намудани омӯзгорон ва донишомӯзон ба миён омад.

Барои ҳалли ин муаммоҳо донишманди маъруф, муаллифи чандин китобҳои дарсӣ аз забони тоҷикӣ, узви вобастаи Академияи Улуми Тоҷикистон Раззоқ Ғаффоров, ки бинобар воқеаҳои нохуши солҳои аввали Истиқлол дар Тоҷикистон ба зодгоҳи худ Самарқанд баргашта, дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар вазифаи мудири кафедраи забони тоҷикӣ фаъолият мебурд, ба шӯрои мазкур даъват шуд.

Дар ибтидо аъзоёни шӯрои мазкур вазифадор шуданд, ки нахуст китобҳои дарсию таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ таҳия ва нашр шаванд. Зеро дар асоси "Қонун дар бораи таълим", ки дар солҳои аввали Истиқлол дар Ӯзбекистон қабул шуд, ба таҳия ва нашри дастуру барномаҳои таълимӣ, интишори китобҳои дарсӣ барои мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон низ имкониятҳо ба вуҷуд омаданд.

Баъди даргузашти академик Раззоқ Ғаффоров дере нагузашта Холназар Ӯролзода ҳам бинобар ба кори дигар гузаштанаш аз вазифа даст кашид. Баъд бо тавсияи Аслиддин Қамарзода ба ин вазифа Ҷумъаназар Эшонқулов, ки баъди хатми Донишгоҳи давлатии Бухоро таҳсили худро дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба поён расонида, барои худ коре пайдо накарда буд, таъин шуд...

Чандин сол буд, ки омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои таълими ҳамагонии ноҳияи Самарқанд ҳафтае як маротиба бо навбат дар мактабҳои ноҳия сифати таълими дарсҳои

якдигарро санҷида, оиди фаъолияти кории ҳамдигар, тарзу услуби дарсдиҳӣ, истифода аз китобҳои дарсӣ, асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникӣ ва дидактикӣ, аз бар намудани дарсҳои омӯзгорон аз ҷониби донишомӯзон ошно гардида, ба фаъолияти ҳамдигар баҳо медоданд, аз комёбиҳо ибрат гирифта, бароиислоҳи нуқсонҳо мубодилаи афкор менамуданд. Азбаски аксари онҳо хатмкардагони бахши суханшиносии тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд буданд, аз устодони худ, дар навабати аввал аз Раҳмон Эгамбердиев ва Аслиддин Қамарзода, ки дар донишгоҳ яке аз методикаи таълими забон ва дигаре аз методиаи таълими адабиёт дарс мегуфтанд, маслиҳат мепурсиданд. Дар ин байн дубора мушкилоти набудани китобҳои дарсӣ ба миён омад ва онҳо боз ба устодони худ муроҷиат намуданд

Нахуст бо сайъу эҳтимоми Аслиддин Қамарзода, ки аз соли 2002 аз нав вазифаи ҷамоатии раиси Шӯрои илмӣ-услубии забон ва адабиёти тоҷикро дар Маркази таълими ҷумҳурӣ ба ӯҳда дошт, "Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои V-IX" таҳия шуда, бо муҳокимаҳои зиёд аз тасдиқи Вазорати таълими халқ гузаронида шуд ва нашр гардида, ба мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон дастрас карда шуд.

Баъди қабули "Қонун дар бораи забони давлатӣ" дар солҳои аввали Истиқлол, дар "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ" низ дигаргуниҳо дохил гардида, он аз нав нашр шуд. Лекин дастрас намудани он барои тоҷикони Ӯзбекистон, бахусус омӯзгорони мактабҳои тоҷикӣ аз имкон берун буд. Устод Аслиддин Қамарзода бо дарназардошти ин, тавассути Сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон нусхаеро аз ин китобча дастрас намуда, барои зарурияти он дар мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон сарсухане навишта, онро дар Тошканд бо таъдоди зиёд нашр ва ба мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон паҳн кард[6].

Устод Аслиддин Қамарзода ба ин вазифа, ки ҷамъиятӣ ва бидуни музд бошад ҳам, бо масъулият назар карда, барои рушди таълим дар мактабҳои миёна ва олӣ тадбирҳои зиёде ба сомон

5 "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ". Нашриёти "Муҳаррир", Тошкент, 2013, Мактуби эзоҳии А. Қамарзода дар саҳ, 3-6. Ин китоб аз ҳисоби худи муаллиф бо теъдоди 5000 нусха чоп ва ба ҳама мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон паҳн карда шудааст.

расонида, мақолаҳои зиёдро дар матбуот нашр ва дар анҷуманҳои бонуфузи байналхалқӣ, ҷумҳурӣ ва ғайра бо маърӯзаҳои пурарзиш баромад кард. Аз ҷумла, маърӯзаҳои ӯ “Таълим тожик тилида олиб бориладиган мактаблар ва уларни такомиллаштириш истиқболлари” дар китоби “Таълимни такомиллаштириш ва ижтимоий интеграцияни қўллаб-қувватлаш: кўпмиллатли жамият муаммолари Халқаро анжумани материаллари” ОБСЕ, Бухоро, соли 2004 (ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ), “Таълими адабиёт – мувофиқи талаботи давр” дар китоби "Бӯстони маърифат” (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ-услубӣ ба ёрии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик. Китоби дуюм, нашриёти "Зиё чашмаси", Тошканд, 2004), “Вазъи таълими адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар Ӯзбекистони имрӯза” (дар китоби “Маводи анҷумани Дувумин ҳамошаи байналхалқии пажӯҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ”, Донишкадаи тарбияти мадрасаи Теҳрон, испандмоҳи 1382 (10-11 марти соли 2004), “Дилро ба дил раҳест” (дар китоби "Пайванд", номаи анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, 11, тобистони соли 2006, Душанбе), “Таълими адабиёте, ки саршори панду ҳикмат аст” (дар китоби "Шарқшиносӣ", маҷмӯаи мақолаҳо, Самарқанд, 2006) ва ғайра нашр шудаанд.

Якчанд китобҳои дарсӣ дар асоси Барномаҳои таълимӣ барои мактабҳои таълим ба забони тоҷикӣ ва бахши филологияи тоҷики донишгоҳҳои Ӯзбекистон бо сарварии Аслиддин Қамарзода таҳия ва нашр шудаанд, ки китобҳои зерин аз ин ҷумлаанд: “Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои V-IX”. (Тартибдиҳандагон Аслиддин Қамарзода, Садрӣ Саъдиев, Солеҳ Ҳалимов, Абдусалом Самадов, Умеда Қамарова, нашриёти “Зиё чашмаси”, Тошканд, 2003), “Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои X-XI”. (Нашриёти “Зиё чашмаси”, Тошканд, 2003), Барномаҳои таълимӣ аз фанни "Таърихи адабиёти ҷаҳон", "Адабиёти ӯзбек" ва "Асосҳои журналистика" барои факултети филологияи тоҷик, Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои X-XI (нашри дуюм бо такмилу таҳрир, нашриёти “Зиё чашмаси”, Тошканд, 2005).

Аслиддин Қамарзода ҳамчун устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, муаллифи як қатор мақола ва рисолаҳои илмӣ-услубӣ, васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ ва миёна мебошад. Аз ҷумла, китобҳои дарсии "Адабиёти ӯзбек" (2002),

"Адабиёти ҷаҳон" (2003) барои донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик, китоби дарсӣ-маҷмӯа аз "Адабиёт" барои синфи 5 (2004), маҷмӯаи дастҷамъӣ - васоити таълимии "Гулистони адаб", "Таърихи адабиёти ҷаҳон" (дар се китоб, нашри Донишгоҳи давлатии Самарқанд, солҳои 2006- 2012), "Нишондодҳои методӣ оид ба таҳияи корҳои курсӣ аз адабиёт барои донишҷӯёни факултети забон ва адабиёти тоҷик" (Самарқанд, 2006), "Адабиёт" (китоби дарсӣ барои синфи XI) аз ин ҷумлаанд.

Аслиддин Қамарзода вақте китоби дарсии "Адабиёт"-ро барои синфи 5 менависанд, онро чанд нусха бароварда, барои муҳокима ба мактабҳои тоҷикии ноҳияҳои Самарқанд, Сӯх, Сариосиё, Нуробод, ки дар онҳо омӯзгорони соҳибтаҷриба, шефтаи таълим ва эҷодкор аз забон ва адабиёти тоҷик дарс медоданд, мефиристад.

Баъди чанд муддат дар мактаби рақами 29-и ноҳияи Самарқанд муҳокимаи дастнависи ин китоб бо иштироки омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои ноҳияҳои Ургут, Тайлоқ, Нуробод, Пастдарғам ва шаҳри Самарқанд, устодони кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи таълими халқи вилояти Самарқанд, услубшиносони Садорат ва шӯъбаҳои таълими халқии вилоят барпо гардид ва қариб панҷ соат давом кард.

Гарчанд ин китоб дар асоси барнома, мувофиқи талаби рӯз навишта шуда, муаллиф дар таҳияи он меҳнати зиёд ба харҷ дода буд, аз ҷониби иштирокчиёни маҷлис ҷиҳати боз ҳам хубтар шудани он фикру мулоҳизаҳои муҳим баён шуданд. Дар асоси маслиҳатҳои дар муҳокима баёншуда муаллиф дастнависро аз нав кор карда, боз аз назари омӯзгорони соҳибтаҷриба гузаронид ва баъд ба Маркази таълими ҷумҳурӣ тақдим кард.

Дастнавис дар Шӯрои илмӣ-услубии Маркази таълими Ҷумҳурӣ низ бо иштироки зиёда аз 20 нафар омӯзгорон аз вилоятҳои гуногун муҳокима гардида, ба нашр тавсия шуд.

Ҳама интизори зудтар нашр шудани ин китоб буданд. Ниҳоят китоб бо кӯшишоти зиёд соли 2004 дар нашриёти "Шарқ" аз нашр баромад. Баъди нашри он дар саҳифаҳои матбуот тақризу мулоҳизаҳо чоп шуданд.

Соли 2005 нашри дуюми китоб бо ислоҳи баъзе нуқсонҳо нашри аввал бо теъдоди зиёда аз даҳ ҳазор нусха аз чоп баромад.

Оиди ин китоб дар матбуоти Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Ирон аз ҷониби устодони донишгоҳ, адибон, омӯзгорони соҳибтаҷриба чанд тақризу мулоҳизаҳои ҷолиб навишта шуданд.

Бо назардошти Вазорати таълими халқи Ӯзбекистон дар мактаби рақами 21-и ноҳияи Самарқанд тақдимоти китоб хеле бошукӯҳ гузашт. Дар он намояндаи Вазорати таълими халқии Ӯзбекистон, доктори илми филология, профессор Ҳасан Қудратуллоев, устодони Донишгоҳи давлатии Самарқанд, профессор Садрӣ Саъдиев, дотсент Солеҳ Ҳалимов, ки ба дастнависи китоби мазкур тақриз навиштаанд, муовини ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, профессор Шаҳриёр Сафаров, номзади илми педагогика, дотсент Салим Кенҷаев, номзадҳои илми филология, дотсентон Абдусалом Самадов, Амон Воҳидов, Марҳабат Истамова, омӯзгорони тоифаи олии забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои вилоят, адибони маҳаллӣ, намояндагони расонаҳои ахбори оммавӣ, вакилони падару модарон, донишомӯзони фаъоли мактаб иштирок доштанд.

Инунин тақдимоти ин китоб дар ноҳияҳои Ургут ва Нурободи вилояти Самарқанд, дар мактаби деҳаи Пскоми ноҳияи Ғазалкенти вилояти Тошканд бо иштироки муаллиф баргузор шуданд.

Гуфтан мумкин аст, ки баъди нашри ин китоб гӯё барои табъу нашри китобҳои дарсӣ барои мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон "роҳ кушода шуд". Таи солҳои 2005-2007 китобҳои дарсии “Забони тоҷикӣ” ва “Адабиёт” барои синфҳои 6-11 аз нашр баромаданд. Лекин баъд аз ба муаллимон ва донишомӯзон дастрас гардидани китобҳо маълум шуд, ки баъзе аз ин онҳо бидуни муҳокима нашр шудаанд ва норасоиҳои зиёд доранд.

Дар маҷлисҳои Шӯрои илмӣ-услубии Маркази таълими Ҷумҳурӣ доир ба ин масъала гуфтугузор карда, ба методисти шӯъба Ҷумъаназар Эшонқулов, ки ӯ қариб дар аксар китобҳои дарсии “Забони тоҷикӣ” ва “Адабиёт” ҳаммуалиф шуда буд, дар бораи нуқсонҳои мавҷудаи китобҳои дарсӣ, ки аз ӯзбекӣ бо ғалатҳои зиёде тарҷума ва нашр гардидаанд, мулоҳизаҳо баён карда шуданд. Аммо дар аксар маврид ин эродҳо беҷавоб монданд. Дар айни замон низ ин масъалаи баҳсталаб то охир бартараф карда нашудааст.

Аз ҷумла, ҳайратовар он буд, ки ба ҷойи китоби "Адабиёт" барои синфи 5, ки аз ҷониби Аслиддин Қамарзода навишта шуда, сазовори эътибори омӯзгорону донишомӯзон гардида буд, соли 2011 бо имзои Юнус Азимов ва Ҷумъаназар Эшонқулов тариқи нашриёти "Ӯзбекистон" китоби дигаре бо номи "Адабиёт" барои синфи 5 бо теъдоди 6617 нусха аз чоп баромад. Дар ибтидо омӯзгорон гумон карданд, ки ин китоби дигар аст ва он шояд ҳамчун таҷриба (тақлид ба Россия) ба тариқи рақобатӣ (алтернативӣ) навишта шуда бошад. Лекин, баъди ба мактабҳо тақсим шудани китоб ва дубора нашр нашудани китоби Аслиддин Қамарзода маълум шуд, ки китоб "ғолиби тендери китобҳои дарсӣ гардидааст", вале бояд гуфт, ки аз китоби устод фаровон истифода гардида буд.

Аслиддин Қамарзода дар давоми фаъолияти худ дар вазифаи ҷамоатии Раиси Шӯрои забон ва адабиёти тоҷик дар назди Маркази таълими Ҷумҳурӣ на танҳо барои рушди таълиму тадриси забон ва адабиёт дар мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон, балки бобати таълими фанҳои дигар низ хидматҳои арзанда кард. Бо сайъу эҳтимоми ӯ китобҳои дарсӣ аз забон ва адабиёти тоҷик барои ҳамаи синфҳо аз ҷониби муаллифони маҳаллӣ – устодони мактабҳои олӣ ва омӯзгорони соҳибтаҷриба таҳия шуда, дар нашриётҳои бонуфузи давлатӣ – “Шарқ”, “Ӯзбекистон”, “Ӯқитувчи”, Нашриёти “Адабиёт ва санъат”-и ба номи Ғафур Ғулом бо теъдоди зиёд аз нашр баромаданд. Чунон ки дар боло ишора рафт, худаш нахуст китоби “Адабиёт”-ро барои синфи 5 навишта, баъд бо ҳамкории омӯзгорон ва услубшиносон китобҳои “Адабиёт”-ро барои синфҳои 8 ва 11 навишту манзури донишомӯзон ва омӯзгорони мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон гардонид.

Хидмати Аслиддин Қамарзода бобати Барномаи нави таълими адабиёт дар макатабҳои тоҷикии Ӯзбекистон пеш аз ҳама дар он аст, ки ӯ дар барномаи таълимии адабиёт аз синфи 5 то синфи 11 дар қатори адибони мумтозу муосири тоҷик, дар ҳар як синф таълими ҳаёт ва фаъолияти ду нафар адибони ӯзбек ва ду нафар намояндагони адабиёти ҷаҳонро дохил карда, аз осори ин адибон намунаҳо бо тарҷумаи тоҷикӣ овардааст.

Аслиддин Қамарзода дар тарҷумаи китоби “Одобнома” барои синфи чорум низ маҳорати хоса ба кор бурда, баъзе мавзӯъҳоро барои дарки бачагони тоҷик мувофиқ гардонидааст.

Тарҷумаи китобҳои дарсӣ аз фанҳои дигар низ аз китобҳои дарсии мактабҳои ӯзбекӣ сурат гирифтанд.

Пайваста бо ҳамаи ин Аслиддин Қамарзода барои рушди таълими забон ва адабиёти тоҷик дар як қатор анҷуманҳо баромад кард.

Аз ҷумла баромадҳои ӯ дар анҷуманҳои илмӣ-амалӣ, Анҷумани байналхалқии ОБСЕ оиди таълим дар мактабҳои мардуми камнуфузи Ӯзбекистон (Бухоро, сентябри соли 2004), Анҷумани байналхалқӣ оиди таълими забон ва адабиёти рус (Тошкент-Самарқанд, декабри соли 2005), Анҷуманҳои байналхалқии устодон ва пажӯҳишгарони забон ва адабиёти форсу тоҷик (Теҳрон, марти соли 2004, Душанбе, марти соли 2006), дар мавзӯи “Школы с таджикским языком обучения в Республики Узбекистан и их перспективы развития” дар Анҷумани дайналхалқии “Непрерывное образование в устойчивом развитиии: проблемы и решения” (Донишкадаи омӯзгории вилояти Тошканд дар Чирчиқ, 21-24 майи соли 2019), “Вазъи забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон”, дар Анҷумани байналхалқии “Робитаҳои адабӣ ва муколамаи фарҳангҳо” (Донишгоҳи давлатии Термиз, 19 -20 апрели соли 2019), ки матни аксари ин маърӯзаҳо нашр шудаанд, ҷолиби таваҷҷуҳанд.

Аслиддин Қамарзода тавассути матбуот, радио, телевизиони Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Ирон, Русия, Амрико ва шабакаҳои интернет доир ба забони модарӣ, адабиёт, илм, маърифат, фарҳанг (солҳои 1958-2021 мунтазам) баромад мекунад. Аз ҷумла мақолаҳои “Мулоҳизаҳо доир ба лоиҳаи программаи нави адабиёти тоҷик барои синфҳои V-XI” ("Мактаби советӣ", соли 1986, № 12). “Адабиёт ӯқитиш жараёнида студентларнинг мустақил ишлари”. ("Совет мактаби", № 1, Тошкент, 1987)., “Миллий истиқлол ғояси ва адабиёт таълими” (СамДУ илмий тадқиқотлар ахборотномаси, №4, 2001), “Ташаккули тафаккури истиқлоли миллӣ дар дарсҳои адабиёт”, "Зиёкор", № 4, 2001), “Саволҳои тест аз адабиёт”, ("Зиёкор" №9, соли 2001), Мактуби эзоҳӣ. "Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои V-IX”, нашриёти “Зиё чашмаси”, Тошканд, 2003, Пешгуфтори мураттиб дар китоби "Бӯстони маърифат".

(Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ-услубӣ ба ёрии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик, нашриёти "Зиё чашмаси", Тошканд, 2003) ҷолиби диққатанд.

Бояд гуфт, ки фаъолияти омӯзгорони пешқадам ва эҷодкор низ аз назари Аслиддин Қамарзода дур намонда, ӯ мушоҳидаҳои худро нисбат ба фаъолияти омӯзгорӣ ва эҷодии онҳо дар мақола ва тақризҳои худ ва пешгуфторҳо, ки ба китобҳои омӯзгорони эҷодкор навиштааст, баён мекунад. Аз ҷумла, мақолаи “Ҳар дарси ӯ як асар аст” (ба муносибати 50-солагии Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон Муяссара Баҳодурова, ки муаллифи якчанд мақолаҳои услубӣ ва китоби “Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҷонибек Қувноқ дар мактаби миёна” мебошад; дар китоби "Шамъи анҷуман", Самарқанд, 2009), инчунин мақолаҳои “Омӯзгори эҷодкор” ба сифати пешгуфтор ба китоби шеърҳои "Зинда бо шеър"-и омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Ҳусейн Рашидӣ ("Муҳаррир", Тошканд, 2010), “Ҳаёт уммонидан марварид каби терилган сатрлар” - пешгуфтор ба китоби “Муноҷот”-и омӯзгори эҷодкор Дилбар Нурриддинова ("Turon zamin ziyo", Тошкент, 2014) мисол шуда метавонанд.

Устод Аслиддин Қамарзода дар як қатор Анҷуманҳои илмӣ-амалӣ доир ба рушди маориф ва ривоҷи таълим, ки дар Тошканд, Теҳрон, Самарқанд, Бухоро, Тирмиз, Чирчиқ, Панҷакент гузаронида шудааст, иштирок ва баромад кардааст..

* * *

Устод Аслиддин Қамарзода ҳанӯз аз овони донишҷӯӣ барои тарғиби фаъолияти бахши суханшиносии тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд кӯшиши зиёд ба харҷ дода, на танҳо тавассути рӯзномаи “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (“Овози тоҷик”), ки он вақтҳо ягона минбари матбуоти тоҷикони Ӯзбекистон ба шумор мерафт, балки тавассути рӯзномаҳои марказӣ, нашрияҳои вилоятҳо ва ҳатто ноҳияҳои дурдасти Тоҷикистон низ баромад карда, оиди мавҷудияти чунин махзани илму маърифати тоҷикон дар Самарқанд хабар медод.

Чунончи: “Дар шӯъбаи тоҷикӣ”(“Маориф ва маданият”, 28 марти соли 1963), “Шӯъбаи тоҷикии дорулфунун” (“Ӯзбекистони сурх” - “Овози тоҷик” - 5 апрели соли 1963), “Шуморо мунтазир

ҳастем, ҷавонон” (“Байраҡи Октбярь”- рӯзномаи ноҳияи Ғончии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 майи соли 1966), “Марҳамат, ба шӯъбаи тоҷикӣ!” (“Зарафшон” - Панҷакент, 29 майи соли 1975), “Марҳамат ба шӯъбаи тоҷикӣ!!” (“Маориф ва маданият”, 5 июни соли 1973) ва ғайра.

Дар ин маҷолаҳо оиди шӯъбаи забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи ӯзбек ва тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарҷанд ва оғози маъракаи ҷабули донишҷӯён ба он маълумот дода шудаанд. Ба туфайли ҳамин маҷолаҳои Аслиддин Ҷамарзода аз ноҳияҳои гуногуни тоҷикнишини Ӯзбекистон – Бӯстонлиҷ ва Паркент, Бӯка ва Чиноз, Сӯх ва Риштон, Чуст ва Косонсой, Китоб ва Шаҳрисабз, Ғузор ва Деҳҷонобод, Сариосиё ва Бойсун, Вобкант ва Шофиркон, Ғиждувон ва Кармина, Нурато ва Фориш, аз Панҷакент, Ғончӣ, Истаравшан, ҳатто аз Хоруғи Тоҷикистон, Учҷӯрғони Ҷирғизистон, Ҷеттисойи Ҷазоҷистон, ки он ваҷтҳо дар шаҳру деҳоти ин ноҳияҳо мактабҳои тоҷикӣ бисёр буданд, барои таҳсил ба шӯъбаи тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарҷанд ҷавонон ва духтарон меомаданд ва бидуни ришваю ошноӣ, танҳо ба туфайли дониши худ ба донишгоҳ дохил мешуданд ва устод Аслиддин Ҷамарзодаро ҳамчун як шахси наздики худ медонистанд, ки номи онҳоро худи устод ҳоло низ ҳамчун шогирдони содиҷи худ бо эҳтиром ба ёд меорад.

Дар маҷолаи “Манбаи кадрҳои илмӣ”, ки чун мусоҳиба бо проректори донишгоҳ оид ба корҳои илмӣ, дотсент М.С. Собиров дар рӯзномаи “Ҳаҷиҷати Ӯзбекистон” (4 феврали соли 1966) нашр шудааст, оиди фаъолияти илмии устодону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Самарҷанд, аз ҷумла устодоне, ки баробари ба донишҷӯён дарс гуфтан бо корҳои илмӣ машғул мешаванд ва онҳо на танҳо ифтихори донишгоҳ, балки ливобардори илми Ӯзбекистон мебошанд, сухан меравад. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ин олимон намояндагони миллатҳои гуногун мебошанд ва ногуфта намонад, ки ҳамон солҳо дар донишгоҳ устодони беш аз 30 халҷу миллат дарс медоданду ҷавонон ва духтарони миллатҳои гуногун дар ин ҷой таҳсил мекарданд.

Устод Аслиддин Ҷамарзода инчунин маҷолаҳои тавсифӣ ва даъватиро нисбат ба 50, 60, 70-солагии Донишгоҳи давлатии Самарҷанд, ки яке аз масканҳои илму дониши ҷадимӣ дар Осиёи

Марказӣ ба шумор меравад, ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ низ тавассути матбуоти ҷумҳурӣ ва вилоятҳо, дар баромадҳои худ тавассути радио ва телевизиони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон низ баён намудааст. Чунончи: мақолҳои устод “Университетимизга марҳамат”. ("Ленинчи", Наманган вилоят, Косонсой тумани газетаси, 1978 йил, 6 июль). “Бизнинг университет” ("Коммуна", Фарғона вилояти газетаси, 1978 йил, 8 июль) ба сифати намояндаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, ки бо супориши маъмурияти донишгоҳ барои даъват намудани донишҷӯён ба вилоятҳои водии Фарғона ба сафар фиристода шуда буд, нашр шудааст.

Дар охири солҳои 80-уми асри гузашта дар ҳаёти мактабҳои олии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низ дигаргуниҳои куллӣ рух доданд, ки яке аз онҳо ба сифати факултети алоҳида таъсис ёфтани шӯъбаи суханшиносии тоҷик, ки то он дам дар факултети филологияи ӯзбек ва тоҷик амал мекард, ба шумор меравад.

Роҳбарӣ ба ҳайси декани ин факултет ба профессор Раҳим Муқимов, ки дар ин бобат таҷрибаи кофӣ дошт, яъне дар университет солҳои зиёде дар факултети умумфилология, филологияи ӯзбек ва тоҷик, факултети забонҳои хориҷӣ ба сифати декан кор карда буд, вогузошта шуд.

Ба ин муносибат устод Аслиддин Қамарзода ҳамчун рӯзноманигори ҳозирҷавоб бо декани факултети навбунёд профессор Раҳим Муқимов мусоҳибае ороста, онро таҳти унвони “Рушду камол ба донишкадаи нав “ дар рӯзномаи “Овози Самарқанд” (1 январи соли 1990) ва таҳти сарлавҳаи “Авроқи рангини донишгоҳ” дар рӯзномаи ҷумҳурии "Ҳақиқати Ӯзбекистон" ( 3 апрели соли 1990) нашр кард.

Дар мусоҳибаҳои ӯ бо ректорони Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар солҳои гуногун-академик Ҷӯрақул Сатторов ва профессор Рустам Холмуродов, ки тавасссути телевизиони вилоят ва ҷумҳурӣ намоиш дода шуда, дар рӯзномаи “Овози тоҷик” ва журнали “Зиёкор” нашр шудааст, низ оиди мавқеи донишгоҳ дар ҳаёти илмӣ, маънавӣ, маърифатӣ ва фарҳангии на танҳо Ӯзбекистон, балки тамоми Иттифоқи Шӯравӣ сухан рондааст. Зеро хатмкардагони ин донишгоҳ на танҳо дар мактабу муасиссиҳаои илмии Ӯзбекистон, балки дар ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳатто дар Марказҳои бонуфузи илмии Москва, Ленинград

(Санкт Петербург), Новосибирск, Киев ва ғайра низ фаъолият намуда, шӯҳрати донишгоҳ буданд.

Дар мақолаи “Роҳи камолот”, ки ба муносибати 50-солагии Донишгоҳи давлатии Самарқанд навишта шудааст, таърихи бунёди шӯъбаи тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва кафедраи забон ва адабиёти тоҷик аз рӯзи ташкили он (соли 1956) хеле возеҳу равшан баён ёфтааст[7].

Эътибор ба таълими олӣ ва миёнаи махсуси педагогӣ низ ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи устод қарор гирифтаанд.

Мо инро дар мақолаҳои “Садоқат ба касб” ("Ҳақиқати Ӯзбекистон", 25 ноябри соли 1986), “Бозсозӣ ва мактаби олӣ” (“Ҳақиқати Ӯзбекистон”, 11 маи соли 1990), “Мактаби олӣ дар арафаи такмили ҷиддӣ” ("Овози тоҷик", 29 августи соли 1992) мавсуф ба хубӣ мушоҳида карда метавонем.

Ин мақолаҳо таҳти рукни "Роҳҳои азнавсозии мактаби олӣ" чоп шуда, дар он мулоҳизаҳои муаллиф доир ба лоиҳаи "Роҳҳои асосии азнавсозии таълими олӣ ва миёнаи махсус" дар мисоли Донишгоҳи давлатии Самарқанд баён карда шудааст.

Дар мақолаи “Дастури миллӣ ва дарси адабиёт” ("Овози тоҷик", 30 майи соли 2001) оид ба ташкили дарси адабиёт дар асоси "Дастури миллии тайёр намудани кадрҳо" маслиҳатҳои муфид дода шудааст.

Дар мақолаи “Марҳабо, ба маскани маърифат!” ("Овози тоҷик", 21 июни соли 2006) дар бораи фаъолияти коллеҷи педагогии Сиёби шаҳри Самарқанд ва қабули донишҷӯён ба шӯъбаҳои тоҷикии он мулоҳиза ронда шудааст.

Ба як маънӣ устод Аслиддин Қамарзода тавассути ин мақолҳо ҳамчун як сухандони қомусии таърихи донишгоҳи қадрдони худ амал мекунад, ки ин ҳам яке аз хислатҳои хоси маърифатпарварии устод ба шумор меравад.

Устод доир ба рушди маориф, мавқеи муаллим дар ҷамъият, мақоми китобҳои дарсӣ ва таълимӣ дар тарбияи насли наврас ва

[7] “Роҳи камолот (Ҳаммуаллифон Б. Валихоҷаев, Р.Муқимов). Дар китоби “Масъала-ҳои робита ва таъсири байниҳамдигарии забон ва адабиёти халқҳои СССР” –Маҷмӯаи асарҳои илмии аъзоёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, серияи нав №289. Нашри Донишгоҳи Давлатии Самарқанд, 1976, саҳ.3 – 26.

дигар мавзӯъҳои марбут ба мактабу маориф низ дар анҷуманҳо ва матбуот бо мақола ва маърӯзаҳо мунтазам баромад кардааст.

“Жамиятда ўқитувчи ва мураббийнинг мавқеи”. (Ўқитувчилар ва мураббийлар куни муносабати билан Пастдарғом туманидаги 92-ўрта мактабда ўтказилган илмий-маърифий анжуман. Пастдарғом тумани, 2004 йил, 1 октябрь), “Оиди таълифи китоби "Адабиёт" барои синфи 5” (Тақдимот-вохӯрӣ бо муаллифи китоби дарсӣ дар мактаби миёнаи рақами 21-и ноҳияи Самарқанд, 29 апрели соли 2005), “Омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Фирдавсӣ дар мактабҳои тоҷикии Ўзбекистон” (Анҷумани байналхалқии "Шоҳномахонӣ" Самарқанд, 16 июли соли 2005), “Тожик тили ва адабиётидан янги авлод дарсликлари” (Республика Таълим марказида "Таълим тўғрисидаги Қонун ва янги авлод дарсликлари" анжуман-тақдимоти. Тошкент, 2005 йил, 8 сентябрь), “Омӯзиши шеърияти мумтоз ва муосири Эрон дар мактабҳои Ўзбекистон”. (Семинари байналхалқии илмии "Шеърияти муосир: ҳамбастагӣ, анъана ва навоварӣ", Самарқанд, 16 марти соли 2006), “Авлоди нави китобҳои дарсӣ аз забон ва адабиёти тоҷик” (Ҷамъомад-тақдимоти Шӯрои илмӣ-услубии Маркази таълими ҷумҳурӣ. Тошканд, 8 сентябри соли 2006) ва ғайра вз ин ҷумлаанд.

Устод ҳамчун услубшиноси таълими адабиёт тавассути матбуот доир ба таълими адабиёти бадеӣ дар мактаб, маслиҳатҳои услубӣ, саволномаҳои тест пешниҳод намуда, аз натиҷаҳои озмунҳо низ хабар додаанд.

Аз ҷумла, “Адабиёти тоҷик дар Ўзбекистони имрӯза”, “Оиди тадриси дарсҳои адабиёт ва тадқиқи он”, “Офариниши асарҳои бадеӣ”, “Таълими адабиёт дар асоси андозаи давлатӣ”, “Ба ёрии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик оиди "Стандарти давлатии таълим", “Даҳ саволнома бо усули тест аз адабиёт”, “Озмун давом дорад”, “Натиҷаи қувваозмоӣ” ва ғайра.

Масъалаи эътибор ба забони модарӣ, худшиносии миллӣ, дину оини ниёгон ва аҳамияти ахлоқӣ-тарбиявӣ низ аз назари устод Аслиддин Қамарзода дур намондааст. Ин маънӣ дар маҷмӯаи мақолаҳои устод “Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад...”, ки бо ҳамммуаллифии духтараш, пажӯҳишгари забон ва адабиёт Умеда Қамарова таҳия ва нашр шудааст, инчунин дар сарсуханҳое, ки ба китобҳои муаллифони ҷудогона ҳамчун муҳаррири масъул

навиштааст, аз ҷумла мақолаҳои “Тилга эътибор – элга эътибор. (“Турон тарихи” Махпират номидаги Ӯрта Осиё халқлари тарихи институтининг ижтимоий-тарихий, илмий ва оммабоп журнали, №№ 2-3, Тошкент 2017 йил), “Маърифат ва эътиқодга элтувчи китоб” (Муҳсин Ғаниевнинг "Пайғамбарлар тарихидан сабоқлар" китобига ёзилган сӯзбоши. “Имом Бухорий халқаро илмий-твдқиқот маркази”, Самарқанд, 2023), “Маърифат ва эътиқодга раҳнамолик қилувчи китоб” (Раҳмонберди Эгамберди ӯғлининг "Ислом маърифати" китобига нашрга тайёрловчи ва масъул муҳаррир сифатида ёзилган кириш сӯз. Тошкент, 2011), “Ҳикматлар хазинаси” (Ҳожи Аҳмаджон Ҳамдамзода тӯплаб нашрга тайёрлаган "Ҳақиқат совғаси" номли ҳикматли ривоятлар ва ғазаллар тӯпламига сӯзбоши, "Turon zamin ziyo" нашриёти, Тошкент, 2015), “Абадий ҳикматлар хазинаси. “Вақти саҳар нола қилинг” (Ҳикматли байтлар ва ибратли ҳикоятлар, тӯплаб нашрга тайёрловчи Ҳожи Аҳмад Ҳамдамзода китобида, “Sano-standart” нашриёти, Тошкент 2020), “Олимнинг ибрати”. ("Ҳидоят". Ӯзбекистон мусулмонлари идорасининг диний-маърифий, илмий-адабий нашри, Тошкент, 2013, 10-сон. Таниқли олим, физика-математика фанлари доктори, профессор, Ҳожи Неъмат Низомов фаолияти тӯғрисида) ва ғайра равшан ба назар мерасанд.

Устод ҳамчун пуштибони тоҷикони Ӯзбекистон тавассути матбуот, радио, телевизиони Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Ирон, Русия, Амрико ва шабакаҳои интернет доир ба забони модарӣ, адабиёт, илм, маърифат, фарҳанг аз соли 1958 то ҳол мунтазам баромад мекунад.

# БАРГУ СОЗИ МО КИТОБУ ҲИКМАТ АСТ...

“Мен Аслиддин Қамарзоданинг илмий мақолаларида ҳам, публицистик чиқишларида ҳам теранликка интилишини мушоҳада қиламан. Унинг асарларида замон билан ҳамнафаслик, муаммоларни англай билиш кўзга ташланади. Буни унинг Ўзбекистондаги тожик адиблари ижодидан танлаб тузилган "Гулистони адаб" мажмуасидан ҳам яққол сезиш мумкин. Китобда Ватан, истиқлол, дўстлик, меҳнат, ҳунар ва илм ўрганиш, ота-она ва устозларни эъзозлаш каби мавзулардаги асарлар танлаб олингани ҳамда маърифатпарвар адиблар ижодига алоҳида эътибор билан қараганлиги ҳам диққатга сазовордир".

***Ботирхон Валихўжаев,***
***Ўзбекистон фанлар академиясининг академиги,***
***Ўзбекистонда хизмат кўрсатган фан арбоби.***

Солиёни зиёдест, ки Аслиддин Қамарзода бо Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи таълими халқи вилояти Самарқанд робитаи наздик дошта, борҳо дар курсҳои такмили ихтисоси омўзгорони забон ва адабиёти тоҷик маърўза кардааст, дар кори ташкили анҷуманҳои илмӣ-услубӣ, шабнишиниҳои адабӣ, ҷашн ва ёдбуди адибону омўзгорон, озмунҳои ҷумҳурии мактабиёну донишҷўён фаъол иштирок намудааст. Бо ташаббуси ў дар назди Маркази таълими ҷумҳурӣ Шўрои забон ва адабиёти тоҷик таъсис ёфта, худи ў узви доимии шўрост ва аз соли 2001 то соли 2015 раиси он буд. Фаъолияти Аслиддин Қамарзода ҳамчун раиси ин шўрои илмиву услубӣ низ назаррас аст. Бо саъю эҳтимоми ў "Барномаи таълими адабиёти тоҷик" барои синфҳои 5-11 дар асоси "Стандарти давлатии таълим" таҳия ва интишор ёфт ва дар асоси ҳамин барнома китобҳои дарсӣ табъу нашр гардиданд. Аз ҷумла, китобҳои дарсии "Адабиёт" барои синфҳои 5 ва 8, бахшҳои асосии китобҳои дарсии "Адабиёт" барои синфи 11 ба қалами Аслиддин Қамарзода тааллуқ доранд. Ин китобҳои дарсӣ мувофиқи талаботи авлоди нави китобҳои дарсӣ таълиф гардида, муаллиф дар онҳо адабиёти бадеиро ҳамчун воситаи асосии тарбияи инсони комил маънидод мекунад. Бо назардошти вазъи имрўза, ин китобҳо дар шакли китоби дарсӣ-маҷмўа табъу нашр гардидаанд, ки барои

омӯзгорону мактабиён хеле писанд омадааст. Маҳз бо ташаббуси Аслиддин Қамарзода ду маҷмӯаи мақолаҳои "Бӯстони маърифат" ҳамчун маводи ёрирасон ба омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик аз нашр баромад.

Ӯ инчунин мураттиби маҷмӯаи адабии "Гулистони адаб" мебошад, ки дар ин китоб гулчини эҷодиёти даҳонакии мардумии тоҷикони Ӯзбекистон, зиндагинома ва намунаи асарҳои зиёда аз 50 нафар адибони тоҷики Ӯзбекистони имрӯза оварда шудааст. Ин китоб барои мактабиён ҳамчун васоити таълимӣ муайян шудааст.

Аслиддин Қамарзода дар омодасозии китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ барои мактабҳои олии Ӯзбекистон низ саҳмгузорӣ намудааст. Китобҳои дарсии "Адабиёти ӯзбек" ва "Таърихи адабиёти ҷаҳон", ки барои донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик пешбинӣ шудааст, ба қалами устод тааллуқ доранд.

Яке аз хислатҳои наҷиби ин марди фарҳангдӯст шефтаю шайдои китобу матбуот будани ӯст. Ин аст, ки дар китобхонаи шахсии мавсуф беш аз даҳ ҳазор ҷилд китобҳо ба забонҳои гуногун, ҷилдҳои маҷаллаҳои "Садои Шарқ", "Шарқ юлдузи" ва ғайра маҳфузанд.

– Ман аз соли 1949 ин ҷониб китоб мехарам ва китоб мехонам. Ҳар гоҳе, ки имкон пайдо кардам, албатта китоб мехарам, – мегӯяд Аслиддин Қамарзода. – Ин хислат ба ман аз падарам мерос мондааст. Зеро ӯ ҳам марди китобдӯст буд. Ман дар ин хусус дар "Қисмати китобҳои падарам" ном мақолаам ёдовар шудаам...

Аслиддин Қамарзода бо ройзани фарҳангии Сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон, инчунин ройзани фарҳангии Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон робитаҳои мустаҳкам дорад ва дар кори баррасӣ намудани адабиёти форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон саҳми арзанда мегузорад. Мақолаҳои пурмӯҳтавои ӯ дар маҷаллаҳои "Сино", "Сухани ишқ", "Фарҳанг", "Хӯҷанд", "Илм ва ҳаёт", ҳафтаномаҳои "Адабиёт ва санъат", "Омӯзгор", саҳми арзандааш дар таҳияи "Донишномаи адабиёти форсӣ-тоҷикии садаи XX дар Ӯзбекистон", инчунин, иштирокаш дар анҷуманҳои бонуфузи байналхалқӣ доир ба таълими забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ далели ин гуфтаҳо мебошад.

Соли 2004 Аслиддин Қамарзода дар анҷумани байналхалқӣ оид ба таълими забон ва адабиёти форсӣ, ки дар Донишгоҳи омӯзгории

Теҳрон ба вуқӯъ пайваст, иштирок ва дар мавзӯи "Вазъи адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистони имрӯза" маъруза кард. Дар ин ҷо ӯ бо доираҳои адабиву фарҳангии Эрон, аз ҷумла бунёдгузори "Донишномаи адабиёти форсӣ" Ҳасани Ануша ошно гардида, баъди бозгашт бо сарпарастии ройзани фарҳангии Сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон доктор Аббосалии Вафоӣ барои омодасозии "Донишномаи адабиёти форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистони садаи XX" кӯшиш намуд ва ин китоб соли 2006 дар Теҳрон чоп шуд.

Аслиддин Қамарзода ҳамчун фидокори роҳи фарҳангу маърифат дар роҳи табъу нашри дастуру барномаҳо ва китобҳои дарсӣ ба мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон корҳои шоёни таҳсин кард. Маҳз бо саъю кӯшиши вай нахустин гуфторҳои радиои тоҷикии вилояти Самарқанд (апрели соли 1963), нахустин намоиши тоҷикии телевизиони Тошканд (соли 1988), нахустин саҳифи тоҷикии рӯзномаи "Субҳи Шарқ"-и ноҳияи Самарқанд (соли 1988), нахустин шумораи тоҷикии варақаи ахбори "Боғишамол" (соли 1989) манзури шунавандагону бинандагону хонандагон шудаанд. Дар чопи аввалин шумораи рӯзномаи вилоятии "Овози Самарқанд" дар арафаи соли 1990 низ саҳми бузург гузоштааст.

Тавре ки зикр кардем, устод ҳанӯз аз хурдсолӣ дар партави китобу китобхонии падараш ба воя расида буд. Дар мақолаи “Қисмати китобҳои падарам”("Овози Самарқанд", 3 июли соли 1999; "Овози тоҷик", 4 сентябри соли 1999), ки зери рукни "Фармонҳои раисҷумҳур – дар амал" нашр шудааст, сухан дар бораи чӣ тавр гирифтори қатағон (истинтоқ) гардидани китобҳои нодири падари муаллиф меравад. Ин аст, ки ӯ аз овони макатабхонӣ ба китоб харидан ва китобхонӣ майлу рағбати зиёд дошт. Нахустин хабару мақолаҳояш, ки дар рӯзномаҳо нашр шудаанд, дар бораи китобу китобдӯстӣ мебошанд: “Китобро ҳама хонд”. (“Пионери Тоҷикистон”, 10 марти соли 1957, дар бораи мавқеи китоби "Субҳи ҷавонии мо"-и Сотим Улуғзода дар байни мактабиён); “Тӯҳфаи бародарам”. (“Пионери Тоҷикистон”, 26 маи соли 1957, оид ба китобҳои нав тӯҳфа намудани бародари муаллиф Насриддин).

– Ҳанӯз аз овони хурдсолӣ дӯстдори китоб будам. Аз чанд тине, ки волидайн барои харидани як стакан чою як бурда нон аз

буфети мактаб медоданд, иқтисод каарда, китоб мехаридам. Барои китоб ба дӯкони китобҳои тоҷикӣ, ки дар шафати майдони Регистон аз ҷониби маърифатпарвар Абдураҳмон Валиев кушода шуда буд, пиёда мерафтам. Доим китоб дӯсту ҳамроҳ ва ҳамрози ман буд. Солҳое, ки дар мактаби миёнаи рақми 21-и ноҳияи Самарқанд мехондам, қариб тамоми китобҳои китобхонаи мактабро хонда будам. Ғайр аз ин, ба китобхонаи назди бинои шӯрои ҷамоаи деҳоти Даштакиболо, ки дар шафати мактиабамон буд, рафта китоб мегирифтам. Бо хоҳиши мудири китобхона Маҳкамойтӣ ба хонадонҳои китобхонҳои ногиро китоб мебурдам. Ба ивази ин, ба ман ду-се китоби калонро ба муддати ду-се рӯз бештар аз муҳлати муқаррарӣ медоданд. Ҳамон вақтҳо ман китоби “Ёддоштҳо”, романҳои “Дохунда” ва “Ғулолмон”-и Садриддин Айнӣ, романҳои “Шодӣ”-и Ҷалол Икромӣ, “Одамони ҷовид”-и Раҳим Ҷалил, “Вафо”-и Фотеҳ Ниёзӣ, повести “Ёрони боҳиммат”-и Сотим Улуғзода, маҷмӯи шеърҳои “Ман аз Шарқи озод”-и Мирзо Турсунзода, асарҳои ба воқеоти Ҷанги дуюми ҷаҳон бахшидашуда ва боз як қатор китобҳоро хонда будам, - айёми бачагию наврасии худро ба ёд оварда, ҳикоят мекунад устод.

Ҳамин меҳр нисбат ба китоб буд, ки ӯ баробари таҳсил дар бахши суханшиносӣ, дар нашриёти донишгоҳ кор мекард. Дар ин ҷо нахуст чун шогирди ҳуруфчини матбаа, баъд ба ҳайси мусаҳҳеҳ кор карда, бо ҷараёни нашри китоб ошно гардид ва ба тарғиби китоб низ камар баст. Вай роҷеъ ба ҳар як китобе, ки дар нашриёти донишгоҳ чоп мешуд ва китобҳое, ки аз Тошканду Душанбе дастрас мегардиданд, на танҳо дар матбуоти маҳаллӣ, балки ба нашрияҳои ҷумҳурӣ ва ҳафтавори “Книжное обозрение”, ки дар Москва чоп мешуд, хабарҳо менавишт. Минбаъд китобҳои илмӣ ва бадеиро, ки тоза ба дасташ мерасиданд, хонда тақриз, гузориш, китобномаҳо менавишт. Хонандагонро аз нашри ҳар як китоби тоза бо шодиву хурсандии хоса хабардор мекард.

“Литература народов СССР” ("Книжное обозрение", 10 февраля 1968 года), “Новое издание” ("Книжное обозрение", 27 января 1968 года. Об издании четырехтомного собрания сочинений Сотим Улугзода и других книг издательством "Ирфон"), “Рисола дар бораи Ҷавдати Самарқандӣ” (Тақриз ба китоби А. Самадов. Ҳаёт ва эҷодиёти Абдулғании Ҷавдат, нашри Донишгоҳи давлатии

Самарқанд, 2002), “Ҳар ахтаре чилое дорад” (тақриз ба тазкира-баёзи "Ҷилои ахтарони Сӯх", тавассути нашриёти Ғафур Ғулом соли 2002 чоп шудааст), “Адиби ҳақгӯй ва нозукбаён” (Сарсухан ба китоби Ӯткур Ҳошимов “Қайдҳо дар ҳошияи дафтар”, Тошканд 2022), “Андешаҳои фалсафии омӯзгори эҷодкор” (Сарсухан ба "Куллиёт"-и Холбой Ҷалил , Тошканд, 2009), “Саҳифаи наве дар китоби таърихи тамаддуни диёр” (пешгуфтор ба китоби "Телпак ва телпакдӯзони Самарқанд"-и ҳунарманди эҷодкор Парда Тӯра Ҳамдамӣ. Нашриёти "Наврӯз", Тошканд, 2011), “Меҳр ва шеър” (пешгуфтор ба китоби “Рози дил”-и Тоҷӣ Тоҷизодаи Вардонзегӣ. Маҷмӯаи шеър. Тошканд, 2017), “Тоғ чашмасидай мусаффо ижод” (Рӯзиқул Абдували “Таскин” китобида. “Voris nashriyoti”, Тошкент, 2017), “Изҳори дили шоири муҳоҷир”. (Сарсухан ҳамчун муҳаррири масъул ба китоби “Изҳори дил”-и Бахтиёри Садриддин, Тошканд, 2018), “Тожик халқи тарихининг кӯзгуси” ("Совет Тожикистони", 1979 йил, 8 февраль. "Энциклопедияи советии тоҷик" китобининг 1-жилди нашр этилгани муносабати билан), “Тӯҳфаи “Китобхонаи дӯстӣ” (“Адабиёт ва санъат”, 26 феврали соли 1987), "Афсонаҳо дар бораи Самарқанд" ("Ҳақиқати Ӯзбекистон", 5 апрели соли 1991, оиди китоби Н. Ёқубов "Афсонаҳо дар бораи Самарқанд", ки ба забони русӣ нашр шудааст...) ва ғайра аз ин ҷумлаанд.

* * *

Устод Аслиддин Қамарзода ҳамчун дӯстдори матбуот аз солҳои мактабӣ обунаро ба рӯзнома ва маҷаллаҳо тарғиб карда, дар бораи бунёди китобхонаҳо, рӯйдодҳои муҳими фарҳангӣ, анҷуманҳои китобхонон ба матубот хабару мақолаҳо менавишт.

Мақолаҳои “Ба газетаю журналҳо обуна мешаванд” (“Ӯзбекистони сурх, 1 декабри соли 1958), “Газета ва журналларга обуна қизғин” (“Ӯзбекистон маданияти”, 1958 йил, 10 декабрь), “Мактабда янги кутубхона” ("Ленин йӯли", 26 январь 1958 йил), “Қишлоқ кутубхонасида” ( "Самарқанд ҳақиқати", 1959 йил 8 январь), “Дар шӯъбаи адабиёти Шарқ” ("Маориф ва маданият", 28 марти соли 1964. Репортаж аз китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии Самарқанд), “Хазинаи маърифат” (“Ҳақиқати Ӯзбекистон”, 12 апрели соли 1964) ва ғайра аз ин қабил мебошанд.

Устод Аслиддин Қамарзода дар тарғиби китоб ба сифати раиси шӯъбаи тарғиботи донишҳои адабӣ, фарҳангӣ ва маърифатии Ҷамъияти “Дониш” ва ҷонишин раиси Ҷамъияти китобдӯстони вилояти Самарқанд дар кори тарғиб намудани китоб тавассути лекторияҳое, ки худаш ташкил карда буд, низ хизматҳои арзанда кардааст...

Яке аз амалҳои шоистаи мавсуф муроҷиатнома ба Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва комисссияи таъсиси ҳайати ӯзбекистонии арбобони илм ва фарҳанги ЮНЕСКО мебошад (“Овози Самарқанд”, 28 марти соли 1992; "Овози тоҷик", 9 апрели соли 1992).

Дар ин мақолаи дастҷамъона, ки ба он раиси Ҷамъияти фарҳанги тоҷикони "Самарқанд" А. Қамарзода ва аъзоёни раёсати ин ҷамъият Хуршед Маҳмудов, Акбар Аҳтамов, Раҳим Муқимов, Салим Кенҷаев, Абдусалом Саидҷонов, Хуршед Самеъбоев, Рауф Маъруфӣ, Акбар Пирӯзӣ, Исомиддин Акрамов, Салоҳиддин Очилов, Қутфиддин Сироҷиддинов, Шамсии Саъдӣ ва Илҳом Воҳидов имзо гузоштаанд, сухан дар бораи мақсад ва вазифаҳои ҷамъияти "Самарқанд" ва нашри китобҳо ба забони тоҷикӣ меравад.

Бисёр китобҳои олимон ва адибони Ӯзбекистон бо тақриз ва пешгуфторҳои устод Аслиддин Қамарзода тариқи нашриётҳои гуногун нашр шудаанд. Китобҳои “Ҳаёт ва эҷодиёти Абдулғании Ҷавдат”-и А.Самадов, “Меҳр ва шеър”-и Салим Кенҷа, “Чамани меҳр”-и Акбар Пирӯзӣ, “Пандрезаҳо (Одобнома)”-и Фарҳод Исомиддинов, “Ҷойгоҳи Ибни Сино дар таърихи тамаддуни ҷаҳон”-и Абдуҷаббор Умаров ва ғайра аз ин ҷумла мебошанд.

* * *

Тарғиби китоб ва китобхонӣ дар фаъолияти маърифатпарварӣ ва эҷодии Аслиддин Қамарзода яке аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор меравад. Инро аз овардани номгӯйи чанд мақолаи устод, ки дар нашрияҳои гуногун чоп шудаанд, пай бурдан мумкин аст. Аз ҷумла: “Шефтаи маърифат ё тамоми умр бо китоб” (ба муносибати 60-солагии зодрӯзи мудири китобхонаи таълимии Донишгоҳи Давлатии Самарқанд Тоҳир Боронов, "Овози Самарқанд", 25 феврали соли 2010), “Имрӯз кӣ китоб мехонад? ("Овози тоҷик", 1

апрели соли 2015), “Эътирофи мероси ниёгон” (китобнома дар бораи китоби Феҳристи китобҳои аз Махдуми Аъзами Даҳбедӣ ва авлоди ӯ ба ёдгор монда”-и Комил Каттаев, "Овози Самарқанд", 4 майи соли 2016).

## АДИБИ ҲАҚИҚАТНИГОР

“Аслиддин Қамарзода тожик, ўзбек ва рус тилларида маърузалар ўқиш ва илмий асарлар яратиш каби ажойиб фазилат эгаси ва юксак ташкилотчилик маҳорати соҳиби сифатида жамоатчиликка танилган умидбахш олим ва педагог. У ўзининг камтарлиги, хушмуомалалиги, ҳамкасблари ва талабаларга меҳрибонлиги, унга ишониб топшириладиган ҳар қандай вазифани ҳозиржавоблик ва сидқидилдан бажариши туфайли дорилфунун профессор-ўқитувчилари ва талабалари ўртасида юксак обрў-эътиборга эга”.

***Нуриддин Шукуров,***
***профессор, Ўзбекистон Ёзувчилар юшмасининг аъзоси,***
***Ўзбекистонда хизмат кўрсатган фан арбоби***

Устод Аслиддин Қамарзода ҳанӯз аз солҳои донишҷӯйӣ пиайваста бо пажӯҳишот ва навиштани рисолаву мақолаҳои илмӣ, бо эҷоди асарҳои бадеӣ низ машғул шудааст. Дар ташаккули маҳорати эҷодии ӯ маҳфили адабӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳти роҳбарии адабиётшинос Талъат Абдуҷабборов амал мекард, инчунин маҳфили адабии назди шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон бо роҳбарии котиби масъули шӯъба, шоир Мардонкул Муҳаммадкулов фаъолият дошт, мақоми арзанда бозидааст.

Ҷамъомадҳои ин маҳфилҳо бо иштироки олимони адабиётшинос Воҳид Абдулло ва Раҳим Муқимов, ки бо шеъру достонҳои худ ба хонандагон ҳамчун эҷодкор низ ошно буданд, инчунин эҷодкорони куҳансол Абдуқодир Ҷомеъ, Фахриддин Маъруфӣ, Абдулҳамид Пӯлодӣ, Болтақул Маҳмуди Диёрӣ, Асомиддин Салоҳиддинов, Наберахоҷа Валихоҷаев, Олимҷон Орифӣ, мухбирони махсуси рӯзномаҳои ҷумҳурӣ дар Самарқанд Юсуф Юнусов, Зайниддин Баҳриев, Эргаш Бозоров (бо тахаллуси

Садоӣ шеърҳо менавишт), ки чун суханварони маъруфи Самарқанд ном бароварда буданд, дар толори маҷлисҳои факултети филологияи донишгоҳ, дар китобхонаи шаҳрии ба номи Фозил Йӯлдош, воқеъ дар бинои Чорсуи майдони Регистон, баъзан дар толори Маркази ахбор-китобхонаи вилоят ба номи Пушкин мегузашт ва соатҳо давом мекард. Дар ҷамъомадҳои ин маҳфилҳо шеъру ҳикояҳои тозаэҷоди аъзоёни маҳфилро шунида, муҳокима мекарданд. Шӯҳрати ин маҳфилҳо байни мардум паҳн шуда, адади иштирокчиёни он аз ҳисоби эҷодкорони касбу корашон ва синну солашон гуногун афзудан мегирифт.

Устод Аслиддин Қамарзода ҳамон маҳфилҳоро ба хотир оварда, номи Аслам Аҳроров, Насим Наимов, Зоҳир Аҳроров, Ҷаҳонгир Абдуллоев, Аслам Адҳам, Рауф Маъруфӣ, Салим Кенҷа, Ҳамроқул Даврон, Насим Раҷаб, Ато Аҳроров, Абдукарим Ғанизода, Зиё Носир, Мустафо Сурурӣ ва дигаронро, ки минбаъд ҳамчун адиб, олим ва ё журналист шинохта шудаанд, бо эҳтиром ба забон мегирад.

Дар маҷлисҳои ин маҳфилҳо Воҳид Абдулло, Талъат Абдуҷабборов, Тӯрақул Зеҳнӣ ва дигарон оиди санъати сухан, вазнҳои шеърӣ, жанрҳои адабӣ маълумоти мкфид медоданд. Лутфи сухан ва ҳикояҳои Абдуқодир Ҷомеъ, Раҳмон Эгамбердиев, Мардонқул Муҳаммадқулов завқовар буданд. Хотираҳои Ҳасан Ирфон, Фахриддин Маъруфӣ дар бораи устодон-маърифатпарварон, бунёдкорони мактабҳои нав ва матбуоти Самарқанд Абдуқодир Шакурӣ, Саидризо Ализода, Ҳоҷӣ Муин Шукрулозода, Исматулло Раҳматуллозода, Ҳабиб Юсуфӣ ва сӯҳбатҳои дигар мӯйсафедон дар бораи таърихи Самарқанд ва одамони обруманди он хеле дилнишин ва хотирмон буданд. Баъзан дар ин маҳфилҳо олимон ва адибон Фотеҳ Ниёзӣ, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Абдусалом Деҳотӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Самад Ғанӣ ва дигарон, ки зуд-зуд аз Душанбе ба Самарқанд меомадаанд, иштирок мекарданд. Адабиётшиноси маъруф, академик Абдулғанӣ Мирзоев, ки бо даъвати маъмурияти донишгоҳ барои хондани маърӯзаҳои махсус роҷеъ ба таърихи адабиёти тоҷик ба Самарқанд омада буд, дар ин маҳфил иштирок карда, доир ба анъанаи тазкиранигорӣ дар

адабиёти Шарқ ва мавқеи тазкиранависони самарқандӣ дар он маърӯзаи дилнишине карда буд.

Ҳамаи ин ба ташаккули маҳорати эҷодии Аслиддин Қамарзода бетаъсир намонд ва худи ӯ сонитар аз пайи устодон рафта, солҳои 80-уми асри гузашта дар Самарқанд маҳфили адабии “Сайқал”-ро ташкил кард.

Хикоя ва қиссаҳои Аслиддин Қамарзода - Асилзодаи Самарқандӣ нахуст дар рӯзнома, маҷалла ва маҷмӯаҳои дастҷамъӣ нашр гардидаанд.

Аҳду вафо, ростиву растагорӣ, садоқат ба аҳд мавзӯъ ва ғояи асосии ҳикояву қиссаҳои Асилзодаи Самарқандиро ташкил менамоянд. Ин маънӣ дар ҳикояҳои "Ишқ дигар ҳавас дигар", "Дар лабиҷар", "Ганс", қиссаи "Нолаи дарахти тут" (Достонҳои мансур ва ҳикоёти латиф. Нашриёти "Муҳаррир", Тошканд, 2011) ва ғайра ба хубӣ ба назар мерасанд.

Бояд гуфт, ки Аслиддин Қамарзода дар эҷоди осори бадеӣ низ аз ибтидои фаъолияташ ҳамчун адиби зуллисонайн баромад карда, ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ пайваста эҷод мекунад ва асарҳояш дар нашрияҳои ӯзбекӣ низ мунтазам нашр мешаванд. То ҳол беш аз 20 номгӯй китобҳои бадеӣ ва публисистии Аслиддин Қамарзода, аз ҷумла мачмӯаи қисса ва ҳикоёти “Нолаи дарахти тут”, маҷмӯаи шеърҳои “Маънои зиндагӣ”, “Нури зиё 101 мухаммас”, манзумаҳои “Таронаи Истиқлол”, “Ду шохи як дарахт”, “Самарқандnoма. Дӯстнома. Американома. Эҳдо”, “Самарқандиён дар Америка” (ҳаммуаллиф Умеда Қамарова) “Muharrir nashriyoti”, Тошканд, 2021) ва ғайра нашр гардидаанд.

Дар баёзи назму насри "Гулдастаи Самарқанд" низ баробари шеъру ҳикояҳои адибони муосири Самарқанд, ҳикояҳои Аслиддин Қамарзода ҳам ҷой дода шудаанд. "Гулдастаи Самароқанд" аз ҷониби мухлисони адабиёт хуш пазируфта шуд ва роҷеъ ба он дар саҳифаҳои матбуоти Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва кишварҳои хориҷа тақризҳо нашр гардиданд. Ин китоб ҳамчун "Намунаи адабиёти тоҷик"-и устод Айнӣ собит намуд, ки дар Самарқанд тоҷикон ҳастанд ва ба забони ноби тоҷикӣ адабиёт меофаранд.

Адиби ҷавон ҳанӯз ҳамон солҳо бо нашри нахустин ҳикояҳояш таваҷҷӯҳи хонандагон ва адибонро ба худ кашида, соли 1963 ба курс-конференсияи адибони ҷавон ба Душанбе даъват шуд.

– Ба ин ҷамъомади адибони ҷавон аз Самарқанд Болта Ортиқов, ки вай низ бо нахустин ҳикоя ва қиссаҳои худ ҳамчун адиби бачагон шинохта шуда буд, инчунин Бекназар Аҳмадов ном як ҷавони кӯлобӣ, ки бо амри тақдир ба Самарқанд омада, дар вазифаи китобдори китобхонаи вилоятӣ кор мекард ва дар навиштани очеркҳо оид ба воқеаҳои марбут ба таърихи маорифи Самарқанд дар солҳои 20-уми асри гузашта бо ман ҳамқаламӣ мекард, даъват шуда будем. Дар давоми 15 рӯз мо баробари иштирок дар маҷлисҳои Пленум ва Анҷумани нависандагони Тоҷикистон, аз адибони маъруфи тоҷик барои эҷоди асари бадеӣ сабақ гирифтем. Ба мо насрнависони соҳибтаҷриба Фотеҳ Ниёзӣ, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, аз шоирон–раиси вақти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, аз олимони адабиётшинос Раҳим Ҳошим, Тӯрақул Зеҳнӣ, Бахром Сирус ва дигарон дар бораи асрори суханварӣ сабақҳо доданд... – солҳои ба майдони адабиёти бадеӣ қадам ниҳодани худро ба хотир меоварад Аслиддин Қамарзода.

Азбаски тарҷумаҳои ӯ дар рӯзномаҳои “Тоҷикистони советӣ”, “Маориф ва маданият”, журналҳои “Занони Тоҷикистон”, “Хорпуштак” нашр шуда буданд, ӯро ба машғулотҳои бахши тарҷумонӣ низ даъват карданд. Вай дар ин ҷо аз тарҷумонҳои маъруфи тоҷик Зоҳир Аҳрорӣ, Шариф Шараф, Маҳвашев ва дигарон асрори тарҷумониро омӯхт. Дар донишгоҳ дар ин бобат устод Юсуфҷон Пӯлодов, ки оиди тарҷума рисолаи номзадӣ ҳимоя карда буду аз “Таърихи адабиёти ҷаҳон” дарс мегуфт, ба шогирдаш сабақ медод. Беҳуда нест, ки минбаъд Аслиддин Қамарзода пайваста бо эҷоди асарҳои бадеӣ ва ҳам тарҷумонӣ машғул шудааст. (Дар бораи маҳорати тарҷумонии устод дар поён маълумоти бештар хоҳем дод).

Тавре дар боло ишора кардем, Аслиддин Қамарзода эҷоди бадеиро аз навиштани ҳикояҳо оғоз намудааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки нахустин ҳикояи ӯ, ки бо номи “Муҳаббат ва рашк” дар рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” нашр шуда буд, ба мухлисон хеле маъқул афтод ва он дар саҳифаҳои дигар рӯзнома ва маҷаллаҳо, маҷмӯаҳои дастҷамъӣ беш аз даҳ маротиба нашр шуд. Дар ин ҳикоя ғалабаи ишқ аз болои рашк хеле гуворо тасвир шудааст.

Дар ҳикояи “Дар Лабиҷар” ғояи ҳушёрии бачагон дар рӯҳи ватанпарварӣ баён ёфтааст, ки ин ҳикоя низ аз маҳсули овони донишҷӯии устод буда, соли 1963 дар журнали “Машъал” чоп шудааст. Минбаъд як қатор ҳикояҳо ва қиссаи “Нолаи дарахти тут” низ дар матбуот нашр шуданд.

Доираи мавзӯъ ва мундариҷаи осори насрии Аслиддин Қамарзода асосан ишқу муҳаббат, вафо ба аҳд, садоқат, ватандӯстӣ, мазаммати нуқсонҳои нокасон ба шумор меравад. Ин маънӣ дар ҳикояҳои “Ганс”, “Занҷири муҳаббат”, “Сабурии Маҳаллатӣ”, “Тақсими маош”, “Имтиҳон”, памфлетҳои “Мунофиқ”, “Зинда бод демократия!” ва ғайра хеле воқеӣ тасвир шудааст.

Асарҳои насрии Аслиддин Қамарзода дар маҷмӯаҳои дастҷамъии “Гулдастаи Самарқанд”, “Гулистони адаб”, китобҳои дарсии “Адабиёт” барои макатабҳои миёна, инчунин маҷмӯаи ҳикоёт ва қиссаҳои “Нолаи дарахти тут” ва “Маҳаллатий” (ба забони ӯзбекӣ, латифа ва ҳикоятлар. "Муҳаррир" нашриёти, Тошкент, 2013) нашр шудаанд.

Аслиддин Қамарзода дар наср бо навиштани сафарнома ва қиссаҳои ҳуҷҷатӣ – хотиравӣ низ шинохта шудааст.

Мо дар боло, аз иштироки ӯ дар бисёр маҳфилу анҷуманҳои байналхалқӣ гуфтем. Устоди эҷодкор ҳангоми иштирок дар ин анҷуманҳо, дар шаҳру кишварҳои гуногуни олам шуда, сафарномаҳо низ таълиф намудааст, ки дар онҳо низ сухан аксар аз маърифату адаб, фарҳангу китоб меравад. Сафарномаҳои “Эрон кишвари тамаддунҳо”, “Иди адабиёт дар Хӯҷанд”, “Самаркандиён дар Америка” ва “Наврӯзи Тоҷикистон” аз ин ҷумлаанд.

Дар сафарномаи “Эрон кишвари тамаддунҳо”[8] таассуроти устод аз иштирок ба ҳамошаи Байналхалқии таълими забон ва адабиёти форсӣ ва мулоқоти ӯ бо аҳли фарҳангу адаб, бахусус мутасаддиёни нашри китобҳо меравад.

Сафарномаи “Иди адабиёт дар Хӯҷанд”[9] маҳсули сафари адиб ба Хӯҷанд ба муносибати иштирок дар Маҷлиси тантанавӣ ба муносибати 50-солагии таъсиси шӯъбаи вилояти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар Суғд ба шумор меравад. Дар ин

[8] Эрон – мамлакати тамаддунҳо. (Сафарнома).”Овози тоҷик”, 19 маи соли 2004.

[9] Бӯстони маърифат. Гулчини мақолаҳои илмӣ, хотираҳо, сафарномаҳо. Нашриёти “Муҳаррир”, Тошканд, 2012

сафарнома низ муаллиф аз мулоқот ва сӯҳбатҳо бо аҳли адаб, эҳтироми адибон ёд кардааст.

Сафарномаи “Самарқандиён дар Америка”[10] аз ду китоб иборат буда, китоби якум маҳсули сафари нахустини устод ба Америка мебошад, ки тобистони соли 2015 рух додааст. Дар ин китоб сухан бештар аз диду боздиди дӯстони деринаи муаллиф - яҳудиёни бухороӣ меравад, ки зодаи Ӯзбекистону Тоҷикистон буда, бо тақозои тақдир ҳоло маскуни Амрико шудаанд. Дар ин китоб инчунин “Дӯстонамро дидам ман” ном манзума-тарҷеъбанди устод ҷойгир аст ва дар он аз сифатҳои дӯстон ҳикоя мекунад.

Китоби дуюми “Самарқандиён дар Амрико”[11] маҳсули сафари навбатии муаллиф дар Амрико буда, дар ин ҷо бештар ҳаёт ва меҳнати самарқандиён – муҳоҷирон ва вохӯриҳои муаллиф бо онҳо баён карда шудааст.

Сафарномаи “Наврӯзи Тоҷикистон”[12] маҳсули сафари устод ба Анҷумани адибони кишварҳои ҳавзаи Наврӯз мебошад, ки дар рӯзҳои ҷашни Наврӯзи Тоҷикистон - баҳори соли 2016, дар арафаи 25-солагии иди Истиқлоли Ӯзбекистон рух дода буд ва устод Аслиддин Қамарзода дар ҳайати суханварони тоҷики Ӯзбекистон – олими шарқшинос Шониёз Мӯсоев, шоирон Файз Маҳмуд ва Асад Гулзодаи Бухороӣ иштирок дошт. Муаллиф дар ин китоб ҷараёни сафар ва мулоқоту вохӯриҳои худро бо олимону адибон, арбобони ҷамъиятӣ ва давлатӣ навиштааст. Инчунин, дар бораи баромади хотирмони худ дар маросими тантанавии кушоиши анҷуман дар Кохи Борбад, қироати мувашшаҳ ба номи Сарвари тоҷикони ҷаҳон, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, як ҳафта давом кардани ҷашни Наврӯз дар саросари Тоҷикистон, иштироки намояндагони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар ҷашни Наврӯз ва ниҳоят роҷеъ ба пайомадҳои ширкат дар ин ҷашн дар қисмати худаш ҳикоя мекунад...

* * *

[10] Самарқандиён дар Америка. Нашриёти “Turon zamin ziyo”, Тошкент, 2016,

[11] Самарқандиён дар Америка (Ҳаммуаллиф Умеда Қамарова) “Muharrir nashriyoti”, Тошканд, 2021.

[12] Наврӯзи Тоҷикистон, Сафарномаи иштирокчии ҷашни Наврӯз дар Тоҷикистон ва ҳамошаи байналхалқии адибони кишварҳои Ҳавзаи Наврӯз Тошканд, 2019.

Аслиддин Қамарзода тахаллусу нисбаи Асилзодаи Самарқандиро писанд кардааст ва ҳар як навиштаи худро бо номи Самарқанд тавъам медонад. Ин аст, ки таҳти унвони "Гулдастаи Самарқанд" баёзи назму насри мураттаб кард ӯ, барномаҳои телевизиониро "Армуғони Самарқанд" ном ниҳод. Инчунин, номи намоишномаи адабӣ-мусиқӣ, ки моҳи апрели соли 1988 дар танзими Аслиддин Қамарзода дар театри Самарқанд пешкаши тамошобинон гардид, "Сайқали рӯи замин" унвон дошт. Маҳз таҳти чунин унвон барномаи муаллифӣ низ омода кард, ки қариб даҳ сол дар телевизиони Самарқанд манзури бинандагон шуд. Китоби шеърҳои худро низ “Самарқанднома” номида, шеърҳои дар васфи Самарқанд навиштаи шоиронро ҷамъ овард ва таҳти унвони тазкира-баёзи “Мадҳи Самарқанд” нашр кард.

Масъалаи пажӯҳиши суханҳои ҳикматомез ва эҷодиёти даҳонакии мардуми Самарқанд низ мавриди таваҷҷӯҳи муҳаққиқ қарор гирифта, доир ба ин масъала низ дар анҷуманҳои илмӣ маърӯзаҳо хондааст, якчанд мақолаҳои илмӣ нашр кардааст. Аз ҷумла “Суханҳои пур аз ҳикмату панд дар забони мардуми Самарқанд”, “Сурудҳои маросими тӯйи тоҷикони Самарқанд” ва ғайра сазовори диққатанд. Китобҳои “Афсонаҳои Самарқанд” ва “Таронаҳои Самарқанд”, ки дар солҳои 60-уми асри гузашта аз ҷониби фолклоршиноси маъруфи тоҷик Баҳром Шермуҳамадов ҷамъоварӣ ва нашр шуда буд, бо иловаи маводи тоза таҳти ташаббуси Аслиддин Қамарзода соли 2013 дар Тошканд дубора нашр гардид.

Аслиддин Қамарзода дар тадқиқу тарғиби ҳаёт ва эҷодиёти адибони муҳити адабии Самарқанд дар асри XX низ саҳми арзанда гузоштааст. Мақолаҳои ӯ роҷеъ ба ҳаёт ва паҳлуҳои эҷодиёти Ҳоҷӣ Муин Шукруллозода, Ориф Гулханӣ, Ҳасан Ирфон, Обид Исматӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Мардонқул Муҳаммадқулов, Болтақул Диёрӣ, Ҷонибек Қувноқ, Раҳим Муқимов ва чанде дигарон, ки тавассути китобҳои дарсии ӯ ва маҷмӯаҳои "Гулдастаи Самарқанд", "Гулистони адаб", "Донишномаи адабиёти форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон дар садаи XX" инчунин маҷаллаву рӯзномаҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Эрон манзури хонандагон гардидаанд, сазовори таваҷҷӯҳанд.

Устод Аслиддин Қамарзода ҳамчун муаллифи қиссаҳои ҳуҷҷатӣ-тарҷумаиҳолӣ низ маъруф мебошад.

Қиссаи ҳуҷҷатии "Эъзоз", ки дар бораи зиндагинома ва фаъолияти меҳнатӣ, инчунин корҳои неки як фарди соҳибэҳтироми Самарқанд - Ҳуқуқшиноси шоистаи Ӯзбекистон Азиз Юнусзода ҳикоя мекунад, дар Тошканд рӯи чопро дидааст.

Инчунин, қиссаи ҳуҷҷатии "Эътироф ва эъзоз"[13] дар бораи зиндагиномиаи донишманди маъруфи физик, профессор Неъматҷон Низомов, ки ҳамчун Одами сол эътироф шуда, яке аз сад муҳандисони маъруфи дунё ба шумор меравад, нақл мекунад.

Чунин китобҳо доир ба ҳаёт ва фаъолияти табиби ҳозиқ Муродқул Истамқулов[14] ва омӯзгори ҳунарпеша Авазбек Абдулазизов[15] низ бо ҳамқаламии Зафар Истамқулов ва Рустам Бойтӯра навишта шудааст.

Силсилаи хотираҳо, мувашшаҳот, манзумаҳо дар бораи одамони обрӯманди Самарқанд – аллома академик Воҳид Абдуло, арбобони илм Раҳим Муқимов, Ботур Валихоҷаев, донишманди забондон ва дипломат Юсуф Абдуллоев, олим ва адиби таърихнигор Расул Ҳодизода, Нависандаи халқии Тоҷикистон Фотеҳ Ниёзӣ, шоири маъруф Мардонқул Муҳаммадқулов, нависанда Болта Ортиқов, олимони забоншинос Тӯрақул Зеҳнӣ ва Раззоқ Ғаффоров, устоди донишгоҳ Талъат Абдуҷабборов, журналист Ҷонибек Қувноқ, дӯстони шоираш Салим Кенҷа, Акбар Пирӯзӣ, эҷодкори тақводор Ҳоҷӣ Аҳмадҷан Ҳамдамзода, муҳандиси кишоварзон Саидмурод Ҳошимов, дӯсти мактабиаш Зокирҷон Содиқов, соҳибкорон-маърифатпарварони замон Бахтиёр Маъруфӣ, Ӯктам Саидмуродов, Файзулло Зиёев, пайвандонаш Умедабону, Наврӯзҷон, Шӯҳратҷон ва ғайра аз маҳорати устод дар

---

[13] *Эътироф ва эъзоз (ҳаммуаллиф Э. Курталиев).* Профессор Неъматжон Низомов ҳаёти ва фаъолиятига бағишланган илмий-публицистик рисола. Тошкент, "Adabiyot uchqunlari" нашриёти 2015.

[14] *Вориси Луқмони Ҳаким.* (Ҳаммуаллиф Зафар Истамқулов). Қиссаи ҳуҷҷатӣ аз рӮзгори донишманди илми тиб ва табиби халқӣ Муродқул Истамқулов. Нашриёти, "Turon zamin ziyo" Тошканд, 2017;

[14]*Ҳаёт бекатлари. (Ҳаммуаллиф Рустам Бойтӯра.)* Ҳужжатли биографик қисса. "Sano-standart" нашриёти, Тошкент, 2018, Китобда педагог ва санъаткор Авазбек Абдулазизованиг ҳаёти, туғилган, улғайган юрти ҳақидаги хотиралари, сулоласи, санъат ва маърифат соҳаларидаги фаолияти, устоз ва мураббийлари, оиласи, дӮстлари тӮғрисида ҳикоя қилинади.

таърифу тавсифи ҳар яке аз устодон, дӯстон ва наздиконаш дарак медиҳанд.

Аслиддин Қамарзода инчунин муаллифи асарҳои насрии “Лутфи латиф” (нашриёти “Hilol Media”, Тошканд, 2018), “Тазкираи адибони муҳоҷир” (Muhojir ijodkorlar tazkirasi. Антология творчества иммигрантов. “Muharrir nashriyoti”. Тошкент 2021) мебошад.

## ЧУН ЯК СУХАНДОНИ САМАРҚАНД ...

**(Сухане чанд оиди манзумаҳои Аслиддин Қамарзода)**

Мо борҳо дар сӯҳбатҳои аҳли адаб, вохӯриҳо бо хонандагон шоҳиди он шудаем ва шунидаем, ки устод вақте шеъре қироат мекунанд ё ҳини маърӯзаҳо абётеро ба забон оварда, баъзан бо насри мусаҷҷаъ ҳарф мезананд, таъкидан мегӯянд: “Ман даъвои шоирӣ надорам. Зеро дар ин ҷода ба Туғралу Лоиқ баробар шуда наметавонам. Он чизе, ки баъзан шеър мегӯянд, сухани мавзун асту бас...”

Дарвоқеъ, ӯ гарчанд аз овони донишҷӯӣ каму беш шеър машқ мекард, лекин боре онҳоро ба нашр надода ва ҳатто ба дӯсти наздикаш Салим Кенҷа, ки ҳамчун шоири соҳибноми Самарқанд шинохта шуда буд, нишон надодааст.

– Сабабгори нашри ду ғазали нахустинам шоир Асадуллоҳ Исмоилзода мебошад, – бо самимият нисбат ба ин адиб мегӯяд устод Қамарзода. – Боре дар як сӯҳбати аҳли адаб ҳама шоирон шеърхонӣ карданду навбат ба ман расид. Иттифоқан ду ғазали тозаро хондам. Асадуллоҳ он вақт дар рӯзномаи “Овози Самарқанд” ҷонишини сармуҳаррир буд. Хоҳиш кард, ки шеърҳоро ба вай диҳам. Шеърҳоро додам ва гуфтам, ки чун шоири шинохта сактаҳояшро ислоҳ намояд. Пас аз ду рӯз дӯстам Салим Кенҷа телефон карда, гапро аз гилагузорӣ сар кард. Гуфт, ки “шоир будааму боре ҳам ба вай шеърамро нишон надодаам”. Ҳайрон шуда пурсидам, ки “кадом шеъру дар куҷо?” “Шумораи имрӯзаи “Овози Самарқанд”-ро бинед. Бо муқаддимачаву сурататон ду шеъратон чоп шудааст. Боз худро ба нодонӣ мезанед-а? Ана ҷӯрагӣ!..”, - гуфт шодравон Салим Кенҷа.

Воқеан, пас аз нашри ҳамон шеърҳо минбаъд шеъру манзума ва мувашшаҳоти Аслиддин Қамарзода дар саҳифаҳои матбуот пасу пеш чоп шуданд. Махсусан мувашшаҳоти ӯ, ки ба унвони наздиконаш навишта шудаанд, сазовори таваҷҷуҳанд. Дар манзумаҳои ӯ бошад, ҳаёти рӯз, бурду бохти фардони алоҳидаи ҷамъият ифодаи худро меёбанд. Баъзе шеърҳо асоси таърихӣ доранд, яъне ба ин ё он муносибат, санаҳои таърихӣ, зодрӯзи дӯстон гуфта шудаанд. Манзумаҳои "Дӯстонамро дидам ман", "Самарқанднома", "Барфӣ", "Китобдӯст" ва ғайра далели ин гуфтаҳоянд. Ин аст, ки ҳама навиштаҳои ӯро шогирдонаш ҷамъ карда, бо номи "Маънои зиндагӣ" нашр намудаанд[16] ва устод Аслиддин Қамарзода ҳамчун "эҳёгари жанри мувашшаҳ" шинохта шудаанд. Зеро дар ин китоб беш аз 50 адад мувашшаҳоти муаллиф ҷамъоварӣ шудаанд, ки онҳо ба падару модар, додару ҳамсар, дӯстони шоир, арбобони давлатӣ, олимону устодон бахшида шудаанд. Дар ин мувашшаҳот хислатҳои хоси онҳо баёни худро ёфтаанд.

Мувашшаҳоти шоир, ки ба номи падар, модар, Истиқлоли Ӯзбекистон, Истиқлоли Тоҷикистон, Қомуси Ӯзбекистон, Эмомалӣ Раҳмон, Фарҳод Раҳимӣ, Раҷаббой Аҳмадзода, Аҳмадҷон Раҳматзода ва фарзандону дӯстони наздикаш гуфта шудаанд, ҷолиби таваҷҷуҳанд. Дар ин мувашшаҳот устод хислатҳои шахсонеро, ки ба номашон мувашшаҳ мегӯяд, бо диди ба худ хос, хеле ҷаззоб тасвир мекунад. Аз ҷумла, дар мувашшаҳе, ки ба номи Пешвои тоҷикони ҷаҳон, Президенти Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон навиштааст, хислатҳои хоси Эмомалӣ Раҳмон ва хизмати шоистаи ӯ дар пос доштани Истиқлоли Ватан аз ҷониби як суханвари бурунмарзӣ хеле холисона ва бо меҳри хоса баён шудааст:

[16] Аслиддин Қамарзода.Маънои зиндагӣ. (Гузидаи ашъор). Нашриёти "Yangi nashr", Тошкент, 2016.

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – САРВАРИ ТОҶИКОНИ ҶАҲОН

*(Мувашшаҳ)* [17]

**Э**й баҳори файзбори тоҷикон,
**М**ӯнисӣ бар рӯзгори тоҷикон.
**О**фтоби нурфишони дил туӣ,
**М**ояи авҷу барори тоҷикон.

**А**з ту меболад ҳама хурду калон,
**Л**олаӣ дар кӯҳсори тоҷикон.
**И**нқилоби тозаӣ дар зиндагӣ,
**И**нкишофу эътибори тоҷикон.

**Р**ӯйи роҳи туст равшан бечароғ,
**А**й чароғи нурбори тоҷикон.
**Ҳ**осили умри ту кохи ваҳдат аст,
**М**оҳтоби шоми тори тоҷикон.

**О**смон меболад аз рафтори ту,
**Н**ағмаи мурғи ҳазори тоҷикон.
**С**арвари арзандаи даврон туӣ,
**А**й ҳама авҷу барори тоҷикон.

**Р**ӯйи ту аз нури ҷон тобанда аст,
**В**-эй фурӯғи бешумори тоҷикон.
**А**з ту боғоти Ватан гул кардааст,
**Р**аҳкушою роздори тоҷикон.

**И**н дили ман дар вафо ҷон медиҳад,
**Т**о ки бошад дар канори тоҷикон.
**О**рзу дорам зиҳӣ садсолаҳо,
**Ҷ**ашну суру ёр-ёри тоҷикон.

[17] Аслиддин Қамарзода. “Самарқандномa. Дӯстнома. Американома. Эҳдо”. Нашриёти “Муҳаррир”, Тошканд, 2022. (Ин мувашшаҳ дар Анҷумани адибони Ҳавзаи Наврӯз - Иди Наврӯзи Тоҷикистон 20 марти соли 2016 дар Кохи Борбад (Душанбе) аз ҷониби муаллиф қироат шуда, нусхаи он тахти кафкӯбии ҳазорон иштирокчиёни анҷуман ба дасти Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон тақдим карда шудааст).

**И**сми ту бошад ба ман вирди забон,
**К**-эй шарору к-эй шиори тоҷикон.
**О**варӣ сулҳу саодат пеши рӯ,
**Н**ошири номусу ори тоҷикон.

**И**н дили ман доимо ҳамроҳи туст,
**Ҷ**ории чун рӯдбори тоҷикон.
**А**з ту ҳар як шаҳру деҳ обод гашт,
**Ҳ**арфи ту бошад қарори тоҷикон.

**О**хири кори ту иқболу хушист,
**Н**авбаҳори навбаҳори тоҷикон.

*Моҳи сентябри соли 2009.*

Аслиддин Қамарзода қариб дар аксар жанрҳои шеъри мумтоз – рубоӣ, ғазал, мухаммас, тарҷеъбанд, қасида ва ғайра шеър гуфтааст. Дар китобҳои шеърии “Маънои зиндагӣ” ва “Самарқанднома. Дӯстнома. Американома.Эҳдо”[18] шеърҳои ӯ ҷой дода шудаанд.

Дар меҳвари мавзӯоти манзумаҳои устод тараннуми Истиқлоли Ватан, Самарқанд ва самарқандиён, дӯстӣ ва рафоқат, муҳаббату меҳрубонӣ, пос доштани забону фарҳанг ва маърифати миллат қарор дорад.

Бархе аз шеърҳои Аслиддин Қамарзода низ ба дӯстиву рафоқати байни халқҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, роҳбарони кордон ва инсонҳои оличаноб бахшида шудааст. Аз ҷумла, дар манзумаҳои “Таронаи Истиқлол” ва “Ду шохи як дарахт” дӯстии абадиву адабии халқҳои тоҷику ӯзбек пайваста бо дастовардҳои онҳо дар замони Истиқлол ба қалам дода шудааст.

Дар китоби “Самарқандиён дар Америка” низ чанд шеъри ӯ ҳаст, ки байни онҳо тарҷеъбанди “Дӯстонамро дидам ман” мавқеи хоса дорад. Дар ин манзума шоир номи бисёр дӯстони худро бо эҳтироми ёдовар шудааст.

“Ба як маъни Америка маро шоир кард, - мегӯяд ӯ бо лутфи хоса. – Ба ин манзумаҳое, ки дар китоби “Дафтари Америка” дохил

[18] Аслиддин Қамарзода . Самарқанднома. Дӯстнома. Американома. Эҳдо (Аслиддиннома). “Muharrir nashriyoti”, Тошканд, 2022,

шудаанд, мисол шуда метавонанд. Ман дар ин сафар бо марди фарҳангпешаи шоиртабъ Бахтиёри Садриддин, ки аз тоҷикони Оҳангарон будааст, ошно шудам. Нахуст ошно, баъд бо ҳам додару бародар шудем. Ҳамроҳ бисёр ҷойҳои Амрикоро зиёрат кардем. Дар Ниагараи афсонавӣ шудем. Ҳамаи ин бо қаторҳои мавзун дар шеърҳо баёни худро ёфтаанд, ки асоси китоби “Дафтари Америка” [19]-ро ташкил кардаанд.

Дар бораи фаъолияти гуногунпаҳлуи устод Аслиддин Қамарзода, ки ҳамчун адиб, олим, омӯзгор, тарҷумон, рӯзноманигор ва намояндаи фаъоли ҷамъиятӣ корҳои бисёри маърифатию фарҳангӣ анҷом додааст, дар тазкираю энсиклопедия, маҷмӯаю маҷалла, расонаҳои ахбори оммавии Тошканду Душанбе, Самарқанду Хӯҷанд, Теҳрону Кобул, Русия ва ИМА, Олмону Чехия мақолаҳо ва шеърҳои зиёде интишор гардидаанд ва дар онҳо мавсуфро чун пайвандгари дӯстии халқҳо эътирофу эҳтиром намудаанд.

Устод Аслиддин Қамарзода ҳамчун шоири ҳозирҷавоб ва вассоф ба муносибати ҷашнҳои Наврӯз, Соли Нав, тантанаву зодрӯзҳо дар тавсифи дӯстон дар шакли мувашшаҳ, қасида, рубоӣ, маснавӣ ҳазлҳои рафиқона навиштааст, ки онҳо дар рӯзнома, маҷалла ва маҷмӯаҳои дастҷамъӣ нашр шудаанд.

Аз ҷумла, ба муносибати барфи нахустин ба номи дӯсташ, соҳибкор Неъмтҷон Раҳматов (равонаш шод бод), ки дар Самарқанд бо номи Неъмати тоҷик машҳур буд, манзумаи “Барфӣ”-ро хеле ҷаззоб навиштааст ва дар он аз рафиқони наздики дӯсташ бо хислату хусусиятҳояшон ёдовар шудааст. Ин манзума дар рӯзномаи "Овози Самарқанд" (25 декабри соли 2014) нашр гардидааст.

Чун ҳазли солинавӣ ё худ табрику таманниёт ба аъзоёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС манзумаи табрикиро ба истиқболи Соли Нави 2016 навиштааст, ки аз 50 мисраъ иборат аст. Дар он ҳамаи аъзоёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷик номбар шудааст.

[19] Аслиддин Қамарзода. Дафтари Америка. Америка дафтари. Шеърҳо, манзумаҳо. Ню-Йорк, 2017.

Инчунин, ба муносибати Рӯзи кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ бахшида ба кормандон ва фаъолони "Овози Самарқанд", аз ҷумла, сармуҳаррири рӯзнома Баҳодур Раҳмонов, сарвари собиқадорони идора Тошқул Азимзода, Журналисти шоистаи Ӯзбекистон Муайяна Хӯҷаева, адиб ва рӯзноманигори маъруф Бахтиёри Ҷумъа, журналист ва блогер Тошпӯлод Раҳматуллоев, корманди адабӣ Ҷамшед Обидов, мухбири фаъоли рӯзнома Толиб Юнусзода, котиби масъули рӯзнома Фаридуни Фарҳодзод, сухандони телевизион Шаҳло Аҳророва, ходими ҳисобдон Лола Раҳимова ва дигар шеърҳои тавсифӣ навишта, аз хислатҳои наҷиби онҳо ёдоварӣ кардааст.

Дар баъе пораҳои шеърӣ нуқсонҳои аъзоёни ҷамъият, аз қабили мунофиқӣ, порахӯрӣ, фиребгарӣ ва ғайраро сахт мазаммат намудааст. Масалан, манзумаи "Китобдӯст" хусусияти ҳаҷвӣ дошта, дар он “китобдӯстии” шахсони бефарҳанг мазаммат карда шудааст.

* * *

Устод бори аввал барои дидор бо духтар ва домодашон, ки дар Амрико ҳастанд, ба ин кишвар сафар мекунад ва ҳангоми сафар бо бисёр дӯстон – яҳудиёни бухороӣ, ки дар асл зодаи Самарқанду Бухоро буда, ҳоло маскуни Амрико шудаанд, вохӯрда дар таърифи ин вохӯриҳо бо номи “Дӯстонамро дидам ман” манзумаи тарҷеъбанд менависанд, ки ин манзума дар газетаи ҷамоати яҳудиёни бухороӣ дар Америка "The Bukharian Times" нашр мешавад. Бо шарофати ҳамин вохӯрию шеър таҳти сарпарастии ҷамоаи яҳудиёни бухороӣ ҳафтавораи муҳоҷирони Осиёи Марказӣ дар Америка бо номи “Zamon-Times” таъсис ёфта, духтари устод Умеда Қамарова, ки хатмкардаи факултети суханшиносии Донишгоҳи давлатии Самарқанд мебошад ва пеш аз сафар ба Амрико дар вазифаҳои услубшиноси шӯъбаи таълими халқи шаҳри Самарқанд, мухбири “Овози Самарқанд”, омӯзгори Донишгоҳи давлатии Самарқанд кор карда буд, муҳаррири ин ҳафтавор таъин мешавад.

“Эй дӯстон, хонед “Замон” ном шеъри устод маҳз ба шарафи чопи шумораи нахустини “Zamon-Times” навишта шуда, дар шумораи дуюми рӯзнома (14 майи соли 2016) чоп гардидааст. Дар

шеъри “Аз Самарқанданд” низ дӯстони шоир – яҳудиёни бухороӣ бо санъату ҳунарашон таърифу тавсиф шудаанд.

Устод ҳангоми сафари дуввум ба Амрико дар соли 2017 бо ҳаёти муҳоҷироне, ки дар он ҷо зиндагӣ ва кор мекунанл, аз наздик шинос шуд ва бо дархосту маслиҳати дӯстон нашрияи тоза созмон дода, шумораи нахустин - намунавии ин нашрияи оммавӣ-иҷтимоии муҳоҷирони Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро бо номи “Наврӯз” моҳи октябри соли 2017 дар Ню-Йорк дар ҳаҷми чаҳор ҷузъи чопӣ – 32 саҳифа ба забонҳои тоҷикӣ, Ӯзбекӣ ва русӣ бо теъдоди ду ҳазор нусха аз нашр баровард.

Дар ин нашрия чанд мақола ва шеърҳои Аслиддин Қамарзода, аз ҷумла "Бор бӯлсин Ӯзбекистон" (шеър ба шарафи дар Ассамблеяи навбатии СММ баромад кардани Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев), "Зи Истиқлоли кишвар мебинам" (Тазмин бар ғазали Ҳофизи Шерозӣ), "Марҳабо "Наврӯз" (маълумот оиди нашрия), "Америкае, ки медонему намедонем" (мақола дар бораи Америка), "Наврӯз" сизнинг хизматингизда" (мақола оиди нашрия ба забони Ӯзбекӣ), "Мунодии дӯстии халқҳо" (мақола ба истиқболи 100-солагии Шароф Рашидов), "Америка дафтари – дафтари Америка": "Америка ва Ӯзбекистон", "Ню-Йорк – Америка юраги", "Америкада Ӯзбекистон қовуни", "Аҳли маърифат", "Ифтихори Боғи Баланд", "Дар намози Иди Қурбон", "Оилаи хушбахт", "Як ҷаҳон ташаккур", "Самарқанд" (мухаммас бар ғазали Ҳоҷӣ Мурод), "Меҳри Ватан дар дилу ёд" (шеърҳо ба забонҳои Ӯзбекӣ ва тоҷикӣ) чоп шудаанд.

Ин нашрияро мардум хуш пазируфтанд, лекин баъди бозгашти устод “соҳибдилон”-и серпул, ки то оғози нашр ваъдаҳои калон дода буданд, дастгирӣ накарданд ва фаъолияти нашрия қатъ гардид.

* * *

Тавсиф ва таърифи Самарқанд ҳамеша дар меҳвари осори адабӣ, илмӣ ва публисистии Аслиддин Қамарзода - Асилзодаи Самарқандӣ қарор дорад. Ӯ ҳар як зарраи хоки Самарқандро азиз медонад, ба замину осмон, табиати дилфиреб, оби ширини ин шаҳри куҳан меҳри беандоза дорад. Самарқанд ва самарқандиён яке аз мавзӯъҳои асосии шеъру манзумаҳои Аслиддин Қамарзода ба шумор меравfestival. Дар китобҳои “Мадҳи Самарқанд”, “Таронаҳои

Самарқанд” низ чанд шеъри худро дар тавсифи Самарқанд ҷой додааст. Дар китобҳои шеърии “Маънои зиндагӣ”, “Ду шохи як дарахт”, “Нури зиё 101 мухаммас” низ шеърҳои мавсуф дар таърифи Самарқанд ба чашм мерасанд, аммо қисми асосии онҳо дар китоби “Самарқанднома. Дӯстнома. Американома. Эҳдо” гирдоварӣ шудаанд гӯем, хато нахоҳем кард. Китоб бо мисраъҳои зерин оғоз меёбад:

Чун Самарқанд ҷои зебо нест,
Дилкашу дилбару дилоро нест.
Аслиддин зодаи Самарқандам,
Бар Самарқанди хеш дилбандам.

Сипас, як қатор шеър ва манзумаҳо, ки ҳатто дар сарлавҳаи онҳо номи Самарқанд зикр шудааст, ҷой дода шудаанд. Аз ҷумла, "Мӯйсафедони Самарқанд", “Хубони Самарқанд”, “Забони Самарқанд”, “Дар Самарқанд аст”, “Аз Самарқанданд” ва ғайра. Матлаъ ва мақтаъи қасидаи “Самарқанднома” низ чунин аст:

Манам аз ҷон санохони Самарқанд,
Ғуломи шоҳи хубони Самарқанд....
...Қамарзода суруди тозае гуфт,
Чу як фарди сухандони Самарқанд.

*Қасидаи дигар “Дар Самарқанд аст” унвон дошта, аз 120 мисраъ иборат аст ва бо ин байт ҳо оғозу анҷом меёбад:*

Ҳазорон неъмату ганҷи гуворо дар Самарқанд аст,
Макони дилкашу ҷои тамошо дар Самарқанд аст...

...Нагардад кам ба олам шӯҳрату шони Самарқандам,
Хушам аз он, Асилзоди тавоно дар Самарқанд аст.

Дар шеърҳои “Ба Самарқанд биё”, “Даҳ тоҷики машҳури Самарқанд”, “Мӯйсафедони Самарқанд”, “Хубони Самарқанд”, “Пос доред Самарқандро”, “Макони булбулон”, тарҷумаи шеъри “Самарқанд”-и Қаҳрамони Ӯзбекистон Эркин Воҳидов, як силсилаи мухаммас ба ғазалҳои дар таърифи Самарқанд сурудаи шоирон: Собир Султон (“Нони Самарқанд”), Ҷавдат (“Анҷири Боғи

Баланд”), Салим Кенҷа (“Ҷаҳони ман Самарқанд”), Акбар Пирӯзӣ (“Боғи Гулханӣ”), Исмоил Зарифӣ (“Хони Самарқанд”), Сафармуҳаммад Аюбӣ (“Кошонаи Самарқанд”, “Дидори Самарқанд”), Абдуҷалол Қодирии Истаравшанӣ (“Самарқандам”), Шариф Пайдовари Умарзода (“Пайғоми Самарқандӣ”), Баҳодури Убайдуллоҳ (“Каъбаи ҷонам Самарқанд”) ва ғайра низ манзараҳои Самарқанд, ҳаёт ва меҳнати фарзандони бунёдкори он мадҳу ситоиш шудаанд. Дар манзумаҳои “Гулҳои бӯстони Самарқанд”, “Меваҳо”, “Ҷавонмардони Боғи Баланд” нозу неъматҳои Самарқанд ва офарандагони он тавсиф гардидаанд.

Шеъри “Ду меҳмони Самарқанд” дар бораи шоир ва донишмандони панҷакентӣ Исмоил Зарифӣ ва Иброҳими Наққош, ки ҳамеша ёди Самарқанд мекунанд, навишта шудааст.

Шеъри “Бошӣ аз барам азизу мӯътабар”-и Аслиддин Қамарзода чун рамзи арзи сипос ба духтари азизу меҳрубонаш Умедабону, ки ҳамеша дар табъу нашри китобҳо ёвару мададгори ӯст, бахшида шудааст. Манзумаи “Бахт ёрат бод Бахтиёр”, мухаммаси мувашшаҳи “Файзи ин чаман ҳастӣ”, мухаммаси “Нури Зиё – дар хонадони Файзулллоҳ”, “Ба додархондам...”, “Фарзанди газета” “Гулпаравар”, “Ту сазовори ҳама ҷоизаӣ!”, “Табиби ҳозиқ”, “Ҳақдоду ҳақпарасту ҳаҷгӯй” ва ғайра ба соҳибкорони маърифатпеша ва мардони саховатманди Самарқанд бахшида шуда, дар онҳо сифатҳои нек ва фазилатҳои хоси онҳо тавсиф шудаанд.

* * *

Тараннуми дӯстии халқҳо яке аз мавзӯъҳои дӯстдоштаи Аслиддин Қамарзода ба шумор рафта, он чи дар мақолаю маърӯзаҳои илмӣ ва чи дар осори адабӣ ва публисистӣ дар маркази таваҷҷуҳи эшон қарор гирифтааст, ки мо инро ҳангоми баррасии паҳлуҳои илмии эҷодиёти устод ёдовар шуда будем.

Дар силсилаи “Дӯстнома”-и китоби “Самарқанднома. Дӯстнома. Американома. Эҳдо” як қатор шеър ва манзумаҳои устод, ки дар таърифи дӯстию рафоқати халқҳои тоҷику ӯзбек, робитаҳои илмию фарҳанги мардуми Тоҷикистону Ӯзбекистон, дӯстӣ ва равобити мардуми Самарқанду Хӯҷанд ва шахсони алоҳида иншо шудаанд, гирдоварӣ гардидааст. Бахши “Дӯстнома”-и китоб бо мисраъҳои зерин оғоз меёбад:

Тоҷику ӯзбек бошад ҳамдиёр,
Тоҷику ӯзбек бошад ҳамҷавор.
Тоҷику ӯзбек аз як мазҳабанд,
Тоҷику ӯзбек соҳибэътибор.

Қариб ҳама шеъру манзумаҳои ин бахш чунин мазмуну маъно дошта, ба дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек, файзу неъматҳои Истиқлол, таҳкими робитаҳои ду кишвари аз азал ҳамсояю ҳампеша, меҳру садоқати байни ашхоси ҷудогона - роҳбарони сиёсатмадору фардони обрӯманд – аз ҷумла, мувашшаҳот ва шеърҳои ҷудогона дар бораи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, олими кайҳоншиноси тоҷик, академик Фарҳоди Раҳим, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода, Раиси Иттиҳоди Нависандагони вилояти Суғд Аҳмадҷон Раҳматзода, табиби донишманд Муллозуҳур Тоҳирӣ, адибони тоҷик Абдурофеъ Рабиев, Исмоил Зарифӣ, хаттот ва тазкиранигор Иброҳими Наққош, шоираи донишманд Нуринисо Акрамова, соҳибкори хайрандеш Ҳоҷӣ Бобохон Раҳмон ва дигарон бахшида шудаанд.

Манзумаҳои “Иди Истиқлол муборак, Тоҷикистон”, “Истиқболи Истиқлол”, “Таронаи Истиқлол”, “Дӯсту бародар ҳастем мо”, “Ду шохи як дарахт”, “Самарқанду Хӯҷанд”, “Як замон”, “Душанбе” “Рамзи дӯстии ҷовидон” (муламмаъ башида ба муносибати дар Самарқанд қад афрохтани пайкараи Ҷомӣ ва Навоӣ) ва ғайра сазовори таваҷҷӯҳанд.

Дар бахши “Американома”-и ин китоб манзумаҳое, ки устод ҳангоми сафари сеюми худ дар Амрико (ин сафар аз охири моҳи январи соли 2020 то мобайни моҳи апрели соли 2021 давом карда буд) навиштааст, ҷой дода шудаанд. Азбаски он моҳу сол дар тамоми олам вабои куруно паҳн шуда буд, устод аз хона набаромада, бештар бо эҷод машғул шудаанд.

Мусоҳибаҳо дар мавзӯъҳои фарҳангу маърифат, адабиёту ҳунар, ҳаёти муҳоҷирон дар кишвари дур аз Ватан бо журналистон Баҳодур Қудратов, Навбаҳор Имомова, Солеҳ Яҳёев, Ҷаҳонгир Муҳаммад барои радио ва телевизиони Америка, мулоқот тавассути интернет бо кормандони телевизиони Самарқанд, мураттиби “Тазкираи эҷодкорони муҳоҷир”, китоби шеърҳои

“Самарқандднома. Американома. Дӯстнома. Эҳдо”, таҳияи китоби ҳуҷҷатии “Самарқандиён дар Америка”, маҷмӯаи мақолаҳои “Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад...”[20] (ин ду китоб бо ҳаммуаллифии духтараш Умеда Қамарова таҳия шудааст), дар Ню-Йорк тарҷума ва дар ҳамон ҷо нашр кардани китоби “Ҳадисҳо – шамъи фурӯзон”-и адиби ӯзбек Шукур Дадаш, тарҷумаи эссеи ҳуҷҷатии “Фиғони Афғон”-и Абдуғафур Искандар ба забони тоҷикӣ, тарҷумаи китоби шеърҳои “Ҷоми Хайём”-и Лоиқ ба забони ӯзбекӣ – ҳамаи ин маҳсули ин давраи сафару зиндагӣ ва эҷод дар Амрико буд. Дар ҳамин муддат “Америка ва Ӯзбекистон”, “Эй Америкаи дилрабо”, “Дар Ню-Йорк ҳастаму бошам амон”, “Самарқандиён дар Ню-Йорк”, “Ҷавонмардони Боғи Баланд”, “Оилаи хушбахт”, “Аҳли маърифат”, “Маърифатдӯст” ва ғайра навишта шудаанд. Шеърҳои “Зане дар хиёбон”, “Ёд кардам Самарқандро”, “Шудам пазмон”, “Бозгашт аз Амрико” ба ёди зодгоҳ – Самарқанди қандманд ва пайвандону ёру дӯстонаш бахшида шудаанд.

Яке аз шуғлҳои эҷодии устод дар мусофирӣ навиштани мухаммас – тазмин ба ғазалҳои шоирони мумтозу муосир буд, ки дар ин хусус дар поёнтар мулоҳиза хоҳем ронд.

Кори дигаре, ки вай дар ин давр ба сомон расонидаанд, тарҷумаи силсилаи рубоиёти “Ҷоми Хайём” ва чанд шеъри Шоири халқии Тоҷикистонх Лоиқи зиндаёд ба забони ӯзбекӣ буд, ки ҳоло он дар дасти чоп аст.

Аслиддин Қамарзода ҳамчун як инсони маърифатпарвар ва тарғибкунандаи дӯстию бародарии азалию адабии халқҳои тоҷику ӯзбек нисбати баромадҳои иғвогаронаи миллатчиёни замона, ҳодисаҳои дар обанбори Сардоба ва ноҳияи Сӯх рухдода низ бетафовут наистода, бо шеъру мақолаҳои оташини худ ҷавоби сазовор дод.

Ба унвони Аслиддин Қамарзода, ки бархе аз эҷодкорон ӯро ҳамчун адиб ва донишманди тазкиранавис мешиносанд, аз чаҳор тарафи дунё мухлисони адабиёт, ки байни онҳо эҷодкорон низ ҳастанд, муроҷиат менамоянд, ки дар асоси таҷрибаҳои худ як

[20]Аслиддин Қамарзода, Умеда Қамарова. Самарқандиён дар Америка “Muharrir nashriyoti”, Тошканд, 2021. Аслиддин Қамарзода, Умеда Қамарова. Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад... “Muharrir nashriyoti”, Тошканд, 2024

тазкираи эҷодкорони муҳоҷирро таҳия кунад. Ин дархостҳо Аслиддин Қамарзодаро водор намуд, ки китоби наве бо номи “Тазкираи эҷодкорони муҳоҷир” рӯйи чоп оварад. Дар ин китоб асарҳои 12 нафар адибони муҳоҷир ва 2 нафар мусаввир, ки зодагони мавзеъҳои гуногуни Осиёи Марказӣ буда, алъон дар Амрико ва Русия зиндагӣ, меҳнат ва ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ эҷод мекунанд, ҷой дода шудаанд.

Ин китоб, ки дар шакли тазкира тартиб дода шудааст, бо сайъу эҳтимоми устод тариқи нашриёти “Муҳаррир” дар Тошканд ҳамон сол нашр гардидааст[21]. Дар ин китоб низ якчанд манзума ва “Имтиҳон” ном ҳикояи худи устод ҷой дода шудааст.

Дар бисёр шеър ва манзумаҳое, ки устод дар Америка навиштаанд, ҳаёт ва меҳнати муҳоҷироне, ки аз Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба он кишвари дур ҳиҷрат карда, зиндагӣ ва меҳнат мекунанд ва ҳамеша дар ёди Ватан ва пайвандон мебошанд, баён карда шудааст. Ин маънӣ дар манзумаҳое, ки ба пири ҳавопаймоёни Самарқанд Сайфиддин Баҳриев, ки солиёни зиёд Роҳбари аэропорти Самарқанд буд, ба шогирди содиқи устод Шаҳриёр Рӯзимуродов, ки хатмкардаи чаҳор мактаби олӣ буда, дар бисёр вазифаҳо кор кардаву то ба дараҷаи Вазири авиатсияи шаҳрвандии Ӯзбекистон расида буд ва бо амри тақдир ҳоло дар Амрико зиндагиву кор мекунад, инчунин ба ҷавонмардони маърифатпарвари самарқандӣ - додарон Шарифҷон (раҳматӣ) ва Мансурҷон Тошпӯлодовҳо, Одилҷон Тоҳиров, Аҳмадҷони Аҳрориён, Муҳаммадкул Акобиров, ҳофизи хушовози самарқандӣ Мардон Худойбердиев, соҳибкори шӯҳратёр Фотеҳҷон Сӯфиеви моғиёнӣ, ҳофиз ва шоири муҳоҷир Бахтиёри Садриддини ангренӣ (авлодаш аз ноҳияи Ашти Тоҷикистон) ва дигарон бахшида шудааст, возеҳу равшан ба назар мерасанд.

Ёди Ватан, меҳри пайвандон устодро дар ҳиҷрат як дам ором нагузоштааст, ки ба ин маънӣ шеърҳои “Ба духтарам Умедабону”, “Ба писарам Наврӯзҷон”, “Эй писарҷон”, “Маърифатпарвари замон”, “Нишони бародар”, “Наберахо” ва ғайра навишта шудаанд. Дар ин шеърҳо сифатҳои пайвандони худро як-як баён кардаанд.

[21] Аслиддин Қамарзода Тазкираи адибони муҳоҷир. Muhojir ijodkorlar tazkirasi. Антология творчества иммигрантов. “Muharrir nashriyoti”. Тошкент, 2021.

* * *

Тавре дар боло ишора шуд, як қатор шеърҳои устод хусусияти танқидӣ ва ҳаҷви тезу тунд доранд, ки дар онҳо рафтору кирдори ношоёни баъзе аъзоёни ҷамъият, аз қабили манқуртӣ, беэътиборӣ ба забону расму оини мардумӣ, китобу матбуот, қаллобию фиребгарӣ сахт мазаммат мешаванд. Манзумаҳои “Баъзе самарқандиён”, “Дилам монд”, “Ғалат”, “Ҷамъи парешон”, “Карантин” “Нишони охирзамон”, "Китобдӯст", "Ба хоинони миллат”, “Ба миллатгароён”, силсилаи “Чакидаҳо” ва “Шаҳрошӯби замон” аз ин ҷумлаанд.

Бояд гуфт, ки дар аксар ҳикоя ва қиссаҳо, шеъру мазумаҳои устод ҳасби ҳоли худи ӯ, муносибаташ нисбат ба зиндагӣ ва атрофиён, дӯстӣ ва рафоқаташ бо онҳое, ки дар шеърҳояш сухан дар бораи онҳо меравад баёни худро ёфтаанд. Инчунин, дар баъзе шеър, памфлет ва чакидаҳо афсӯсу надомати ӯ нисбат ба муносибати баъзе касоне, ки дар ибтидо ба сурати дӯст ба ӯ муносибат карда, баъди анҷоми корашон ва ё аз манфиати устод бебаҳра мондан, ба душман табдил ёфтанашон бо ҳасрат ба қалам дода шудаанд. Ин маънӣ дар шеърҳои “Дилам монд”, “Ба хоинони миллат”, “Ба миллатгароён”, памфлети “Мунофиқ”, муколамаи “Мо ва ман” равшан ба назар мерасанд. Устод дар шеъри “Дилам монд” ба ононе, ки ҷавобан ба ҳама хидматҳои нек ва ҷонфидоиҳояш барои рушди фарҳанг ва худшиносӣ, ба тӯҳматҳо барангехта, аз вай канорагирӣ кардаанд, хитобан чунин мегӯяд:

Аз ин дунёи пурармон дилам монд,
Аз ин дарёи пуртуғён дилам монд.
Надонистанд моро дилсиёҳон,
Аз ин сӯзандагони ҷон дилам монд.

Якеро дӯст хондам, роз гуфтам,
Якеро бар дилам ҳамроз гуфтам.
Бибурдам наздашон авроқи рангин,
Аз ин ёрони бевиҷдон дилам монд.

Якеро назди мардум дӯст гуфтам,
Ба ман ӯ мағз дар як пӯст гуфтам,
Бадиҳояш аёнам гашт имрӯз,
Аз ин ғаммозу ғамхорон дилам монд.

Маро хонда яке бар хеш устод,
Ба пеши пои ман сад бор афтод,
Даме мансаб гирифт аз пеши ман рафт,
Аз ин ноаҳлу маккорон дилам монд.

Тамоми умри ширин халқ гуфтам,
Ба кори дигарон чун гул шукуфтам,
Тамоми дӯстонам душманам шуд,
Аз ин фардони беимон дилам монд.

Намегирям ба ин ҳоли забунам,
Худо бошад ҳамеша раҳнамунам,
Ба ёд оранд маро баъди мурдан,
Аз ин ҷамъи пулдорон дилам монд.

Биё, Аслӣ, сухан аз маърифат гӯй,
Раҳи озодагони ишқ мепӯй,
Ҷаҳон ноаҳлу бадкирдор бошад,
Аз ин ҳамсӯҳбати нодон дилам монд.

Устод дар шеъри “Ба мухлисони шеъри тар” ба ононе, ки шабу рӯз бо интернет банд шуда аз китобхонӣ дур шудаанд, хитобан мегӯяд:

Зи интернет як дам берун оед,
Китоби тозае гиред дар даст!

Як хусусияти ба худ хоси эҷоди устод дар поёни манзумаҳое, ки ба Самарқанд ва одамони обрӯманди он, равобит ва дӯстии байни халқҳо бахшида навиштааст, зикри шарҳи ҷойҳо ва шахсоне мебошад, ки номашон дар манзума зикр шудааст. Ин амал ба

хонанда барои донистани аслу насаби шахс ва ба чӣ сабаб дар манзума зикр ёфтани ин ё он мавзеъ ва ё ашхос кумак мекунад. Зеро бисёр хонандагони муосир кӣ ва чикора будани ин ҷой ва ашхосро намедонанд. Масалан, маълумоти мухтасар доир ба мавзеъҳои Куҳак, Чашмаи хурӯшони Самарқанд, руди Сиёҳоб, наҳри Дарғам, Ҷувози Коғаз, Оби Раҳмат, Хиёбони донишгоҳ, расадхонаи Улуғбек, масҷиди Ҳазрати Хизр, зиёратгоҳи Дониёл пайғамбар, шахсони таърихӣ ҳамчун Давлатшоҳ, Мутрибӣ, Мотрудӣ, маърифатпарварон ва олимону адибони замони сонӣ – Абдуқодир Шакурӣ, Исматулло Раҳматуллозода, Воҳид Абдулло, Ботурхон Валихоҷаев, Юсуф Абдуллоев, Раҳим Муқимов ва ғайра доираи дониши хонандаро нисбат ба таърихи диёр ва одамони номдори Самарқанд васеътар мегардонад.

Дар маснавиҳои “Самарқанднома”, “Меваҳо”, “Боғи Баланд”, “Оилаи хушбахт” Самарқанд ва одамони меҳнатқарину меҳмоннавози ин шаҳри қадима, манзараҳои дилфиреб, боғу бӯстонҳои пур аз нозу неъмати он таърифу тавсиф мешавад. Манзумаҳои “Ахтарони Самарқанд”, “Дар Самарқанд аст”, “Овозадорон аз Самарқанданд” ба ифтихориёни Сайқали рӯйи замин -олиму адибони номдори Самарқанд бахшида шудааст. Маснавии “Аллома” дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти устоди олимони самарқандӣ, алломаи замона, донишманди маъруфи шарқшинос, академик Воҳид Абдуллои Самарқандӣ ва пайванди ӯ, донишманди забондон ва дипломати байналхақӣ Юсуф Абдуллоев мебошад.

Як силсила шеърҳо ва мухаммасҳои устод ба эҳтиром ба забони модарӣ ва дар партави эҳтироми забонҳои дигар пос доштани он бахшида шудаанд. Аз ҷумла, дар шеърҳои “Забони Самарқанд”, “Пос доред набони модариро”, манзумаҳои “Ба миллатчиёни ватангадо”, мухаммаси “Тоҷикам”, ки бар ғазали Иззатулоҳи Кенҷа тазмин шудааст, ин маънӣ равшан ба назар мерасад.

Мо дар боби “Маърифатпрарвари замон” дар бораи китобдӯст ва тарғибгари китоб будани устод гуфтем. Инак, дар байни манзумаҳои устод шеъри “Китобдӯст” ва тарҷеъбанди “Китоб хонед, эй дӯстон!” низ мавқеи хоса доранд. Агар дар шеъри “Китобдӯст” аввал китобхариро ваъда карда, баъд аз китоб дида, маъракаи тӯйи духтарашро афзал дониставу ҳатто як дона китоб

нахаридани як нафар "китобдӯст"-ро мазаммат карда бошад, дар манзумаи дар шакли тарҷеъбанд навиштаи шоир, ки аз ду қисм иборат аст, дар қисми якум таърифи китобҳо ва дар қисми дуюм ба китобхонӣ даъват шудани тоифаи гуногуни одамон ба қалам дода шудааст.

Дар шеърҳои "Қуръонро хонеду...", "Рамазон омадааст", "Хуш омадӣ Рамазон" эҳтироми шоир нисбат ба дину оини мусулмонӣ бо меҳру садоқат нисбат ба Китоби Муқаддас ва фарзи мусулмонӣ баёни худро ёфтаанд.

## МУХАММАС ДАР НАЗМИ УСТОД

Мухаммас як навъи жанри лирикӣ буда, дар адабиёти мумтози форсу тоҷик хеле маъмул аст. Мутаассифона, ҳоло кам шоирон ба офаридани мухаммас ҳавсала мекунанд. Бахусус, мухаммасҳое, ки дар тазмини ғазалҳои дигар шоирон гуфта шуда бошад. Бо мақсади ин холигиро пур кардан устод Аслиддин Қамарзода дар офаридани ин жанри шеърӣ кӯшиш намуда, нахуст китоберо бо номи "Нури Зиё -101 мухаммас" (Тошканд, 2018) нашр кард ва баъдан низ ин корро давом дода, соли 2024 китобе бо номи "Бӯстони мухаммас" аз нашр баровард. Дар ин хусус устод чунин гуфтааст:

### БАНДҲОИ ПАНҶГОНА
***(Ба ҷойи муқаддима)***

Зиндагӣ омӯхтам аз рӯзгор,
Баргирифтам таълими омӯзгор,
Ҷамъ кардам пандҳо лайлу наҳор,
Қалбро кардам ҳамеша лолазор,
То бимонад номи некам пойдор.

Такя бинмудам чу бар Ҳаййи Самад,
Хондаам ашъор аз Пири Хирад,
Дидаам дар даҳр ғамҳо беадад,
Меваи ғамро ниҳодам бар сабад,
Умри ман бигзашт андар интизор.

Ошиқона гуфтаам дарди дилам,
Гарм бинмудам ҳамеша маҳфилам,
Дард дорад ҷумлаи обу гилам,
Шеър меборид рӯи манзилам,
Баҳри ёрон монад аз ман ёдгор.

Умри ман бигзашт дар роҳи сафар,
Ман набудам чун дарахти бесамар,
Бар касе н-овардаам ҳаргиз зарар,
Шамъҳо афрӯхтам аз як шарар,
Бас сафарнома намудам интишор.

Мисли ҷон будам ҳамеша бо Ватан,
Дӯст медорам варо дар дил задан,
Васф кардам дилбари нозукбадан,
Гуфтам аз боғу гулу сарви чаман,
Хонаи дилҳо намудам чун баҳор.

Эй Қамарзода, ба лафзи модарӣ,
Яъне бо ганҷинаи дур(р)и дарӣ,
Бар касе н-овардаам дарди саре,
Гуфтаам ҳар соате шеъри таре,
Кардаам шеъру мухаммасро қатор...

Дар хусуси таърихи офариниши мухаммасҳо ва табъу нашри онҳо дар пешгуфтори пурмӯҳтавое, ки аз ҷониби корманди илмии Академияи фанҳои Тӯрон, адабиётшиноси ҷавон Умеда Қамарова навишта шудааст, батафсил маълумот дода шудааст[22].

Акнун меоем, ба сари мақсад – ба мухаммас гуфтанҳои Аслиддин Қамарзода.

“Носозиҳо ва бесарусомониҳо дар зиндагии имрӯза маро водор намуд, ки ба як ғазали шоири лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ, ки бо байти

[22] Умад Қамарова. Иинъикоси эҳсоси қалби шлоир(Сухане чанд оиди Аслиддин Қамарзода ва мухаммасоти ӯ) дар китоби Аслиддин Қамарзода. Бӯстони мухаммас. . “Muharrir nashriyoti”. Тошкент 2024.

Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам,

Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам –

оғоз мегардад, мухаммасе нависам. Росташро гӯям, ин мухаммас дар ду вариант навишта шуд. Дар яке ман ҳақиқати ҳолро баён кардам, дар дигаре росту дурӯғ омехта ва таърифи сохтаи ҳаёти имрӯза ба муқобили байтҳои Ҳофиз. Ин мухаммасро ба дӯстони шоирам хондам. Онҳо дуюминашро маъқул донистанд. Боз мухаммаси дигаре ба як ғазали Туғрал навиштам. Дархост шуд, ки ба ғазалҳои дигар шоирон, аз ҷумла шоирони муосир ҳам мухаммас нависам. Ҳамин минвол китоби якуми мухаммасҳо бо номи "Нури Зиё -101 мухаммас" ба дасти чоп расид..."

Дар китоби мазкур 101 мухаммас ҷой дода шудааст, ки аз он 26 мухаммаси озод ва 74- тояш ба ғазалҳои шоирон тазмин шудааст.

Барои навиштани мухаммас бар ғазалҳои дигарон маҳорати шоирона лозим аст. Дар ин бобат пеш аз ҳама интихоби ғазал, доираи мавзӯъ ва мундариҷа, санъати сухан мақоми алоҳида мебозад. Аслиддин Қамарзода ҳамин маъниро ба эътибор гирифта, ғазалҳоеро аз шоирони гузаштаву имрӯза интихоб намудааст, ки дар онҳо мавзӯи Ватан, дӯстиву рафоқат, эҳтироми падару модар, омӯзиши илму ҳунар, тараннуми истиқлоли кишвар, таълиму тарбия, табиати диёр ва албатта ишқу ошиқӣ ифода ёфта бошанд. Ин аст, ки дар китоби "Нури Зиё - 101 мухаммас" ғазалҳо аз Рӯдакӣ, Ҳофиз, Камол, Қассоб, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Соиб, Сайидо, Макнуна, Туғрал, Айнӣ, Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ансорӣ, Диёрӣ, Лоиқ, Гулназар, Камол Насрулло, Саидалӣ Маъмур, инчунин шоирони маҳаллӣ Ориф Гулханӣ, Диёрӣ, Олимҷон Орифӣ, Мардонқул Муҳаммадқулов, Салим Кенҷа, Акбар Пирӯзӣ, Ҷаъфари Муҳаммад, Асадуллоҳ, Ҷонибек, Рӯзиқул Абдувалӣ, Нормурод Каримзода, Баҳодури Убайдуллоҳ, Абдуҷалол Қодирӣ ва ғайра тазмин карда шудааст. Байни онҳо чанд ғазали шоираи мумтоз Макнуна ва шоираҳои муосир Гулрухсор, Раъно Мирзоева, Саидаи Синавӣ, Мавҷуда Ҳакимова, Нуринисо Акрамова, Раънои Зоирдухт низ ҳастанд.

Адиб ва олими заҳматкаш дар дар сафари дувуми худ ба Амрико (соли 2020) мехост дар бораи ин кишвари афсонавӣ китоби нави сафарнома нависад. Амри тасодуфро бинед, ки ҳамин вақт дар саросари олам бемории коронавирус доман паҳн кард ва ҳамаро

хонанишин намуд. Адиб аз ин ҳолат руҳафтода нашуд ва пеши худ қарор кард, ки сад мухаммас бар ғазалҳои шоирони мумтозу муосир нависад. Ӯ ин корро бо рағбати том оғоз намуда, ҳар рӯз мухаммаси тозаеро менавишт ва дар саҳифаҳои файзбоғи интернет пешкаши дӯстдорони адаб менамуд.

“Ман қарор карда будам, ки ба даҳтоӣ ғазалҳои даҳ шоири мумтозу муосир тазмин-мухаммас гӯям. Лекин дар Амрико (махсусан дар шароити карантин) пайдо кардани даҳ китоби мукаммали ғазалҳои даҳ шоири тоҷик ё порсигӯй имконнопазир буд. Бинобар ин, аз он китобҳое, ки бо худ доштам ва ё дар китобхонаи духтарам маҳфуз буд, инчунин аз ғазалҳои тозаэҷоди шоирони муосир ва ҳатто навқалам, ки дар саҳифаҳои файзбоғи интернет гузошта буданд, истифода намудам” - мегӯяд устод дар ин хусус.

Ин аз як ҷиҳат мувофиқи мақсад ҳам шудааст. Зеро бисёр ғазалҳое, ки барои тазмин интихоб шудаанд, ба мавзӯи рӯз мувофиқанд. Пайваста бо ҳамин номи ин шоирон тавассути мухаммасҳои Аслиддин Қамарзода бори дигар ба мухлисони шеър ошно мегардад.

Ҳамин тариқ, дар ибтидо 100 ғазал аз 50 шоири мумтозу муосир, аз ҷумла Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хӯҷандӣ, Ҳилолӣ, Соиб, Сайидо, Муҳйии Хӯҷандӣ, Амирӣ, Макнуна (Нодира), Туғрал, аз шоирони муосир Лоиқ, Ансорӣ, Қутбӣ Киром, Норинисо, Субҳон Туйғун, Озарахш, Хайрандеш, Исмоил Зарифӣ, Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош, Нуринисо Акрамова, Ибодуллоҳи Солеҳ, инчунин.ю аз шоирони нисбатан ҷавон Илҳом Эшонзода, Содиқи Кашрӯдӣ, Муллозуҳур Тоҳирӣ, Нилуфар Воҳидова, Адиба Ҳабибова ва дигарон ғазалҳо интихоб карда, ба онҳо мухаммас навишт.

Байни шоироне, ки ғазалҳояшон тазмин шудааст, аз шоирони маҳаллӣ номҳои шоирон Диёрӣ, Мардонқул Муҳаммадқулов, Салим Кенҷа, Акбар Пирӯзӣ, Саттор Аҳрорӣ, Асадуллоҳ Исмоилзода, Ҷаъфари Муҳаммад, Ҳусниддин Зулфонов, Ҳазратқул Ҳамроқулов, Рӯзиқул Абдувалӣ ва дигарон ба назар мерасанд.

“Ман аз саҳифаҳои файзбоғи интернет ғазалҳои Сафар Абдуллоҳ, Нилуфар Воҳидова, Адиба Ҳабибова, Кӯҳзоди Фатҳуллоҳро, ки дар мавзӯъҳои муҳими рӯз навишта шудаанд ва

писанди мухлисон гардидаанд, интихоб намудам, - мегӯяд тазминкунандаи ғазалҳо устод Қамарзода. - Аз ҷумла, як ғазали донишманди адабиёт Сафар Абдуллоҳ, ки дар он дарду доғи миллат ифода ёфтааст, ба ман хеле маъқул афтоду ба он тазмин кардам”.

Ҷолиби диққат аст, ки Аслиддин Қамарзода ба ҳар як байти ғазал, ки се мисраи дигар ҳамроҳ менамояд, ба мазмуну мундариҷа ва вазну қофияи ҳамон байти ғазал мувофиқ вожаю мазмунҳоро дарёб намуда, онҳоро бамаврид кор мефармояд. Ба як маънӣ, ба ин васила вай дарди дил, эҳсосоти шоиронаи худро дар ин мухаммасҳо ифшо менамояд. Ин маънӣ бештар дар тазминҳои ба ғазалҳои Лоиқ, ки устод бо вай дӯсти наздик ва ҳамсол буданд, бештар ифодаи худро ёфтаанд. Ин ҳол дар тазминҳои ба ғазалҳои Исмоил Зарифӣ, Иброҳими Наққош, Нуринисо Акрамова, Ибодуллоҳи Солеҳ, Нилуфар Воҳидова ва дигарон навиштаи вай низ равшан ба назар мерасанд.

Мо дар бисёр мухаммасҳое, ки аз ҷониби шоирон ба ғазалҳои дигарон навишта шудаанд, партофта рафтани баъзе байтҳоро мушоҳида менамоем. Лекин Аслиддин Қамарзода (ба истиснои як-ду байт аз як ду ғазал) аксар байтҳои ҳамаи ғазалҳои барои мухаммас интихобшударо нигоҳ доштааст, ки байни ин ғазалҳои 15-16 байтаи Исмоил Зарифӣ, Нилуфар Воҳидова низ ҳастанд.

Чунон, ки дар боло ишора рафт, Аслиддин Қамарзода аксар мухаммасҳои дар тазмини ғазалҳои шоирон навиштаи худро худи ҳамон рӯз ба саҳифаҳои файзбоғ пахш мекард ва ин боиси таваҷҷуҳи садҳо нафар мухлисон шуда, ба як маъно фавран тақризу мулоҳизаҳои як-ду ҷумлагӣ низ баён мешуданд, ки дар онҳо ҳусну қубҳи ин мухаммасҳо ифодаи худро ёфтаанд.

Боиси хурсандист, ки ин мухаммасҳоро тавассути шабакаҳои интернет, аз ҷумла гурӯҳҳои фарҳангиву адабӣ аз қабили “Самарқандномa” (саҳифаи созмондодаи Аслиддин Қамарзода), “Фурӯғи ҳусни доноӣ”, “Американома”, “Самарқандиёни Амрико”, “Маркази Илмии Камоли Хӯҷандӣ”, “Китобхона”, “Ҳисори зарнигор”, “Маркази Миллии тоҷикони Ӯзбекистон” ва ғайра ҳазорон нафар мухлисон хондаанд ва мулоҳизаҳои худро баён кардаанд, ки ин аз васеъ будани доираи хонандагон ва ҷуғрофияи он дарак медиҳад. Аз ҷумла, Шаҳриёр Рӯзимуродов, Акмал

Аҳмадҷонов, Мансур Тошпӯлодов, Марҳабат Файзуллоева, Бахтиёр Рӯзиматов, Солеҳҷон Яҳёев, Баҳодур Қудратов, Хусрав Маҳмудов, Шӯҳрат Азизов, Озод Солиев, Анвар Зайниев, Муҳиддин Шарифов (шодравон), Шодӣ Бозоров, Сафаралӣ Ҳасанов, Ҷаҳонгир Муҳаммад, Навбаҳор Имомова, Мардон Худойбердиев, Раҳим Асадов, Ваҳоб Ҳакимов аз шаҳрҳои гуногуни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Қумринисо Қувватова аз Канада, Шариф Пайдовар аз Руминия, Хуршеда Ҳамроқулова, Нилуфар Воҳидова, Беҳзод Сафаров, Қутбия Икромӣ, Равшан Ҷабборов, Шӯҳратҷон Қамаров аз шаҳрҳои гуногуни Русия, Илҳом Каримов, Анзурат Раббимқулова, Муаззам Абдушукурова аз Исроил, Ҳайдарбек Бобобеков, Ҷаъфари Муҳаммад, Файзхоҷа Маҳмуд, Абдуҷалол Қодирӣ, Тиллоҷон Носирова, Абдуғафур Искандар, Юнуси Имомназар, Зебунисо Аҳмадова, Макнуна Сафарова, Дилором Эргашева, Фарҳод Исомиддинов, Абдуқайюм Ҳасанзод аз Тошканд, Расулбек Аҳмадов, Фарҳод Ҷӯраев, Субҳон Маҳмудов, Масъуди Мирзо, Равшани Мӯъмин ва боз чанде дигарон аз шаҳру деҳоти гуногуни Ӯзбекистон, Адаш Истад, Озодҷон Хидиров, Муяссара Баҳодурова, Ҳоҷӣ Аҳмадҷон Ҳамдамзода (шодравон), Хуршед Маҳмудов, Муқимҷон Орифӣ, Назирҷон Қамаров, Зафар Муродқулов, Баҳора Хуррамова, Баҳодур Хуррамов (шодравон), Абдурасул Хуррамов, Тошпӯлод Юсуфов, Муҳаббат Аҳророва (шодравон), Бунафша Саломова, Гулчеҳра Саймиддинова аз Самарқанд, Ибодуллоҳ Солеҳ, Равшани Ҳамроҳ, Нуринисо Акрамова, Сафия Сафарова, Кӯҳзоди Фатҳулло, Шаҳло Насриддинова, Матлубаи Мирзоюнус, Лола Иброҳимова, Лутфия Рустамӣ, Далер Абдураҳмонов, Муҳайёхон Аҳророва, Раънои Зоирдухт, Шукрона Маҳмадализода, Марворид Фирӯз, Қиёмиддин Сатторӣ ва боз бисёр дигарон аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва баъзе мухлисони шеъри ноби тоҷикӣ аз Ирону Афғонистон ва Покистон низ изҳори ақида намудаанд, ки дар ҷараёни барои китоб омода намудан ҳаддалимкон ба эътибор гирифта шудааст. Пайваста бо арзи сипос барои ҳусну латофати ин мухаммасҳо аз ҷониби баъзе хонандагони зирак ва ҳассос ҳамчун Абдулқайюми Ҳасанзод ва Бахтиёри Садриддин нуқсонҳои баъзе байтҳо дар вазнҳои шеърӣ, сактаи баъзе байтҳои мухаммасҳои ҷудогона баён шудаанд. Ба Нилуфар Воҳидова (Тула), Анзурат Раббимқулова (Исроил),

Қутфия Икромӣ (Калуга), Беҳзод Сафарзод, Алексей Афганов (Рязан), Нуринисо Акрамова (Душанбе) суханпардозиҳо дар бобати интихоби қофияҳо маъқул афтодааст.

Аслиддин Қамарзода чун дар дигар корҳои эҷодӣ, ба навиштани мухаммасҳо ҳам тезкор асту як-ду мухаммасро дар як рӯз ба рӯйи коғаз меоварад, баъзан барои интихоби як вожа чанд луғатро варақ мезанад ва аз ину он ҳам пурсон мешавад.

Дар хусуси вазнҳои шеърӣ бошад, гарчи ӯ аксар навиштаҳои манзуми худро аз назари дӯстони шоири худ Салим Кенҷа, Исмоил Зарифӣ, Асадуллоҳ Исмоилзода гузаронида, баъд ба дасти чоп медиҳад.

Дар офаридани мухаммас байни шоирони муосири тоҷики Ӯзбекистон Аслиддин Қамарзода пешқадам аст. Агар дар китоби “Нури Зиё 101 мухаммас” 101 мухаммаси ӯ нашр шуда бошад, дар китоби “Бӯстони мухаммас” беш аз 250 мухаммаси устод ҷой гирифтаанд. Мухаммасҳои ӯ инчунин дар китобҳои “Суханварони Зарафшон”, “Гулзори мухаммас” ва ғайра низ чоп шудаанд. Дар ин китоб ҳамаи мухаммасоти то ҳол офаридаи Аслиддин Қамарзода гирд оварда шуда, барои оммаи васеи хонандагон пешкаш мегардад. Онҳо хонандаро ба пос доштани анъанаҳои ниёгон, забони модарӣ, дӯстӣ, меҳрубони якдигар ва соҳиби маърифату фарҳанг будан даъват менамояд.

Китоб дар шакли тазкира-баёз дар ҳолати хронологӣ тартиб дода шуда, дар он дар бораи шоироне, ки ғазалҳояшон тазмин шудааст, маълумоти мухтасар ҷой дода шудааст.

Дар ин китоб баробари якчанд мухаммасҳои озод, мухаммасҳои ба ғазалҳои беш аз 100 шоири тоҷик навиштаи муаллиф ҷой дода шудаанд.

* * *

Устод Аслиддин Қамарзода чанд сол ҳамчун роҳбари маҳфили адабии "Сайқал" – бахши адабиёти тоҷики шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон дар Самарқанд бобати рушду камоли ҷавонони эҷодкор, табъу нашри асарҳои онҳо саҳми арзанда гузоштааст.

Устод ҳамчун устоди адибони ҷавон хидматҳои арзанда кардаанд. Баробари роҳбарӣ ба маҳфили адаб, чандин адибони ҷавонро ба арсаи адаб роҳнамун сохтаанд.

Чунончи:

1. Роҳи сафед, Хайринисо! "Зарафшон" (Панҷакент), 23 апрели соли 1977. Пешгуфтор ба силсилаи шеърҳои шоираи ҷавон.

2. Роҳи сафед, Зафар! "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 17 январи соли 1987. Мақола тахти рукни "Навниҳолони боғи адабиёт" нашр шуда, дар он сухан дар бораи эҷоди шоири ҷавони умедбахш Зафар Сӯфии Фарғонӣ (Зафар Ӯрмонов) меравад. Дар поёни мақола намунаҳо аз ашъори Зафар оварда шудааст.

3. Акбар Пирӯзӣ. Муаррифии муаллиф ҳамчун пешгуфтор ба силсилаи шеърҳои "Тӯфони дил"-и Акбар Пирӯзӣ . Ҳақиқати Ӯзбекистон", 13 феврали соли 1990.

4. Салим Кенҷа. "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 31 марти соли 1990. Мақола ба сифати пешгуфтор дар бораи силсилаи шеърҳои дар шумораи "Саҳифаи рӯзи истироҳат" интишоршудаи шоир навишта шудааст.

5. Давронӣ, Даврон! "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 26 апрели соли 1990. Мақола ба сифати пешгуфтор дар бораи силсилаи шеърҳои дар шумораи саҳифаи “Адабиёт ва санъат" интишоршудаи шоир Ҳамроқул Даврон навишта шудааст.

## СӮГВОРӢ ВА МАРСИЯ

Ҳеҷ кас дар ин ҷаҳон намонад пойдор! Шоир аз марги нобаҳангоми дӯстонаш сахт ғамгин шуда, ба ин муносибат як қатор сӯгвориҳо ва марсияҳо низ навиштааст.

Дар марсия ва сӯгвориҳое, ки нисбати фавти дӯсти азизаш, инсони комил Ҳоҷӣ Аҳмадҷон Ҳамдамзода, Корманди шоистаи саноати Ӯзбекистон, дӯсти наздикаш Саидмурод Ҳошимов, яке аз машъалони маърифати Самарқанд Азиз Аминов, ки солиёни зиёд дар вазифаҳои роҳбарии маориф кор кардааст, дӯстони наздикаш олими адабиётшинос, профессор Ҳасанҷон Қудраттуллоев, шоири маҳбуби Самарқанд Салим Кенҷа, шогирду ҳамкораш, дотсент Абдусалом Самадов, нисбати вафоти Абдукарим Ғаниев, ки беш аз 40 сол мудири осорхонаи Садриддин Айнӣ дар Самарқанд буд,

Аълочии маорифи халқ Убайдуллоҳи Раҳмон, соҳибкори ҷавонмарди Самарқанд Баҳодури Хуррамзод, вафоти донишманди забоншинос, профессор Амон Воҳидов навишта шудаанд, ҷиҳатҳои ба муаллиф наздикӣ доштани марҳумон ва афсӯси шоир аз даргузаштани онҳо бо сӯзу гудоз баён ёфтааст.

Аз ҷумла, сӯгвории нисбати фавти Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар навиштаи устод чунин аст:

## БОЗ ЯК СУХАНДОН РАФТ

*(Дар сӯгвории Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ)*

Мо бо Гулназар беш аз 40 сол дӯстиву бародарӣ доштем. Бо ӯ дар Душанбею Самарқанд борҳо дар анҷуману базмҳои адабӣ ширкат намудаем. Гулназар гули сари сабади анҷуману вохӯриҳои адабию фарҳангии мо буд. Суханаш ширину шеъраш шакарин буд. Тоҷикистон, ҳар ваҷаб хоку ҳар санги кӯҳи онро, бахусус пойтахти он Душанберо бениҳоят дӯст медошт. Ӯ Суруди Миллӣ – Гимни Тоҷикистонро навишта, ба абадияти Истиқлол бо шеъраш мӯҳр гузошт, номи худро ҷовидон монд. Гулназар дар таърифи Тоҷикистон ва шаҳру деҳоти он, алалхусус Душанбе шеърҳои зиёде гуфтааст, ки ҳар яке аз дигаре болотару волотар, дилкашу дилпазиранд ва таваҷҷуҳи ҳар хонандро ба худ кашида, меҳру самимиятро нисбат ба Ватан афзун мегардонанд. Камина ҳамчун як шайдои шаҳри Душанбе ва шеъри ноби тоҷик ба як ғазали Гулназар, ки дар таърифи Душанбе гуфта буд, ҳамчун як суханвар мухаммасе навишта будам, ки дар китоби “Нури Зиё 101 мухаммас” чоп шудааст. Хабари фавти Гулназарро дар Амрикои дур шунида, хеле андӯҳгин шудам ва ин сӯгворӣ аз дил чун ашк аз дидаҳо равон шуд.

Сад дареғ, эй ёрон, шоири сухандон рафт,
Андалеби хушхоне боз з-ин гулистон рафт.
Чашмасори дилҷӯӣ таври ногаҳон хушкид,
Оби софи ин чашма дар суроғи борон рафт.
Бо "Суруди миллӣ"-яш ҷо ба дидаҳо гардид,
Гиря мекунад гардун, ахтари Зарафшон рафт.
Савти шеъри ҷонбахшаш хонаи дил орояд,

Нахли дилкаши зебо аз дили кӯҳистон рафт.
Ифтихори ин миллат нест дар бари мардум,
Аз тани ҳақири ман зарра-зарра дармон рафт.
Аз вабо ба ҷони ӯ даррасид паёми марг,
Пайкари шуҷоат буд, дар суроғи имон рафт.
Шоири забардасте бар қазои худ тан дод,
Дар кафаш қалам бишкаст, аз алам парешон рафт.
Ҷойи ӯ ба чашмон буд, роҳ сӯйи дилҳо бурд,
Дар сарири дил ҷо ёфт, бозгашту бар ҷон рафт.
Сахт бошад ин мотам бар ҳама калону хурд,
Гиря мекунад ҷонам, ӯ валек хандон рафт.
Дар азои ӯ гиряд, Аслиддин, ба сад афғон,
Гулназар чу бӯйи гул рӯ ба сӯйи кайҳон рафт.

* * *

Офаридаҳои манзуми устод Аслиддин Қамарзода - ғазал, рубоӣ, чакидаҳои чоргона, мувашшаҳ, қасида, манзума, маснавӣ, шаҳрошӯб ва сӯгномаҳо дар нашрия ва маҷмӯаҳои “Маънои зиндагӣ”, “Ду шохи як дарахт”, “Таронаи Истиқлол”, “Самарқандиён дар Америка”, “Дафтари Америка. Америка дафтари”, “Нури Зиё. 101 мухаммас”, “Наврӯзи Тоҷикистон”, “Тазкираи адибони муҳоҷир”, “Самарқандиён дар Америка”, “Самарқандинома. Дӯстнома. Американома. Эҳдо (Аслиддиннома)” ва “Бӯстони мухаммас”-и Аслиддин Қамарзода ҷамъоварӣ шудаанд. Инчунин, дар китобҳои дигар шоирон ва маҷмӯаҳои дастҷамъӣ, аз ҷумла, “Самарқанд дар шеъри тоҷикӣ”, “Истиқлол ва истиқбол”, “Олтин олма, дуо ол...” (Моҳигул ас-Самад), “Таскин” (Рӯзиқул Абдували), “Изҳори дил” (Бахтиёри Садриддин), “Панду андарзҳо”, “Мактаби Камол”, “Суханварони Зарафшон”, “Вақти саҳар нола кунед” (Ҳоҷӣ Аҳмадҷон Ҳамдамзода), “Камонгарон ва камонгаронликлар” (Сафаралӣ Ҳасанов), “Овози Самарқанд дирӯз ва имрӯз”, “Гулзори мухаммас”, “Гулободнома”, “Армуғони Нур” (Нуринисо), “Дӯстии халқҳо – дӯстии миллатҳо”, “Забони модариро пос доред” ва ғайра чоп гардидаанд.

* * *

Устод Аслиддин Қамарзода ҳамчун адиб ва олими адабиётшинос, тарғибгари адабиёти бадеӣ дар як қатор Анҷуманҳои байналхалқӣ, ки дар шаҳрҳои Москва, Теҳрон, Ню-Йорк, Самарқанд, Тошканд, Бухоро, Душанбе, Хӯҷанд, Тирмиз баргузор шудааст, бо маърӯзаҳо баромад кардааст.

Манзумаҳои “Худ ба худ” ва “Ҳисобот” ҳамчун ҳисоботи корҳои эҷодӣ барои дӯстону шогирдонаш навишта шудааст, ки он дар поёни ҳамин китоб оварда шудааст.

## ТАРҶУМОНИ БОМАҲОРАТ

“В книге А. Камарова "Взаимосвязь литератур народов Средней Азии и Казахстана" проделана очень большая работа в сравнительно-типологическом плане”.

***Качкынбай Артыкбаев,***
***литературовед, профессор Киргизского госуниверситета***
*Фрунзе (Бишкек). 5. 12. 1987 г*

Забондонӣ яке аз фазилатҳои хосаи устод Аслиддин Қамарзода мебошад. Ӯ чӣ дар илм, чӣ дар маърифат ва чӣ дар эҷоду тарҷумонӣ маҳорати хоса дорад ва донандаи хуби забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мебошад. Илова бар ин, ӯ ба забони русӣ низ менависаду аз забони русӣ ба тоҷикию ӯзбекӣ тарҷума мекунад. Ӯ ба ҳар се забон маърӯза мехонад, дарс мегӯяд. Вай аз донандагони ҳар се забон дӯстони зиёде дорад. Бахусус, донистани забони русӣ ба ӯ имконият додааст, ки бо адибон ва олимони дигар халқу миллатҳо, ки дар қаламравӣ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд, дӯстӣ ва рафоқат дошта бошад. Аз ҷумла, адиби эстон Айн Каалеп, тарҷумони украин Александр Шокало, адиби белорус Игор Маленкий, адибони рус Сергей Залигин, Ким Селихов, олимони доғистонӣ Анвар Мезанаев, Герей Додуев, шоири авар Расул Ғамзатов, олими бошқирд Роберт Бикмухамметов, олими қазоқ Турсунбой Какишев, адиби туркман Отаҷон Таган ва боз бо бисёре бо забони русӣ гуфтугузор мекарданд.

Аслиддин Қамарзода барои шарикдарсонаш - шунавандагони бахши адабиёти факултети такмили ихтисоси Донишгоҳи давлатии

Москва доир ба ваҳдат ва ҳамбастагии адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон бист соат маърӯза хондааст. Ӯ инчунин барои гурӯҳи тарҷумонии донишҷӯёни факултети филологияи латиши Донишгоҳи давлати Латвия оиди робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек бо адибиёти латиш ба забони русӣ маърӯзаҳо кардааст. Инчунин дар анҷуманҳои илмӣ дар Маскав (бахшида ба 50-солагии Иттифоқи нависандагони СССР), Алматӣ (бахшида ба 1150-солаги Рудакӣ), дар Тошканд (оиди робитаҳои адабии русу тоҷик), дар Бухоро (анҷумане, ки аз ҷониби ОБЕС доир ба таълим дар мактабҳои миллии Ӯзбекистон баргузор шуда буд) , дар Чирчиқ (оиди вазъи таълими забон ва дабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон), дар Ню-Йорк ва Самарқанд (оиди ҳамбастагии адабиёти яҳудиёни бухороӣ бо адабиёти тоҷик) ба забони русӣ баромад кардааст. Ӯ дар факултети филологияи руси Донишгоҳи давлатии Самарқанд низ аз фанни "Адабиёти халқҳои СССР" дарс гуфтааст.

Аслиддин Қамарзода ҳамчун маърӯзачии сатҳи ҷумҳурӣ бо роҳхати Ҷамъияти "Дониш" барои коргарони корхонаҳои саноатӣ низ (заводҳои "Красний двигател", "Гелион") ба забони русӣ маърӯзаҳо хондааст. Доир ба фаъолияти маърӯзакунандагии ӯ ба забони русӣ варақаи "Лектор-методист" ба сифати плакат нашр шудааст.

Ба забони русӣ рисолаи "Взаимосвязь литератур народов Средней Азии и Казахстана", инчунин якчанд мақолаҳои илмӣ ва оммавии ӯ дар нашрияҳои бонуфузи Москва "Филологические науки", "Дом Ростових", "Вестник Московского университета. Литература", "Литературная Евразия" инчунин дар нашрияҳои Ню-Йорк, Тошканд, Душанбе ба забони русӣ низ нашр шудаанд.

* * *

Фаъолияти тарҷумонии устод Аслиддин Қамарзода низ ҳанӯз аз овони донишҷӯӣ оғоз шуда, нахуст ӯ қиссаи афсонаҳои адиби ӯзбек Ӯткур Азимов "Чароғи ақл"-ро, ки аввал дар журнали бачагонаи "Пионер" нашр шуда, баъд дар шакли китоби алоҳида чоп шуда буд, аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ тарҷума кард. Тарҷумаи ин қиссаи аҷоиб, ки бачагонро ба омӯхтани илму ҳунар даъват менамояд, соли 2009 рӯйи чопро дид.

Лекин ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри гузашта як қатор ҳикояҳои адибони ӯзбек Абдулло Қаҳҳор, Ғафур Ғулом, Ӯлмас Умарбеков, Ӯткур Ҳошимов, Саид Аҳмад, Саида Зуннунова, Ҳамид Ғулом дар тарҷумаи Аслиддин Қамарзода дар рӯзнома ва маҷаллаҳои Тоҷикистон, инчунин газетаи “Ҳақиқати Ӯзбекистон”, ки он вақтҳо ягона нашрияи тоҷикии Ӯзбекистон буд, нашр шудаанд.

- Ҳамон солҳо радиои тоҷикии Ӯзбекистон ҳар рӯз ду соат гуфторҳо дошт. Рӯзона дар вақту соати муайян хабарҳои охирин ва обзори рӯзномаҳои ҷумҳурӣ ва шабона аз соати 21 т о 22 гуфторҳои адабӣ –мусиқӣ. Ҳамон солҳо мудири радиои тоҷикии Тошканд Бенсион Қаландаров ва наттоқон Михаил Зеркиев ва Марҳабо Файзуллоева буданд. Баъд аз Самарқанд Салим Кенҷа ва Муайяна Хӯҷаева низ ба кори радиои тоҷикии Тошканд даъват шуданд. Ба гуфторҳои адабӣ ба забони тоҷикӣ низ бештар эътибор пайдо шуд. Маро, ки барои радиои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мунтазам хабару гузоришҳо мефиристондам ва мутасаддии радиои тоҷикии вилояти Самарқанд будам, низ ҳамчун ходими ғайриштатӣ ба кори радио ҷалб карданд ва ба ҷуз супоришҳои дигар, моҳе тарҷумаи як ҳикояро аз адибони ӯзбек мефармуданд. Ман ии корро низ бо ҷону дил қабул карда, иҷро менамудам. Ёдам ҳаст, ҳикояҳои ҳаҷвии Ғафур Ғулом “Эшон ва шайтон”, “Қатраи ҳаром”, ҳикояи Абдулло Қаҳҳор “Арафа”, ҳикояҳои Саид Аҳмад “Синни камолот”, “Воқеаи мусиқӣ”, “Суруди ҳиндӣ”, ҳикояи Ҳамид Ғулом “Шабзиндадорӣ”, ҳикояи Саида Зуннунова “Эрка”, ҳикояҳои Ӯткур Ҳошимов “Модар”, Ӯлмас Умарбеков “Мактуби модар” ва боз чанд ҳикояи адибони дигари ӯзбекро бо супориши радио ба тоҷикӣ тарҷума карда будам ва онҳо сари вақт манзури шунавандагон гардонида шуда буд. Ҳамон солҳо инчунин қиссаи “Ангуштарини тилло”-и Одил Ёқубовро тарҷума карда, ба идораи нашриёти Душанбе фиристода будам, лекин аз чопи он дараке нашуд.

Ҳамин фаъолитяти тарҷумонӣ ба устод дар ҷараёни таҳияи маърӯзаҳо аз фанҳои “Адабиёти халқҳои СССР”, “Таърихи адабиёти ҷаҳон” ва “Адабиёти муосири шӯравӣ” хеле хуб ба кор омад.

- Барои тайёр кардани марӯзаҳо аз ин фанҳо лозим буд, ки худи муаллим аз осори адибоне, ки дар бораи онҳо ба донишҷӯён дарс мегӯяд, бояд бохабар бошад. Вагарна дарс бемаъною пуч ба гӯши

донишҷӯ мерасад. Бинобар ин маро лозим буд, ки бештарин осори адибонро ба забони русӣ ва агар тарҷума шуда бошад ба забони ӯзбекӣ (агар ин асарҳо ба тоҷикӣ тарҷума нашуда бошад) мутолиа намоям. Инчунин, дар вақти омодагӣ ба дарсҳо аз адабиётҳои илмӣ ва китобҳои дарсии донишмандон ва устодони мактабҳои олии Москва, Ленинград, Боку, Тошканд ва ғайра истифода барам. Лозим буд, ки баъзе иқтибосҳо аз ин адабиётҳо тарҷума шаванд, - мегӯяд устод дар мавриди ба тарҷумонӣ рӯ овардани худ. - Ҳамин тавр, пайваста бо тарҷумаи осори бадеӣ ба тарҷумаи адабиёти илмӣ ва дарсӣ ҳам каму беш қадам гузоштан лозим омад...

Ҷолиби диққат аст, ки ба рушди фаъолияти тарҷумонӣ ба устод забондонии ӯ хуб ба кор омадааст.

- Ҳангоми дар мактаби миёна таҳсил карданамон ба мо забони русиро омӯзгороне дарс медоданд, ки забони тоҷикиро ҳам хуб медонистанд. Раиса Дмитриевна Соколова ном зани рус ба забони тоҷикӣ аз баъзе муаллимони фанҳои дигар хубтар ҳарф мезад, Михаил Абрамов ном яҳудии бухороӣ, ки ба мо аз забони русӣ дарс мегуфт, лозим бошад баъзе порчаҳои шеърӣ ва ё ҷумлаҳоеро, ки барои таҳлил пешниҳод мекард, ба тоҷикӣ мефаҳмонд. Илова бар ин, ҳар ҳафта рӯзи душанбе дар мактаб “Душанбе –рӯзи забони русӣ” эълон шуда, ҳамон рӯз дар даромадгоҳи мактаб дар тахта даҳто калимаи русиро бо тарҷумаи тоҷикиаш навишта мемонданд. Бояд ҳамон рӯз ҳама ба забони русӣ ҳарф ҳада, ҳамин даҳто калимаро истифода баранд...- овони мактабхонии худро ба хотир меорад устод.

Забони ӯзбекиро ӯ тавассути матбуот омӯхтааст. Зеро он вақтҳо дар мактабҳои тоҷикӣ омӯхтани забони ӯзбекӣ дар барномаҳои мактабҳои тоҷикӣ мавҷуд набуданд.

- Нахустин мақолаи ман ба забони ӯзбекӣ дар газетаи вилоятии “Ленин йӯли” ҳангоми дар синфи ҳаштум хонданам нашр шуда буд. – мегӯяд устод. - Зеро ман ҳанӯз аз синфҳои панҷум газетаи пионерии “Ленин учқуни”, журнали “Пионер”-ро, ки ба китобхонаи мактаб меомад ва газетҳои “Ленин йӯли” ва “Қизил Ӯзбекистон”-ро, ки падарамро колхоз обуна мекарду дар қатори “Ӯзбекистиони сурх” ба хона меомад, мутолиа мекардам.

Ҳамин тавр оғози забондониву тарҷумонии устод ба солҳои мактабӣ ва донишҷӯӣ рост меояд ва минбаъд такмил меёбад.

- Гарчанд ман баъзан аз русӣ ва ё тоҷикӣ ба ӯзбекӣ ягон ҳуҷҷат ва ё порчаеро барои хондани маърӯзаҳо ва латифаҳои Самад Ғанӣ, як-ду ҳикояи адибони тоҷик Адаш Истад, Аминҷон Шукӯҳиро ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда бошам ҳам, ба тарҷумаи осори калонтар ҷуръат накарда будам.

Бо шарофати Истиқлол барои соҳибкорӣ воситаю имкониятҳои гуногун пайдо шуданд. Як гурӯҳ духтарон бо мақсади бизнеси савдо бо ОРИФЛЕЙМ ном ташкилоте ҳамкорӣ карда, ба хариду фурӯши маводи пардозу андоз машғул шуданд. Ба ин кор духтарам Умеда ҳам ҳавас пайдо кард. Рӯзе ӯ ҳамроҳи ҳамкоронаш дар ин соҳа як китобчаи аз даст ба даст гузашта фартутшудаеро ба ман оварда гуфтанд, ки онро ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда, аз рӯйи он ба онҳо маърӯза кунам, то бизнесашон ривоҷ ёбад.

- Ин “10 роҳи ноил гардидан ба муваффақиятҳо “ ном китобчаи Билл Нюмен ном як донишманди австарилиягӣ буд. Ман онро варақ задам. Воқеан, барои соҳибкорон китоби зарурӣ буд. Пас онро аз русӣ ба ӯзбекӣ тарҷума карда, дар ибтидо мувофиқи дархости соҳибкордухтарон, аз рӯйи даҳ мавзӯи китобча ба онҳо ҳафтае як маротиба даҳ маърӯза хондам. Чӣ мегӯед, ки баъди хондани маърӯзаи панҷум ё шашум, духтараке аз шунавандагони маърӯза наздам омада гуфт, ки “ба туфайли амал ба мазмуни маърӯзаҳо корам дар соҳибкорӣ пеш рафт ва аллакай соҳиби мошинаи сабукрави МАТИЗ шудам. Хуб мешуд, ки китобчаро ба забони ӯзбекӣ чоп карда паҳн мекардед...”

Баъд ин китобчаро тавассути нашриёти Китобхонаи миллии Ӯзбекистон дар Тошканд бо теъдоди зиёд чоп кардем ва он зуд ба фурӯш рафт. Боз ду нашриёти дигар онро бо теъдоди зиёд нашр кард. Инчунин рӯзномаи вилоятии “Зарафшон” ва ҳафтавораи “Афросиёб” ин китобчаро пурра дар чанд шумораҳои худ нашр карданд.

Китоби дигари бузургтаре, ки устод Аслиддин Қамарзода аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ тарҷума кардаанд - ин асари таърихии олими шарқшинос ва адиби таъхрихнигор Расул Ҳодизода – “Самарқанднома” мебошад.

Дар бораи таърихи тарҷумаи ин китоб устод Аслиддин Қамарзода дар пешгуфтори нашри ӯзбекии он чунин иброз намудааст:

"Ба шарафи ҷашни 2750-солагии Самарқанд аз ҷониби шоиру олимон шеъру китобҳои зиёде нашр шуданд. Ба ҳамин муносибат олими шарқшинос ва адиби таърихнигор Расулхон Ҳодизода, ки самарқандилюласл буда, овони бачагию ҷавонии ӯ дар Самарқанд гузаштааст ва дар фаъолияти илмию эҷодиаш низ Самарқанд ҳамеша дар маркази таваҷӯҳи ӯ буд, бо номи "Самарқанднома" китобе навишт, ки он ба шарафи ҷашни Самарқанд дар Душанбе ба забони тоҷикӣ нашр шуд. Бо маслиҳати як зумра равшанфикрони Самарқанд ва аз рӯйи зарурат ин китобро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардам. Лекин дар ҷараёни тарҷума лозим омад, ки ба ин китобти пурмӯҳтаво баъзе ислоҳу иловаҳо дохил намоям. Зеро, муаллиф аз Самарқанд соли 1944 барои таҳсили донишгоҳ ба Тошканд, баъд барои таҳсили аспи-рантура ба Маскав ва баъди он ба Душанбе рафта, дар ҳамон ҷо бо корҳои илмӣ ва эҷодӣ машғул гардида, аз бисёр манбаъҳои нави таърихӣ, аз дигаргуниҳои ҳаёти фарҳангию иқтисодии Самарқанд бехабар монда, ба талқини баъзе воқеаҳо ба иштибоҳ роҳ дода буд.

- Ман бо ин мақсад ба муаллиф мурочаит кардам, - мегӯяд устод. - Он кас фавран гуфтанд, ки "Аз он ки китоби "Самарқанднома"-и маро тарҷума карда ба хонандагони ӯзбек тақдим мекунед, миннатдорам. Шумо олим ва адиб, зодаи Самарқанд ҳастеду дар ҳамон ҷо зиндагӣ мекунед ва Самарқанди 50-60 соли охирро аз ман хубтар медонед. Дар ҷараёни тарҷума ислоҳу илова карданатон ба ман маъқул. Чунин ислоҳу илова дар ҷараёни тарҷума мешавад. Чунончи, Фахрии Ҳиротӣ дар ҷараёни тарҷумаи "Маҷолис-ун- нафоис"-и Навоӣ низ ислоҳу иловаҳо даровардa буд..."

Ман дар ҷараёни тарҷума аз манбаъҳои солҳои охир, бахусус маводи зиёде, ки донандагони таърихи Самарқанд – ҳуқуқшиноси эҷодкор Азиз Юнусов ва профессор Хуршед Самеъбоев дар мақола ва китобҳои худ оиди гузар ва маҳаллаҳои Самарқанд гуфтаанд, инчунин аз маводи худам, ки дар рӯзнома ва маҷаллаҳло оиди Самарқанд ва одамони обруманди он нашр шудааст, истифода бурдам..."

Ҳамин тавр китоби "Самарқанднома" ҳамчун як қомуси хурд дар бораи Самарқанду самарқандиён ба майдон омад ва он дар нашриёти "Тафаккур"-и Тошканд бо теъдоди зиёд нашр шуд.

Устод Аслиддин Қамарзода дар тарҷумаи китоби таълимии “Одобнома” низ эҷодкорона рафтор карда, аз маводи адабиёти илмӣ ва бадеии тоҷикӣ низ истифода бурдааст. Чунин рафтори тарҷумон аз ҷониби муаллифони китоб ҳам хуш пазируфта шудааст.

Ҳамин тавр, фаъолияти тарҷумонии Аслиддин Қамарзода низ густурда аст. Ӯ аз забони тоҷикӣ ба ӯзбекӣ, аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ, аз русӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, ҳатто баъзе асарҳоро ба ду забон тарҷума кардааст. Аз ҷумла китоби профессор Неъмат Низомовро, ки дар бораи академик Акобир Адҳамов навиштааст, инчунин, афоризмҳои шоири яҳудӣ Эдуард ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ тарҷума ва нашр кардааст.

Мо дар бораи фаъолияти гуногунпаҳлӯи тарҷумонии устод Аслиддин Қамарзода, ки худ тадқиқоти алоҳидаро тақозо мекунад, чандон таваққуф накарда, рӯйхати осори тарҷумакардаи устодро пешкаш мекунем.

**Китобҳое, ки аз забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст:**

1. Абдулло Қаҳҳор. Арафа (Порча аз повести "Афсонаҳо аз гузашта"). Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 7 сентябри соли 1967.
2. Ғафур Ғулом. Эшон ва шайтон. Ҳаҷвия. Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Зарафшон" (Панҷакент), 23 декабри соли 1967.
3. Саид Аҳмад. Воқеаи мусиқӣ. Ҳикоя. Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Зарафшон" (Панҷакент), 24 феврали соли 1968.
4. Ӯлмас Умарбеков. Номаи модар. Ҳикоя. Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Тоҷикистони советӣ",
5. Саида Зуннунова. Ташнаи меҳр. Ҳикоя. Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Занони Тоҷикистон", № 8, 1968.
6. Саида Зуннунова. Эрка. Ҳикоя. Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Зарафшон" (Панҷакент), 18 ва 23 марти соли 1972.
7. Ӯткур Ҳошимов. Оқибат. Ҳикоя. Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Зарафшон" (Панҷакент), 25 марти соли 1972.
8. Ӯткур Ҳошимов. Нон. Ҳикоя. Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Зарафшон" (Панҷакент), 8 апрели соли 1972.

9. Суханони ибратомӯз дар хусуси муҳаббат ва оила (Аз журнали "Фан ва турмуш"), Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Зарафшон" (Панҷакент), 9 ва 23 июни соли 1973

10. Ҳамид Ғулом. Шабзиндадорӣ. Ҳикоя. Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Ҳақиқати Ӯзбекистон", 29 октябри соли 1985.

11. Саид Аҳмад. Суруди ҳиндӣ. Ҳикоя. Тарҷума аз ӯзбекӣ. "Овози тоҷик", 4 апрели соли 1992.

12. Одобнома. Китоби дарсӣ барои синфи 4. (Тарҷумаи китоби О. Ҳасанбоева, А. Неъматова, Г. Ибрагимова бо такмилу таҳрир). Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сифати китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи IV тавсия кардааст. Тарҷума аз ӯзбекӣ. Нашри 1. Нашриёти мероси халқи ба номи Абдулло Қодирӣ, Тошканд, 2004, 112 саҳифа.

13. О. Ҳасанбоева, А. Неъматова, Г. Иброҳимова, Одобнома. Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун васоити таълимӣ барои синфи IV тавсия кардааст. Аз нашри сеюми ӯзбекӣ тарҷумаи Аслиддин Қамарзода бо ислоҳу иловаҳо. Нашриёти мероси Абдулло Қодирӣ, Тошканд, 2005. (10 ҷузъи чопӣ).

14. О. Ҳасанбоева, А. Неъматова, Г. Иброҳимова, Одобнома. Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун васоити таълимӣ барои синфи IV тавсия кардааст. Аз нашри шашуми ӯзбекӣ тарҷумаи Т. Нодир ва А. Қамарзода, Нашриёти давлатии илмии "O,zbekiston milliy ensiklobediyasi", Тошканд, 2007 (7,02 ҷузъи чопӣ).

15. Ӯткур Азимов. Чароғи ақл. Қиссаи афсонавӣ. Тарҷума аз ӯзбекӣ (Нашриёти давлатии Ӯзбекистон, Тошкент, 1959) бо такмили Асилзодаи Самарқандӣ (Аслиддин Қамарзода). Нашриёти "Муҳаррир", Тошканд, 2009 3,5 ҷузъи чопӣ)

16. Расул Ҳодизода. Самарқандънома. (Тарихий, хотиравий, бадиий, публицистик асар. Тожик тилидан таржимон, қӯшимча ва изоҳлар муаллифи Аслиддин Қамарзода), "Тафаккур" нашриёти, Тошкент , 2011. 400 б.т.

17. Умар Хайём. Рубоиёт. Рубоийлар. Рубайят. "Turon zamin ziyo" нашриёти, Тошкент, 2013, 320-бет. Умар Хайём рубоийларининг мазкур нашри А. Қамарзода томонидан бажарилган. Китобда шоирнинг 361 рубоийси тожик, Ӯзбек ва рус

тилларида киритилган бўлиб, улардан 163 рубоий Ўзбек тилига биринчи марта А. Қамарзода томонидан таржима қилинган.

18. Машраб. Мегирям. Ҳожи Аҳмаджон Ҳамдамзода тўплаб нашрга тайёрлаган "Ҳақиқат совғаси" (Ҳикматли ривоят ва ғазаллар) китобида. "Turon zamin ziyo" нашриёти, Тошкент, 2015, 167-бет.

19. Машраб. Омадаям. Ҳожи Аҳмаджон Ҳамдамзода тўплаб нашрга тайёрлаган "Ҳақиқат совғаси" (Ҳикматли ривоят ва ғазаллар) китобида. "Turon zamin ziyo" нашриёти, Тошкент, 2015, 168-бет.

20. Машраб. Ин дард. Ҳожи Аҳмаджон Ҳамдамзода тўплаб нашрга тайёрлаган "Ҳақиқат совғаси" (Ҳикматли ривоят ва ғазаллар) китобида. "Turon zamin ziyo" нашриёти, Тошкент, 2015, 171-бет.

21. Машраб. Сӯзад. Ҳожи Аҳмаджон Ҳамдамзода тўплаб нашрга тайёрлаган "Ҳақиқат совғаси" (Ҳикматли ривоят ва ғазаллар) китобида. "Turon zamin ziyo" нашриёти, Тошкент, 2015, 169-бет.

22. Машраб. Кӣ мепурсад?. Ҳожи Аҳмаджон Ҳамдамзода тўплаб нашрга тайёрлаган "Ҳақиқат совғаси" (Ҳикматли ривоят ва ғазаллар) китобида. "Turon zamin ziyo" нашриёти, Тошкент, 2015, 170-бет.

23. Хоҷаназар Ҳувайдо. Куҷо? Ҳожи Аҳмаджон Ҳамдамзода тўплаб нашрга тайёрлаган "Ҳақиқат совғаси" (Ҳикматли ривоят ва ғазаллар) китобида. "Turon zamin ziyo" нашриёти, Тошкент, 2015, 172-бет.

24. Бобораҳим Машраб. Ду ғазал ("Омадаям", "Мегирям") "Гулобод тонги" –"Субҳи Гулобод", 17 апрели соли 2015.

25. Бобораҳим Машраб. Ду ғазал ("Омадаам", "Сӯзад") "Овози Самарқанд", 14 декабри соли 2016. Тарҷумаҳои ин ду ғазали Машраб зери рукни "Робитаҳои дӯстӣ" бо "Умри бардавом ном" ном мақола оиди Машраб ва тарҷумаи шеърҳои вай ба забони тоҷикӣ оварда шудааст.

26. Эркин Воҳидов. Қалам. Ҳамроҳони сегона. (Шеърҳо). "Субҳи Гулобод", 6 январи соли 2017. Тарҷумаи шеърҳои Қаҳрамони Ўзбекистон, Шоири Халқии Ўзбекистон Эркин Воҳидов

ба муносибати 80-солагии ӯ аз ҷониби А. Қамарзода ба сомон расонида шудааст.

27. Юсуф Хос Ҳоҷиб. Рубоиёт. Дар китоби гузидаи ашъори Аслиддин Қамарзода “Маънои зиндагӣ”, нашриёти “Yangi nashr”, Тошкент, 2016, саҳ.128-157. Дар ин китоб 176 рубоии адиби мумтоз Юсуф Хос Ҳоҷиб бори аввал ба забони тоҷикӣ дар тарҷумаи А. Қамарзода ҷой дода шудааст.

28. Машраб. Панҷ ғазал. Дар китоби гузидаи ашъори Аслиддин Қамарзода “Маънои зиндагӣ”, нашриёти “Yangi nashr”, Тошкент, 2016, саҳ.158-163.

29. Хоҷаназар Ҳувайдо. Куҷо? Дар китоби гузидаи ашъори Аслиддин Қамарзода “Маънои зиндагӣ”, нашриёти “Yangi nashr”, Тошкент, 2016, саҳ.164.

30. Қайдҳо дар ҳошияи дафтар. “Овози Самарқанд” 11 марти соли 2017. Зери рукни “Китоб ва китобхон” маълумоти мухтасар дар бораи Нависандаи халқии Ӯзбекистон Ӯткур Ҳошимов ва китоби ӯ “Қайдҳо дар ҳошияи дафтар”, инчунин ҳафт ҳикоят аз ин китоб дар тарҷумаи А. Қамарзода чоп шудааст.

31. Умар Хайём. Рубоиёт. Рубоийлар. Рубайят. Rubai. "Turon zamin ziyo" нашриёти, Тошкент, 2017, 192-бет. Умар Хайём рубоийларининг мазкур нашри А. Қамарзода томонидан бажарилган. Китобда шоирнинг 362 рубоийси тожик, ўзбек, рус ва инглиз тилларида киритилган бўлиб, улардан 164 рубоий Ўзбек тилига биринчи марта А. Қамарзода томонидан таржима қилинган. Китобда А. Қамарзода томонидан кириш сўз ҳамда китоб охирида Хайём рубоийларининг моҳияти тўғрисида битта рубоий тўрт тилда берилган.

32. Ӯткур Ҳошимов. “Қайдҳо дар ҳошияи дафтар”. “Овози Самарқанд” 3 июни соли 2017. Ҳафт ҳикоят аз ин китоб дар тарҷумаи А. Қамарзода дода шудааст.

33. Ғафур Ғулом. Барзагов гувоҳ шуд. Бӯза ҷӯра. Фарзанди солеҳ. Дар китоби Ғафур Ғулом “Бачаи шум”, Нашриёти “Nurafshon bisiness”, Тошканд 2019, саҳифаҳои 182-186.

34. Шукур Дадаш . Ҳадис – шамъчароғи ҳаёт, Ню Йорк, 2020, 42 саҳифа.

35. Ӯткур Ҳошимов. Қайдҳо дар ҳошияи дафтар. Нашриёти “Vneshinvestprom”, Тошканд, 2022, 236 саҳифа.

36. Абдуғафур Искандар. Фиғони Афғон. Ёддошт-эссе. Аз забони ӯзбекӣ тарҷумаи Аслиддин Қамарзода. Муҳаррир Юнуси Имомназар. Нашриёти “Muharrir nashriyoti”, Тошканд 2024, 84-саҳифа. Китоб аз тасвири воқеии ҷанги Афғонистон ҳикоят мекунад. Китоб бо тақризи ба сифати пешгуфтор навиштаи собиқадори авиатсия, иштирокчии набардҳои Афғонистон Шаҳриёр Рӯзимуродов оғоз меёбад.

37. Эркин Воҳидов. Шоми Самарқанд. Дар китоби А.Қамарзода “Самарқанднома. Дӯстнома. Американома. Эҳдо”. Нашриёти “Муҳаррир”, Тошканл, соли 2022, саҳифаи 57.

38. Раҳим Муқимов. Мерос (Шеър). Дар китоби “Тараннумгари дӯстии халқҳо”, Нашриёти “Лоиқи Озод”, Самарқанд, 2023, , саҳифаҳои 134-135.

39. Тарҷумаҳо аз Машраб ва Ҳувайдо дар китоби Ҳожи Аҳмаджон Ҳамдамзода “Ҳикматлар хазинаси “.

40. Ӯткур Ҳошимов. “Қайдҳо дар ҳошияи дафтар”. Сию чор ҳикоят аз ин китоб дар тарҷумаи А. Қамарзода дода шудааст. “Дурдонаи Шарқ”, №2, соли 2022, саҳифаҳои 61-64.

41. Юсуф Хос Ҳоҷиб. Рубоийлар. Рубоиёт. Нашриёти “Muharrir nashriyoti”, Тошканд 2024, 96-саҳифа. Аз забони ӯзбекӣ тарҷумаи Аслиддин Қамарзода. Дар китоб пешгуфтори тарҷумон оид ба Юсуф Хос Ҳоҷиб (ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ), 176 рубоӣ ба забони ӯзбекӣ ва ҳамаи он ба забони тоҷикӣ дар тарҷумаи Аслиддин Қамарзода ҷой дода шудааст.

**Китобҳое, ки аз забони тоҷикӣ ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст:**

1. Умар Хайём. Рубоийлар. Аслиддин Қамарзоданинг “Маънои зиндагӣ” шеърлар тӯпламида, “Yangi nashr” нашриёти, Тошкент, 2016, саҳ.192-198.

2. Самад Ғани. Латифалар (Хат теккани йўқ. "Юволмайман"). Тожик тилидан таржима. "Самарқанд университети", 1968 йил, 23 май.

3. Аъзам Сидқий. Имтиҳон. Ҳикоя. Тожик тилидан таржима. "Ёш ленинчи", 1968 йил, 29 май.

4. Самад Ғани. Латифалар (Энг яхши асар. Улар билан ўтиришганим йўқ. Қўрқоқнинг касаллиги). Тожик тилидан таржима. "Ленин йўли", 1968 йил, 7 июнь.

5. Аминжон Шукуҳий. Улар икки киши эдилар. Ҳикоя. Тожик тилидан таржима. "Саодат", № 5, 1968.

6. Аминжон Шукуҳий. Улар икки киши эдилар. Ҳикоя. "Шарқ тонги", 1968, 15 май. "Ўзбекистонда тожик адабиёти ва санъати декадаси олдидан" рукни остида берилган.

7. Адаш Истад. "Америка" фожиаси. Фантастик ҳикоя. Тожик тилидан таржима. "Ленин йўли", 1981 йил, 15 октябрь.

8. Ғулом Алӣ. Муаллими чапак. Ҳикояи ҳаҷвӣ. Тарҷума аз ўзбекӣ. "Овози Самарқанд", 28 июни соли 1990.

9. Муҳаммад Авфий Бухорий. Ҳикоят. Тожик тилидан таржима. "Оила ва жамият", 24-сон. 12-18 июн 2003 йил.

**Китобҳое, ки аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст:**

1. Гулпочо Улфат (адиби афғон). Се ҳикоя (Тӯҳфаи шоир. Акнун машҳурон нестанд. Калон ва хурд). Тарҷума аз русӣ. "Ҳақиқати Ўзбекистон" 18 феврали соли 1962. Таҳти рукни "Ба муносибати конференцияи нависандагони Осиё ва Африка".

2. В. Карлинский. Конкурс. Ҳаҷвия. Тарҷума аз русӣ. "Зарафшон" (Панҷакент), 17 апрели соли 1976.

3. Ривояти чинӣ. Занро чӣ тавр офариданд. Тарҷума аз русӣ. "Овози Самарқанд", 6 марти соли 1993.

4. Эдуард Аминов. Афоризмҳо. Дар китоби гузидаи ашъори Аслиддин Қамарзода "Маънои зиндагӣ", нашриёти "Yangi nashr", Тошкент, 2016, саҳ.165-171.

5. Неъмат Низомов. Академик Акобир Адҳамов. Нашри Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Самарқанд, 2018. ( Китоб бахшида ба 90-солагии олими машҳури физик, Академики академияи фанҳои Тоҷикистон Акобир Адҳамов аз ҷониби шогирди олим, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Неъматҷон Низомов ба забони русӣ навишта шуда, онро А. Қамарзода ба забонҳои тоҷикӣ ва ўзбекӣ тарҷума кардааст).

6. Дарахтон то тӯфонҳо месабзанд. Рафиқ Нишонов ба Марина Завада ва Юрий Куликов ҳикоя мекунад. (Порча аз китоб). "Овози тоҷик", 15 январи соли 2022.

7. Дарахтон то тӯфон сарсабзанд. Рафиқ Нишонов ба Марина Завада ва Юрий Куликов нақл мекунад. Аз забони русӣ тарҷумаи Аслиддин Қамарзода (Муҳаррир Т. Икромов). “Akademnashr”, Тошканд, 2023, 362 саҳифа. Китоб дар асоси хотираҳои арбоби давлатӣ ва сиёсӣ Рафиқ Нишонов, ки солҳои зиёд дар вазифаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Шри Ланка ва Иордания, Котиби Аввали Комитети Марказии Партияи Коммунистии Ӯзбекистон, Раиси Палатаи Миллатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат кардааст, навишта шудааст.

**Китобҳое, ки аз забони русӣ ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст:**

1. Устод оиди тарҷумаи бадеӣ дар донишгоҳ маърӯзаҳо хонда, дар анҷуманҳои байналхалқии тарҷумонҳо ва тарҷумашуносҳо иштирок ва баромадҳо кардааст. Аз ҷумла: "Барги эҳсос" ("Овози тоҷик", 3 майи соли 2006. Назаре ба тарҷумаи тозаи китоби ашъори шоирони муосири Эрон ба забони ӯзбекӣ ("Туйғулар япроғи", Теҳрон-Тошкент, 2005). “Тарҷумони "Рӯзгори мозӣ" ("Бохтар", 9 майи соли 2006. Мақола ба муносибати 70-солагии зодрӯзи нависанда, мутарҷим ва рӯзноманигори шинохта Истад Қосимзодаи Бойсунӣ).

2. Билл Ньюмен. Ютуқларга эришишнинг 10 мӯъжизавий йӯли. Минскдаги "Капитал" нашриёти 2003 йилда чоп этган рус тилидаги нашрдан Аслиддин Қамарзода таржимаси. (6 босма тобоқ).Алишер Навоий номидаги Ӯзбекистон миллий кутубхонаси нашриёти, Тошкент, 2009

3. Билл Ньюмен. Ютуқларга эришишнинг 10 та мӯъжизавий йӯли. "Зарафшон" рӯзномаси, №№ 66. 2009 йил, 30 май, Самарқанд. (Давоми бор) Минскдаги "Капитал" нашриёти 2003 йилда чоп этган рус тилидаги нашрдан Аслиддин Қамарзода таржимасида, Алишер Навоий номидаги Ӯзбекистон миллий кутубхонаси нашриёти томонидан 2009 йилда нашр этилган китобдан кӯчириб, газетанинг мазкур сонидан бошлаб "давоми бор" ишораси билан чоп этила бошланган.

4. Билл Ньюмен. Ютуқларга эришишнинг 10 та мӯъжизавий йӯли (давоми). "Зарафшон" рӯзномаси, № 91, 2009 йил, 11 июл, Самарқанд.

5. Билл Ньюмен. Муваффақиятга эришишнинг мўъжизавий ўн йўли. Мўлжални аниқ олиб ишланг. "Афросиёб пресс", 06.09.2012.

6. Билл Ньюмен. Ўз ғоянгизнинг эгаси бўлинг. "Афросиёб пресс", 02.08.2012.

7. Билл Ньюмен. Муваффақиятларга эришишнинг ўн усули. Ҳамма учун зарур қўлланма. Минскдаги "Капитал" нашриёти 2003 йилда чоп этган рус тилидаги нашрдан таржимон ва сўзбоши муаллифи Аслиддин Қамарзода (68 бет). "Муҳаррир" нашриёти, Тошкент, 2013.

8. Билл Ньюмен. Муваффақиятларга эришишнинг мўъжизавий ўн йўли. Ҳамма учун зарур қўлланма. Қайта таҳрир этилган учинчи нашри. Сўзбоши муаллифи ва таржимон Аслиддин Қамарзода (80 бет). "YANGI NASHR", Тошкент, 2014.

9. Эдуард Аминов. Афоризмлар. Аслиддин Қамарзоданинг “Маънои зиндагӣ” шеърлар тўпламида, “Yangi nashr” нашриёти, Тошкент, 2016, саҳ.199-202.

10. Эдуард Аминов (Иммануэл). Афоризмҳо. "Субҳи Гулобод", 26 феврали 2016. Дар ин шумораи рўзномаи "Гулобод тонги" - "Субҳи Гулобод" зери рукни "Дар арзҳои дўстӣ" мақолаи А. Қамарзода оиди адиб ва донишманд Эдуард Аминов (Иммануэл) таҳти унвони "Соҳиби истеъдоди нодир" ва 22 афоризми шоир дар тарҷумаи муаллифи мақола дода шудааст.

11. Неъмат Низомов. Академик Акобир Адҳамов. Самарқанд давлат университети нашри, Самарқанд, 2018. (Китоб таниқли физик олим, Тожикистон Фанлар Академияси нинг академиги Акобир Адҳамовнинг 90 йиллиги муносабати билан олимнинг шогирди, Самарқанд давлат университети профессори Неъматжон Низомов томонидан рус тилида ёзилган. Китобни ўзбек ва тожик тилларига А. Қамарзода таржима қилган)

## РЎЗНОМАНИГОРИ ҲОЗИРҶАВОБ

Чунон ки дар оло ишора рафт, устод Аслиддин Қамарзода ҳанўз аз овони мактабхонӣ бо навиштани хабару мақолаҳои худ ҳамчун хабарнигор шинохта шуда, минбаъд ба дараҷаи устоди журналистон расидааст. Ў баробари устоди донишгоҳ будан, солҳои 1963-1965 муҳаррири гуфторҳои тоҷикии радиои вилояти

Самарқанд, солҳои 1992-1999 сармуҳаррири барномаҳои тоҷикии тилвизиони Ширкати симо ва садои вилояти Самарқанд буд. Аслиддин Қамарзода аз соли 1992 узви Иттиҳоди рӯзноманигорони Ӯзбекистон ва аз соли 2003 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, аз соли 2022 Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон аст. Ӯ ба донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Самарқанд оид ба назарияи журналистика ва асосҳои журналистика маърӯзаҳо хондааст.

* * *

Фаъолияти журналистӣ-рӯзноманигории устод Аслиддин Қамарзода хеле барвақт, ҳанӯз аз айёми таҳсил дар синфҳои 5-6-и мактаби миёна бо навиштани хабару мақолаҳои хурд ба газетаҳои девории мактаб оғоз гардида, нахустин хабарҳояш дар рӯзномаҳои бачагонаи “Пионери Тоҷикистон” ва “Ленин учқуни”, рӯзномаи вилоятии “Ленин йӯли” ва рӯзномаҳои ҷумҳурии “Ӯзбекистиони сурх”, “Қизил Ӯзбекистон” ва “Ёш ленинчи” нашр шудаанд. Чунин фаъолияти ӯ баъди хатми мактаб, вақте ки чун хаткашони почтаи деҳа кор мекард, идома ёфта дар солҳои донишҷӯӣ боз ҳам вусъат пайдо мекунад. Минбаъд ӯ мунтазам ба рӯзномаҳои вилоятӣ, ҷумҳурӣ ва радио аз навгониҳои шаҳру ноҳияи Самарқанд, ҳаёти маданӣ, нашри китобҳои нав хабару мақолаҳо навишта, ҳамчун мухбири ҷамоатӣ маъруф мешавад.

Ин буд, ки устод Аслиддин Қамарзода баъди хатми донишгоҳ, баробари омӯзгорӣ дар боргоҳи таълимӣ, аз соли 1963 то ҳол чун мухбири ҷамоатии рӯзномаи ҷумҳурии “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (“Овози тоҷик”), хабарнигори ҷамоатии радиои ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Самарқанд фаъолият мебарад. Ӯ солҳои 1963-1965 лар асоси ҷамоатӣ (бидуни маош) муҳаррири гуфторҳои радиои тоҷикии вилояти Самарқанд, солҳои 1992-1999 дар ҳамкорӣ чун сармуҳаррири барномаҳои тоҷикии телевизиони Ширкати симо ва садои вилояти Самарқанд кор кардааст.

Пайваста бо ҳамаи ин ӯ аз поягузорони гуфторҳои тоҷикии радио ва намоишҳои телевизион ба забони тоҷикӣ дар Ширкати Симо ва садои вилояти Самарқанд, масъули варақаи ахбори “Боғишамол” (ба сифати муҳаррири ҷамоатии рӯзномаи ноҳияи Боғишамоли шаҳри Самарқанд), таҳиягари шумораи нахустини рӯзномаи вилоятии “Овози Самарқанд” ба шумор меравад, ки дар ин хусус дар мақолаҳои хотиравии ӯ, ки дар поён оварда мешаванд,

маълумот дода шудааст. Бинобар ин, устод Аслиддин Қамарзодаро яке аз устодони соҳаи журналистикаи тоҷик дар Ӯзбекистон эътирофу эъзоз менамоянд.

Воқеан, устод аз ҳар як навгоние, ки дар ҳаёти журналистикаи тоҷик пайдо мешавад, хушнуд гардида, онро тавассути матбуот ва расонаҳои ахбори электронӣ манзури умум мегардонад.

Ин маъниро мо дар номаҳои табрикии устод аз шодбошии ӯ нисбати нашри рӯзномаҳои "Сухан", "Бухорои шариф", "Садои Сӯх", "Ховар", саҳифаҳои тоҷикии рӯзномаҳои ноҳияҳои Самарқанд, Ургут, Деҳқонобод ва ғайра ва мақолаҳои нисбат ба газета ва газетхон, масъалаи обуна ба рӯзномаҳо навиштаи ӯ низ равшан мушоҳида карда метавонем.

Худи устод дар бунёди бисёр нашрияҳои тоҷикӣ дар Ӯзбекистон, таҳияи саҳифаҳои муштарак, барномаҳои радио ва телевизион фаъол иштирок намуда, ҳамчун журналисти ҳозирҷавоб ва зудамал ном баровардааст. Устод ҳанӯз аз овони донишҷӯӣ ба табъу нашри газетаҳои деворӣ, адабиёт доир ба матбуот ва журналистика низ эътибори хоса медиҳад, ки инро дар мисоли навиштаҳои ӯ низ равшан мушоҳида намудан мумкин аст.

Аз ҷумла, "Деворий газеталарни кўздан кечирганда" ("Самарқанд университети", 1 май 1961 йил. Самарқанд Давлат университети факултетларидаги деворий газеталарнинг кўрик-танлови ҳақида); "Ба диққати газетхонон" ("Шарқ тонги" – "Субҳи Шарқ" – 29 октябри соли 1988. Мақола аз номи ҳайати таҳририяи рӯзнома ба муносибати бори аввал ташкил шудани саҳифаи тоҷикӣ дар рӯзнома навишта шудааст); "Ба рӯзномаи "Октябрь алангаси" ("Октябрь алангаси" (рӯзномаи ноҳияи Ургут), 8 декабри соли 1988. Муборакбодӣ ба муносибати нашри нахустин саҳифаи тоҷикии ин рӯзнома); "Матбуоти тоҷик дар Самарқанд" ("Тоҷикистони советӣ", 15 октябри соли 1989. Оиди вазъи ба хонандагон расонидани матбуоти Тоҷикистон). Инчунин, ба муносибати нашр шудани шумораи якуми рӯзномаҳои "Садои мардум" ("Мавҷи табрикҳо", № 1, 1 январи сол 1991), "Ҳаёти нав" ("Нома аз Самарқанд", нашрияи шӯрои намояндагони халқи ноҳияи Сӯх, 1 январи соли 1991), "Бухорои шариф" ("Аз Самарқанди қандманд ба "Бухорои шариф", ассалом!, дар бораи аз нав эҳё гардидани нашри рӯзномаи "Бухорои шариф", 5 феврали соли 1992,

шумораи 3) ҳамчун раиси Шӯрои иттиҳодияи фарҳангии тоҷикони "Самарқанд" номаҳои табрикии худро ирсол кардааст.

Тарғиби матбуот, радио ва телевизион, фаъолияти рӯзноманигорону нашрони китоб ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи устод буданд, ки мо инро аз баромадҳои эшон тавассути радио ва тилвизион, навиштаҳояшон дар матбуот ба хубӣ дида метавонем.

Аз ҷумла мақолаҳои устод “Орзуи дерина ҷомаи амал пӯшид” (“Овози тоҷик”, 24 июли соли 1992: дар ин мақола оиди ба кор сар кардани барномаҳои телевизиони тоҷикии Самарқанд сухан меравад), “Кучоед хонандагони иззатманд ва ҳомиёни ҳимматбаланд?” ("Овози тоҷик", 16 июли соли 2003: дар бораи масъалаҳои обуна ба рӯзномаи "Овози тоҷик"), “Мунодии дӯстӣ” ("Овози Самарқанд", 23 декабри соли 1992: мақолаи муборакбодӣ ба муносибати 75-солагии рӯзномаҳои "Зарафшон" ва "Самаркандский вестник"), “Туманимиз ҳаётининг ойнаси” ("Гулобод тонги", 3 феврал соли 2017: дар бораи таърихи мухтасар ва дастовардҳои рӯзномаи ноҳиявӣ), “65 сол боз мехонаму менависам” (“Овози тоҷик”, 10 январи соли 2024: мақола ба шарафи 100 солагии рӯзномаи “Овози тоҷик”), “Рӯзномаҳои мо – оинаи рӯзгори мост” (“Ховар”, №18, октябри соли 2018) дар ин мавзӯъҳо навишта шуда, дар онҳо меҳру садоқати Аслиддин Қамарзода ба матуботу рӯзнома инъикоси худро ёфтааст.

Устод дар ду мақолаи худ оиди таърихи ташкили матбуоти тоҷикӣ дар Самарқанд дар замони Истиқлол маълумоти ҷолиби таваҷҷуҳ баён намудаанд, ки ҳоло фишурди ин мақолаҳоро пешкаши хонандагон мекунем.

## Мақолаи якум
## Шумораи нахустини “Овози Самарқанд” чӣ тавр нашр шуда буд?

Дар ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта гурӯҳе аз равшанфикрони Самарқанд бо дархости ташкили рӯзномаи тоҷикӣ ва гуфторҳои тоҷикӣ дар радиои вилоятӣ ба Маскав, ки идораи тамоми ҳаёти мамлакат, махсусан маънавияту мафкура он ҷо буд, муроҷиат намудем.

Баъди чанд муддат аз ҷониби Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Шӯравӣ иҷозат шуд, ки тавассути радиои вилоятӣ дар Самарқанд ҳар рӯз ба муддати даҳ дақиқа гуфторҳо ба забони тоҷикӣ дар асоси ҷамоатӣ ташкил карда шавад. Тибқи ҳамин нишондод якуми апрели соли 1963 аввалин гуфторҳо ба забони тоҷикӣ аз радиои вилоятӣ садо доданд, ки масъулияти он ба зиммаи роқими ин сатрҳо ва Салим Кенҷа, ки ҳар ду рӯзона дар донишгоҳ кор карда, шабона дар бахши филологияи тоҷики донишгоҳ таҳсил мекардем, вогузошта шуд...

Ниҳоят, дар солҳои бозсозӣ имконият ба рӯшодгӯӣ ва изҳори дархости мардум доир ба эҳтиёҷи маънавӣ, аз ҷумла воситаҳои ахбори оммавӣ ба забони модарӣ пайдо шуд. Нахустин маротиба бо ташаббуси мо охирҳои соли 1988 тавассути телевизиони Тошканд ба забони тоҷикӣ барномаи яксоатаи адабӣ-мусиқии тоҷикӣ ташкил гардид, ки дар ин кор низ саҳми эҷодкорони Самарқанд калон буд. Ин барнома таконе буд барои минбаъд бо номи "Рангинкамон" ба забони тоҷикӣ муттасил намоиш додани барномаҳои телевизионӣ аз Тошканд...

Моҳи апрели соли 1989 бо ташаббус ва дастгирии Котиби аввали кумитаи ҳизби коммунистии ноҳияи Боғишамоли шаҳри Самарқанд Валерий Нарзуллоевич Козимов ба сифати варақаи ахбор шумораи аввалини рӯзномаи ноҳиявии "Боғишамол" ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва тоҷикӣ ҳар кадоме ба тарзи алоҳида интишор ёфт.

Ин икдоми некро котиби аввали кумитаи шаҳрии ҳизб Носирҷон Ёқубов пайравӣ намуда, барои аз нав эҳё намудании рӯзномаи "Самарқанд" шурӯъ кард ва ин рӯзномаи сезабонаи шаҳрӣ аз шумораи нахустинаш дар байни мардум нуфузи калон пайдо кард.

Ҳамаи ин талошу кӯшишҳо барои таъсиси рӯзномаи тоҷикии вилоятӣ дар Самарқанд заминаи мусоид фароҳам оварда ва мо мунтазам барои таъсиси чунин рӯзнома ба Маскав ва Тошканд муроҷиат мекардем.

Ниҳоят яххои зери барф об шуданду дар давоми соли 1989 барои омӯхтани дархости тоҷикони Самарқанд аз Маскав ва Тошканд паи ҳам чандин ҳайати комиссиюни бонуфуз ташриф оварданд ва ҳар бор дар кумитаи вилоятӣ ва шаҳрӣ моро даъват

карда, оиди ҳалли ин мушкилот саволу ҷавоб мекарданд. Махсусан ҳангоми ба Самарқанд омадани намояндагони Кумитаи Марказии ҳизби коммунистони шӯравӣ Лаврентев, Ткаченко, Кулик, намояндагони Кумитаи Марказии ҳизби коммунистони Ӯзбекистон Зиёмов, Сергеев, бо ҳамин масъала ба Самарқанд омадани намояндагони ҳукумати Ӯзбекистон Юсуф Абдуллоев, Собитхон Қурбонов, Ҷӯра Юлдошев ва дигарон яке аз масъалаҳои асосӣ таъсис намудани рӯзномаи вилоятии тоҷикӣ дар Самарқанд буд.

Моҳи сентябри соли 1989 хабаре омад, ки аз сари соли нави 1990 дар Самарқанд рӯзномае ба забони тоҷикӣ нашр мешавад.

7-уми октябри соли 1989 моро ба Кумитаи вилоятии ҳизб даъват карданд. Ҳамроҳи Акбар Пирӯзӣ (шодравон) дар соати таъиншуда ба он ҷой омадем. Гуфтанд, ки андаке мунтазир бояд шуд. Ҳоло Пленум рафта истодааст ва баъди он худи сардори Ҷумҳурии Ӯзбекистон (он вақт Котиби Якуми Кумитаи Марказии ҳизби коммунистии Ӯзбекистон) Ислом Каримов бо мо мулоқот мекунад. Ва ҳамин тавр ҳам шуд.

Баъди Пленум Ислом Каримов бо ҳамроҳии котиби дуюми Комитети Марказии ҳизби коммунистии Ӯзбекистон Ефимов ва котиби аввали кумитаи вилоятии ҳизб Пӯлод Абдураҳмонов, ки ҳамон рӯз ба ин вазифа таъин шуда буд, моро қабул карда, оиди муаммоҳои фарҳангию маърифии тоҷикони Самарқанд, ки мо дар мактубамон навишта будем, мулоқот карданд ва гуфтанд, ки ҳамаи ин муаммоҳо пасу пеш ҳал мешаванд. Дар навбати аввал, нашри рӯзнома ба миён гузошта шуд ва гуфтанд, ки ин масъала ҳоло омӯхта шуда истодааст ва бояд мусбӣ ҳал шавад. Минбаъд мо доир ба муаммоҳои дигар ба роҳбари вилоят Пӯлод Маҷидович Абдураҳмонов муроҷиат карданамон мумкин аст…

Ниҳоят, 27-уми декабр таъҷилан устодони донишгоҳ Шавкат Шукуров, Солеҳ Ҳалимов, Малик Адашев ва маро ба идораи сардори вилоят даъват карданд.

Сардори вилоят ба мо гуфт, ки барои таъсиси рӯзномаи вилоятии тоҷикӣ иҷозат шудааст ва мо нусхаи нишонавии онро бояд дар ҳамин як -ду рӯз тайёр карда, то якуми январ аз нашр барорем. Вай инро гуфту роҳбарии ин корро ба зиммаи ҷонишинаш Акрам Худойқулов гузошт. Пас мо ҳама ба дафтари кории сардори Садорати матбуоти вилоят Ғайбулло Ашӯров рафтем. Вай барои

ҷойи кор як хона ҷудо кард ва мо, ҷамъомадагон вазифаҳоро байни худ тақсим кардем.

Маслиҳат шуд, ки ба ин кор Салим Кенҷа ва Акбар Пирӯзиро ҳам ҷалб намоем. Лекин масъулияти асосӣ ба дӯши камина гузошта шуд.

Мавзӯъҳоро муайян карда, ба ҳозирон супоришҳоро додем. Мувофиқи қарордод ҳама бояд маводи заруриро пагоҳ саҳарӣ ба идораи Ғ.Ашӯров меовард. Ва дар ин ҷой онро аз назар гузаронида, пас барои таҳрир ба ман медоданду ман ба нашр омода мекардам. Бо супориши сарвари вилоят маро се рӯз аз кори донишгоҳ озод карданд.

Таъсиси рӯзнома ва супоридани вазифаи ниҳоят масъу лиятнок маро ба ваҷд овард. Хеле шоду хурсанд будам. Ҳамоно аз пайи таҳияи маводи рӯзнома, кашидани тарҳи он шудам (зеро то ин вақт чанд шумораи рӯзномаи "Боғишамол" ва саҳифаҳои нахустини тоҷикии "Шарқ тонги"-ро бароварда, дар ин кор то андозае таҷриба доштам).

Ман ба идораи "Шарқ тонги", ки он вақт бинои он дар деҳаи Хоҷа Аҳрори Валӣ – дар рӯ ба рӯйи масҷиду мадраса қарор дошт, рафтам. Муҳаррири рӯзнома Насриддин Зайниев маро хуш пазируфта, бо таъсиси рӯзномаи нав табрик кард ва ҳуруфчин Аҳрорқул Ҳамроқуловро ба утоқи корияш даъват карда, ба ӯ фармуд, ки маводи рӯзномаи наврo ҳар чи зудтар чида, ба матбааи вилоятӣ расонад. Аҳрорқул, ки аз орзумандони рӯзнома буд, бо як шавқу ҳавсалаи хоса тамоми шаб маводи рӯзномаро чида, субҳи содиқ ба мо расонид. Кор акнун дар матбаа бо Комилҷон АшӮрзода авҷ гирифт. Ӯ маводи рӯзномаро ҷо ба ҷо карда, саҳифабандӣ мекард ва боз ким чӣ хел корҳои техникӣ, ки дар боло зикр кардем, ба зиммаи ӯ буданд. Ман бо вай паҳлу ба паҳлу истода, ҳар як маводро гаштаю баргашта аз назар мегузаронидам.

Ҳамин тавр, дар давоми ду рӯз аз матбаа набаромада кор кардем. Шаби 29-уми декабр ҳаво сахт хунук шуд. Соатҳои 9-и бегоҳӣ аз нисф зиёди корро ба итмом расонида, аз матбаа баромадем. Рӯзи дигар ман аз пагоҳӣ дар матбаа дар паҳлӯи Комил Ашӯрзода будам. Дертар Малик Адашев ва сонӣ Салим Кенҷа ҳам омаданд. Дӯсти мо, Рауф Маъруфӣ, ки яке аз тарафдорони таъсиси рӯзнома дар Самарқанд буд, омада аз аҳволи мо хабар гирифт.

Дар нимаи дуюми рӯз нусхаи нишонавии "Овози Самарқанд" омодаи нашр шуд. Тамоми маводи он, имзоҳои зери мақолаҳоро дида баромадем. Акнун онро бояд ба мошини чоп гиранд. Танҳо ҷойи "Муҳаррир" холӣ буд. Қарор дода будем, ки шумораи нахустин бе имзои муҳаррир, бо ишораи "Ҳайати таҳририя" аз чоп барояд. Лекин ҳамин дам ба матбаа Б. Шермуҳаммадов (яке аз ходимони шӯъбаи идеологияи қӯмитаи вилоятии ҳизб) даромада омад. Ӯ гуфт, ки бояд шумораи нахустин бо имзои муҳаррир барояд. Зеро масъулият ба гардани ӯст ва минбаъд тамоми хараҷу causeраҷи рӯзномаро ҳам вай ба дӯши худ гирад. Ва ӯ аз кисабағали худ матни дар фотонабор чидашудаи "Муҳаррир Н.Остонақулов"-ро баровардa, ба саҳифабанд Комил Ашӯрзода дод, ки ба ҷойи "Ҳайати таҳририя" онро гузорад…

Ҳамин тавр, худи ҳамон рӯзи 30-юми декабри соли 1990 соати 17:30 дақиқа нусхаи якуми "Овози Самарқанд" аз мошинаи чоп баромад, ки он нусхаро ҳамчун маҳсули орзуҳои чандинсола ва меҳнати чандшабонарӯза, чун гавҳараки чашм маҳфуз медоштам. (Ҳамин нусхаро дар арафаи бистсолагии ҷашнвораи рӯзнома ба осорхонаи "Овози Самарқанд" тақдим карда будам). Дар ҳошияи ҳар як маводи он аз ҷониби кӣ таҳия шудани он мавод қайд карда шудааст…

Нусхаи нишона, ки бо теъдоди 5000 нусха чоп шуда буд, дар як-ду рӯз ба зудӣ паҳн шуд ва қариб аксар расонаҳои ахбори оммавии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар ин бора хабару мақолаҳоро бо акси саҳифаи аввали рӯзнома чоп карданд, тавассути телевизон намоиш доданд.

Дар давоми чанд моҳ аз тамоми маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон – Сурхондарё ва Қашқадарё, Бухоро ва Навоӣ, Ҷиззах ва Сирдарё, Тошканд ва Намангону Фарғона, аз Хӯҷанду Истаравшан, аз Душанбею Панҷакент, аз Хатлону Қӯрғонтеппа нисбати нашри рӯзномаи "Овози Самарқанд" табрикҳо омаданд. Эҷодкорон инчунин шеъру дархостҳои худро мефиристоданд, ки қариб аксари онҳо дар шумораҳои минбаъдаи рӯзнома пасу пеш чоп шуданд.

* * *

Ниҳоят, аз 1-уми феврали соли 1990 нашри мунтазами рӯзнома ба роҳ монда шуд. Ҳоло сармуҳаррири "Овози Самарқанд" олими

ҷавон, шоир ва рӯзноманигор Баҳодури Убайдуллоҳ мебошад, ки таҳти сарварии ӯ як зумра рӯзноманигорони ҷавон ба камол расида истодаанд ва ояндаи матбуоти тоҷики вилоят дар дасти онҳост.

Имрӯзҳо "Овози Самарқанд"-ро на танҳо дар вилоят, балки дар беруни он низ мехонанд ва муштариёни он қариб дар аксар вилоятҳои Ӯзбекистон ҳастанд.

Алъон "Овози Самарқанд" ҳамчун минбари маърифату маънавият ва фарҳангу адаб ба мардум хидмат менамояд ва сиёсати оқилонаи Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёевро дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ, рушди маорифу маънавият, тандурустии мардум, ободии шаҳру деҳот, ғамхорӣ дар ҳаққи кӯдакону пиронсолон ва ғайра ба мардум мерасонад.

Моҳи январи соли 2021 30-солагии “Овози Самарқанд” ҷашн гирифта шуд ва ба ин муносибат низ аз силсилаи “Аз китобхонаи “Овози Самарқанд” як қатор китобҳо, аз ҷумла “Овози Самарқанд: дирӯз ва имрӯз”, “30 номаи рӯзнома”, “30 гуфтор аз 30 тор” нашр шуд. Аслиддин Қамарзода, ки ҳамеша вафодори “Овози Самарқанд” ҳаст, бо меҳру муҳаббати хоса оиди таърихи бунёди ин рӯзнома гузорише ва барои тарғиби он шеъраке гуфтаст, ки ҳар ду дар ин китоб ҷой дода шудааст.

Он шеър ин аст:

## ШАВ ОБУНА БА "ОВОЗИ САМАРҚАНД"

Агар хоҳӣ зи вазъи даҳр донӣ,
Зи фарҳангу адаб берун намонӣ,
Ниҳоли илм бар сина нишонӣ,
Шав обуна ба "Овози Самарқанд".

Бихонӣ шеъри тар, ахбори дилкаш,
Нагардад хотират ҳаргиз мушавваш,
Дилат бошад ба гармӣ ҳамчу оташ,
Шав обуна ба "Овози Самарқанд".

Агар хоҳӣ зи Истиқлол донӣ,
Ту худро бар дари мақсад расонӣ,
Кунӣ дар маҳфили дил гулфишонӣ,

Шав обуна ба "Овози Самарқанд".

Забони модариро дӯст дорӣ,
Кунӣ дар боғи ҷонат гулгузорӣ,
Агар аҳли дилӣ, соҳибшиорӣ,
Шав обуна ба "Овози Самарқанд".

Кунад гул то тамоми Ӯзбекистон,
Саҳифоти хушаш пайваста мехон,
Ба роҳи ростӣ доим қадам мон,
Шав обуна ба "Овози Самарқанд".

Ба боғоташ гули хушранг рӯяд,
Ҳазорон гардро аз сина шӯяд,
Ки то Аслӣ суруди тоза гӯяд:
Шав обуна ба "Овози Самарқанд".

*Самарқанд, 05. 12. 2019*

## Мақолаи дуюм
## Бунёди барномаҳо ба забони тоҷикӣ дар телевизиони Ӯзбекистон ва Ширкати Симо ва садои вилояти Самарқанд

Дар асоси талабот ва дархости тоҷикони чандмиллионнафараи Ӯзбекистон ташкили барномаҳо ба забони тоҷикӣ тавассути шабакаи асосии Телевизиони марказии Ӯзбекистон бо навиштани мактубҳо ба Маскав - ба Комитети Марказии КПСС (Партияи Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ) бо даву този зиёд, ниҳоят охирҳои соли 1988 амалӣ шуд.

Бо назардошти маъмурияти Комитети давлатии Ӯзбекистон оид ба радио ва телевизион навиштани сенарияи намоиши телевизионӣ ба забони тоҷикӣ, ки хусусияти адабӣ-иҷтимоӣ дошт, инчунин интихоби иштироккунандагон – адибон, ҳунарпешагон, кормандони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар ин барнома ба зиммаи банда гузошта шуд. Зеро ҳанӯз солҳои 60-уми садаи гузашта дар кори ташкили радиошунавонӣ ба забони тоҷикӣ дар

Самарқанд фаъолият нишон додан ва тавассути телевизиони Тоҷикистон низ якчанд маротиба баромади аҳли адабу фарҳанги Самарқандро таҳти унвони “Армуғони Самарқанд” ташкил кардан ва дар ин бобат каму беш таҷриба доштани маро ба эътибор гирифта, ба ман чунин супориш дода буданд.

Бо вуҷуди ин, аз кормандони идораи рӯзномаи ҷумҳурии “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (ҳоло “Овози тоҷик”), бахусус аз сармуҳаррир Шавкат Ниёзӣ, ҷонишинони ӯ Мӯҳсин Умарзода ва Ҷонибек Қувноқ , ки байни мардум эътибори зиёд доштанд, маслиҳатҳо гирифта, ба таҳияи сенарияи (нақшаи) барномаи яксоата шурӯъ кардам. Баъди ба Комитети радио ва телевизиони ҷумҳурӣ тақдим кардани сенарияи мазкур ману Ҷонибекро ба он ҷо даъват карда, вақту рӯзи наворбардории барнома ва ба студия даъват кардани иштирокчиёни онро муайян карданд. Нақшаи барномаи яксоата ва даъвати иштирокчиёни он аз Бухоро, Самарқанд, Фарғона ва Сурхондарё тасдиқ гардида, рӯзи сабти навор 28 сентябр муайян шуд. Аз Самарқанд ману Акбар Пирӯзӣ, Ҳаёт Неъмат ва як гурӯҳ иштирокчиёни дастаи ҳунарии назди хонаи маданияти ноҳияи Самарқанд, аз Бухоро Аминҷон Шукуров ва Асад Гулзода, аз Фарғона ва Сурхондарё як-ду нафар аҳли эҷод, инчунин аз Тошканд дастаи ҳунарии бародарон Муҳаббатовҳо дар вақту соати муайяншуда ба студияи телевизион ҷамъ шудем. Коргардон (режиссёр)-и барнома корманди эҷодии телевизион, зани самарқандӣ Зебо Солиева ва барандаи барнома Ҷонибек Қувноқ таъин шуданд. Он вақтҳо навори телевизион бо дастгоҳҳои филмбардорӣ ба навор гирифта мешуд. Видеокамераҳо акнун пайдо шуда буданд. Бо фармони режиссёр ҳамаи моро дар гримхона даровардa “рангу рӯю мӯямонро ба тартиб даровbooking”. Пас дар толоре, ки чандин лампаҳо равшан мекард, ба навор гирифтан оғоз ёфт ва он хеле давом кард. Коргардон ҳар замон сабти баромадҳоро таҳрир карда, лаҳзаҳои ҷудогона маъқул нашавад, тамоми баромадро аз нав сабт менамуд. Ҳамин тариқ, мо соати 10-и пагоҳӣ ба студия даромада, соати даҳи шаб аз он ҷо шалпару монда шуда баромадем. Ба мо гуфтанд, ки барномаи мазкур ҳафтаи оянда дар ҳаҷми як соат пахш мешавад. Вақту соаташро аз ҳафтавори “Говорит и показивает Ташкент” (барномаи ҳафтаинаи радио ва телевизион) метавонем фаҳмем. Як ҳафта гузашт, дар ҳафтанома

нест, як моҳ гузашт, дар ҳафтанома нест... Ниҳоят боз бо навиштани чандин мактубу мурочиатномаҳо ба идораҳои далдор 28 декабри соли 1988 дар арафаи Соли нави масеҳӣ нахустин намоиши барномаи тоҷикӣ тавассути шабакаи асосии телевизиони “Ӯзбекистон” дар давоми 55 дақиқа ба эфир рафт. Ҳамон рӯз ва чанд рӯзи дигар аз минтақаҳои гуногуни Ӯзбекистон ва ҳатто тоҷикони мавзеъҳои бо мо ҳамҷавори Тоҷикистон ва Қазоқистон мавҷи табрикот пайи ҳам омаданд, рӯзномаҳо хабарҳо чоп карданд, ба унвони маъмурияти телевизиони Ӯзбекистон оиди ба забони тоҷикӣ мунтазам ташкил кардани чунин барномаҳо дархосту номаҳои миннатдорӣ омаданд. Ниҳоят қарор шуд, ки чунин барнома минбаъд моҳе як маротиба ташкил карда мешавад.

Хато накунам, моҳи феврал ва ё марти соли 1989 барномаи дуюм низ бо иштироки мо пахш гардид. Ин дафъа доираи мавзӯъҳо ва иштироккунандагони барнома низ хеле васеътар буд. Азбаски Ҷонибек дар Тошканд буд, қарор додем, ки минбаъд маводро якҷоя таҳия мекунем ва ташкили сабту барандагии барнома ба зиммаи ӯ гузошта мешавад.

Барномаи сеюм бо номи “Рангинкамон” бо иштироки Ҷонибек ва Мӯҳсин Умарзода моҳи апрели соли 1989 сурат гирифт. Дар ҳамин барнома дар бораи чопи китоби “Гулдастаи Самарқанд” низ хабар дода шуда буд.

Минбаъд ин вазифаро Ҷонибек ба зиммаи Шарофат Эрматова, ки он вақт дар Институти маданияти Тошканд таҳсил мекард (ва ё онро хатм карда буд) гузошт. Барнома ҳафтае дар ҳаҷми 30 дақиқа тақдим мегардад. Аз ҳамон вақт нн ҷониб намоишҳои “Рангинкамон” аввалҳо дар шабакаи аввал, минбаъд дар шабакаи “Дӯстӣ”-и телевизиони Ӯзбекистон давом дорад, лекин бо вақти маҳдуд: ҳоло моҳе ду маротиба дар атрофи 20 дақиқа пахш мешавад. Бинобар маҳдудии вақт доираи мавзӯъ ва мундариҷаи барномаҳо низ танг аст.

Моҳи майи соли 1992 барои намоишҳои телевизионӣ ба Ширкати симо ва садои вилоятҳо, аз ҷумла ба Ширкати симо ва садои вилояти Самарқанд низ иҷозат дода шуд, ки ҳафтае як соат барномаҳои телевизиониро тавассути мавҷи шабакаи асосии телевизиони ҷумҳурӣ пахш намоянд. Вақти барномаҳои ин намоиш

барои телевизиони Самарқанд ба се тақсим шуда буд: 30 дақиқа ба забони ӯзбекӣ ва 15 дақиқагӣ ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ.

Ташкили барномаи тоҷикӣ ба зиммаи мудири бахши тоҷикии радиои Самарқанд Салим Кенҷа гузошта шуд. Ӯ маро барои мулоқоту шодбошӣ ба намоиши нахустини барнома даъват кард. Дар ин барнома боз ду-се хабари мухтасар ба таваҷҷӯҳи бинандагон расонида шуд.

Рӯзи дигари пахши ин барнома Салим Кенҷа ва Раиси ширкати симо ва садои (Комитети радиошунавонӣ ва телевизиони) вилояти Самарқанд Шариф Хӯҷаев маро ба идораи раиси ширкат даъват карданд. Бо вуҷуди он, ки аллакай аз чандин бинандагон аҳсану офаринҳо шунида будам, то омадан ба он ҷо аз дилам чандин гумонҳо гузашт: шояд дар баромад-мусоҳиба нодуруст ҳафр зада бошам ва аз ҷойе шикоят омада бошад.

Лекин, бар хилофи гумони ман, дар дафтари раис Шариф Хӯҷаев ҷонишини ҳокими вилоят оид ба маънавият ва маърифат, марди соҳибфарҳанг ва маърифатпарвар Акрам Худойқулов ва Салим Кенҷа менишастанд ва маро хеле хуш пазируфтанд. Бо пахши барномаи нахустин муборакбод намуда, гуфтанд, ки барнома аз ҷониби бинандагон хуш истиқбол гардид. Баъд онҳо гуфтанд, ки ташкили ҳамин барнома минбаъд ба зиммаи ман гузошта мешавад. Зеро Салим Кенҷа дар донишкадаи педагогӣ кор мекунаду ҳам муҳаррири барномаҳои тоҷикии радиои вилоят мебошад ва иловаи ин вазифа ба вай вазнинӣ мекунад. “Шумо дар ин кор таҷриба доред, - гуфт Шариф Хӯҷаев. – Ду бор намоишҳои тоҷикии телевизионро дар Тошканд ташкил кардед. Тавассути телевизиони Душанбе ва студияи шаҳрии Самарқанд (СТВ) низ барномаҳо созмон додаед. Барномаи якунимсоатаи Радиокӯпруки Самарқанду Душанберо бо ҳамкории журналистони радиои Тоҷикистон ташкил кардед, ки он мустақиман тавассути радиои Тошканд ва Душанбе ба мавҷи ҳаво рафта, онро миллионҳо нафар шуниданд. Ба як маънӣ, шумо роҳу равиши ин корро хуб медонед. Аксбардорон ва васлкунандагон ба шумо ёрӣ мерасонанд. Ба масъалаи вазифаатон дар университет бошад, бо маъмурияти донишгоҳ гуфтугӯ карда, барои дар он ҷой ҳам мукаммал давом додани коратон шароит муҳайё мешавад. Шумо аз ҳамин рӯз эътиборан Сармуҳаррири барномаҳои тоҷикии Ширкати симо ва

садои вилояти Самарқанд ҳастед. Масъалаи ба узвияти Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон қабул шуданатон ҳам ба миён гузошта шудааст...”

Худ, ки барои рӯзномаҳо, радио ва телевизиони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мунтазам хабару гузоришҳо менавиштам ва ин корро дӯст медоштам, давъатро қабул кардам.

Вазифаи ман дар ин ҷо аз он иборат буд, ки ҳар ҳафта барои барномаи 15 дақиқаина хабару гузоришҳо тайёр намоям. Барномаи телевизиони мо рӯзи ҷумъа соати 17:00 баъди барномаҳои ӯзбекӣ ва русӣ ба эфир мерафт. Барои сабти навор рӯзи душанбе наворбардор Игор Винограденко 2 соат ва барои таҳияи барнома рӯзи чоршанбе аз соати 15 то 17 дар студия видеотехник – васлкунандаҳо Аслам Бурҳонов ва Дмитрий Ворочаев ба ихтиёрам буданд...

Ҳамин тариқ, таҳияи барномаҳоро оғоз кардем. Нақшаи моҳонаи барномаҳоро пешакӣ ба раиси ширкат Шариф Хӯҷаев, ки журналисти соҳибтаҷриба буда, то ба ин вазифа дар идораи рӯзномаи вилоятӣ ба дараҷаи ҷойнишини муҳаррир расидаву дар қӯраи матбуот обутоб ёфта буд, пешниҳод карда, баъди тасдиқи ӯ таҳияи барномаҳоро оғоз мекардем. Ба ин кор бо ҷидду ҷаҳд ва шавқу завқи хоса шурӯъ кардем. Инак, нахустин барномаи мустақими мо бо номи “Сайқали рӯйи Замин” 7 июни соли 1992 пахш гардид ва минбаъд то аз кори мазкур сабукдӯш шуданам – июни соли 1999 мунтазам давом кард.

Намоишномаҳо ба бинандагон маъқул афтода, ба унвони идора ва камина номаҳои миннатдорию дархостҳо меомаданд. Азбаски ҳоло сухандони махсус надоштем, матни барномаҳоро қироат мекардам, мусоҳибаҳоро низ аксар худам мебурдам. Бинобар ин, маро бештар ҳамчун барандаи телевизион мешинохтанд. Барномаҳои моро на танҳо дар вилояти Самарқанд, балки берун аз он дар Ҷиззаху Сирдарё ҳатто Чинози Тошканд ва Ҷеттисойи Қазоқистон, ноҳияҳои бо вилояти Самарқанд ҳамҷавори Навоӣ ва Қашқадарё, ҳатто дар шаҳри Термизи вилояти Сурхондарё, Панҷакенту Истаравшани Тоҷикистон тамошо мекарданд ва ба унвони мо мактубу дархостҳо мефиристонданд.

Баъдтар барои барномаҳои вилоятӣ ду соат вақт ҷудо карда шуд ва вақти барномаи мо низ ба 30 дақиқа расид. Акнун на танҳо

ахбору навгониҳои вилоят, балки барои ташкили барномаҳои махсуси маънавӣ-маърифатӣ, адабӣ-фарҳангӣ низ имконият пайдо шуд. Азбаски дар донишгоҳ барои донишҷӯён оид ба назария ва асосҳои журналистика дарс медодам, шогирдон дар таҳияи барномаҳо ҳамчун машғулоти амалӣ фаъол иштирок мекарданд. Яке аз онҳо донишҷӯйи аълохон Субҳон Маҳмудов ҷавон аз ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона буд. Ӯро ҳамчун сухандон ва хабарнигор интихоб кардем, ки то анҷоми таҳсили донишгоҳ дар давоми се сол ин вазифаҳоро шарафмандона иҷро кард. Сонитар Улуғбек Бурҳонов, Умеда Ҳасанова низ ҳамчун мухбир ва сухандон бо мо ҳамкорӣ карданд. Онҳо инчунин ба таҳияи барномаҳои мустақим, мусоҳиба бо намояндагони аҳли илму маърифат ва фарҳанг, сонитар ба ташкили барномаҳои тиҷоратӣ фаъолона иштирок мекарданд. Писарам Наврӯзҷон баъди хатми мактаби миёна ҳамчун оператор-аксбардор ба кори телевизион қабул шуд.

Дарёфти духтарони сухандон душвор буд. Меомаданду баъди як-ду баромад нопайдо мешуданд. Сабаб: “хонангиҳо” ва ё наздиконашон намемонданд, ки онҳо тавассути экран худро ба мардум намоиш диҳанд...

Баъди чанд муддат, хато накунам, аз соли 1993 дар телевизиони давлатӣ низ ба ташкили барномаҳои тиҷоратӣ иҷозат шуд ва муддати вақти намоишҳои мо то ба 4-5 соат расид, баъзе рӯзҳо аз ин ду-се соаташро барои барномаҳои тоҷикӣ метавонистем харидорӣ кунем. Зеро масъалаи тиҷоратии телевизионро хуб ба роҳ монда будем. Барои аксбардорӣ камераи телевизионӣ (видеокамера) ва барои васли мавод (монтаж) видеомагнитофонҳо харидем. Акнун мо ба наворбардор чандон эҳтиёҷ надоштем, баръакс баъзан барои барномаҳои ӯзбекӣ ва русӣ низ бо маводи аксбардории худамон ёрӣ мерасонидем. Барномаҳои мо хеле хубу рангин буд. Барои маводи ахборӣ моро лозим меомад, ки баъзан дар як рӯз дар 7-8 ноҳияи вилоят шуда, мавод тайёр намоем. Ба як маънӣ, ману писарам Наврӯзҷон бо микрофону камера тамоми шаҳру деҳоти вилоятро давр зада, барои рангину пурмазмун баромадани барномаҳо ва баҳри суҳбат дарёфтани намояндагони касбу кори гуногун мекӯшидем. Ин буд, ки доираи мавзӯъ ва мундариҷаи барномаҳои тилвизионии мо низ манзури бинандагон мешуд.

Дар солҳои аввали Истиқлол иҷрои нақшаҳои солонаи корхонаҳои саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои ҷамоавӣ, ки ҳоло адади онҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бисёр буданд, аз ҷумла дарави ғалла, ҷамъоварии пахта, тантанаҳои иди Наврӯз, ҷашни Истиқлол, ба ин муносибат ба истифода супоридани ҳар гуна бино ва иншоотҳо, муваффақиятҳои соҳибкорон ва фермерҳои нахустин, истиқболи Соли Нав бо дастовардҳои меҳнатӣ аз мавзӯъҳои асосӣ ва рӯзмарраи барномаҳои воситаҳои ахбори оммавӣ, аз ҷумла телевизион буданд. Инчунин сафарҳои нахустин зиёраткунандагони Ҳаҷҷи Акбар дар солҳои аввали Истиқлол, шодбошиҳои Иди Рамазон ва Иди Қурбон, ташрифи меҳмонони хориҷӣ ба Самарқанд, вохӯриҳо бо адибон ва аҳли фарҳанг, сиёсатмадорон, чорабиниҳои ҷашнӣ, ҷараёни фестивали байналхалқии "Таронаҳои Шарқ" аз ибтидо то интиҳо, репортажҳои мустақим оиди ташрифи Президентҳо ва меҳмонони олимартабаи кишварҳои хориҷӣ ба Самарқанд, мусоҳиба бо онҳо ва дар ин ҷараён бо Президент Ислом Каримов ва ё дигар шахсони соҳибмартаба, ки ба онҳо ҳамроҳӣ мекарданд, бештар ба зиммаи мо гузошта мешуд. Маро насиб шудааст, ки ҳамчун журналисти телевизион бо Сарварони давлатҳои Фаронса (Мишел), Эрон (Рафсанҷонӣ), Покистон (Беназир Бхутто), Туркия (Тансу Чиллер), Афғонистон (Раббонӣ) ва Индонезия (Сухарто) дар ҷараёни ташрифшон ба Самарқанд ҳамроҳӣ намоям, бо Рафсонҷонӣ ва Тансу Чиллер, инчунин ду маротиба бо Ислом Каримов дар мусоҳибаи телевизионӣ шавам.

Боре вазирони корҳои дохилии ҳашт ҷумҳурии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тошканд барои иштирок дар анҷумуни бонуфуз ҷамъ шуданд. Ин ҳайат бо салоҳдиди роҳбарони Ӯзбекистон ба Самарқанд омаданд ва мо тамоми рӯз бо онҳо шуда, бо дархости сарвари Садорати корҳои дохилии вилоят Муродхӯҷаев оиди ин сафар филми мустанад таҳия намудем. Баъди ин бо дархости мо ва дастгирии ин роҳбари маърифатпарвари идораи корҳои дохилӣ барои беҳтарин очерку гузоришҳо оиди фаъолияти милиса дар расонаҳои ахбори оммавии вилоят озмун бо ҷоизаҳои махсус эълон шуд.

Барномаҳои адабӣ-маърифатии мо низ бо иштироки олимон ва адибони Самарқанд Ботурхон Валихоҷаев, Раҳим Муқимов,

Михаил Абрамов, Болта Ортиқов, Адаш Истад, меҳмонон аз Тоҷикистон Расул Ҳодизода, Раззоқ Ғаффоров, Ҳамроқул Шодиқулов, Саъдӣ Маҳдиев, Ҷӯрахон Бақозода, адиб аз Эрон Аҳмади Яздӣ, табиби халқӣ Муллозуҳур Тоҳирӣ, ҳунарпешаи варзида Ҳасан Ҳайдар ва дигарон хеле пурмазмун ва хотирмон буданд. Шоири эронӣ Аҳмади Яздӣ ҳамон вақт ҳангоми мусоҳибаи телевизионӣ бо мо дар таърифи Самарқанд ин шеъри худро хонда буд:

## БА ЁДИ ШАҲРИ САМАРҚАНД

Бар Самарқанд, эй азизон баҳри дидор омадам,
Аз раҳи дуру дарозу сахту душвор омадам.

Дар дарун дорам ҳадиси хуш зи дидори шумо,
З-ин сабаб бо ишқи имон баҳри нисор омадам.

Гуфтаҳо дорам ман аз донишварони ин диёр,
Не барои моландӯзию пайкор омадам.

Аз Хуросон шодмон бар Ӯзбекистони шумо,
Ҳамчу булбул нағмахон бар сӯи гулзор омадам.

Гарчи роҳам дур буд аз мулки Эрон бо шараф,
Ман ба ишқи ҳамнишини хуш сабукбор омадам.

Кай раҳо созам ман ба Аҳмад дӯстони меҳрубон,
Ман ки бо ишқи адаб бар ҷилваи ёр омадам.

*18.04.1993*

(Баъдтар ин шеъри Аҳмади Яздиро ба тазкира-баёзи “Мадҳи Самарқанд” дохил карда, ба ин ғазал мухаммас бастем, ки он дар китоби “Бӯстони мухамас” низ ҷой дода шудааст).

Аз имконияти мавҷуда истифода бурда, бо ризоияти маъмурияти Комитети телевизион ва радио (Ширкати симо ва садо)-и вилоят барномаҳои “Шоми назму наво”, “Маърифат”, “Беғараз панд”, “Донишҷӯй”, “Истиқлол ва истиқбол”, “Бонги

изтироб”, “Тандурустӣ”, “Тобистони бачаҳо”, “Ҷавонӣ” инчунин “Сӯҳбати мизи мудаввар” ва монанди инҳоро ташкил мекардем, ки ҳар кадоме аз ин барномаҳо дар рӯзу соати муайян манзури бинандагон мешуд. Дар таҳияи баъзе барномаҳо бо телевизиони Тошканд ва Душанбе низ ҳамкорӣ доштем.

Аксар вақт гузориш (репортаж) ва мусоҳибаҳои мо худи ҳамон рӯз ба эфир мерафт, ки ин тезкории мо ба бинандагон хеле маъқул афтода буд. Аз ҷумла, гузориши мо аз маросими ифтитоҳи Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд ва дар он иштирок доштани раиси ЮНЕСКО Федерико Майор, дар ин маросим ба забонҳои англисӣ, русӣ ва ӯзбекӣ суханронӣ кардани ректори донишгоҳ Юсуф Абдуллоев, гузориши мо дар бораи 18 октябри соли 1996 дар Хиёбони донишгоҳи шаҳри Самарқанд ба тарзи тантанавӣ кушода шудани пайкараи Амир Темур, дар он ҷо бо нахустин шумораи ордени Амир Темур мукофотонида шудани шаҳри Самарқанд ва аз ҷониби Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба байрақи шаҳр овехта шудани ин орден, ҳамчун Рӯзи Самарқанд эълон шудани он рӯз , инчунин мусоҳибаи мо бо ҳунарпешаи маъруфи тоҷик Сайрам Исоева - иштирокчии кинофестивали байналхалқии дар Тошканд, ки ба Самарқанд ташриф оварда буд, дар ҳамон рӯзҳо пахш гардида, диққати бинандагон ва журналистони рамузфазҳмро ба худ кашида буд. Дар бораи зудкории мо фотомухбири ӮзА Тоҳир Норқулов дар фоторепортажи худ ба муносибати “Рӯзи кормандони матбуот ва расонаҳои ахбори оммавии Ӯзбекистон” нақл карда буд, ки он дар рӯзномаи вилоятии “Самаркандский вестник” таҳти унвони “Оперативность - его кредо!” нашр шуда буд.

Ҳамин тавр, чанд муддат дар ин вазифа кор карда, тавассути барномаҳои “Маърифат”, “Ҷавонӣ”, “Донишҷӯй”, “Илм ва ҳаёт” оиди ҳаёт ва фаъолияти устодону донишҷӯёни донишгоҳ мунтазам гузоришу мусоҳибаҳо, сӯҳбатҳои мизи мудаввар ташкил мекардем.

Дар дар аксар тадбиру чорабиниҳои гӯшаву канори вилоят иштирок карда, дар бораи комёбиҳои меҳнатӣ, қабулу гусели меҳмонон ва чорабиниҳои фарҳангию маданӣ гузоришҳо ва аз фаъолияти оромгоҳҳои тобистонаи бачагон дар Ургут, Оҳалик ва Миронқул, бемористону сиҳҳатгоҳҳои шаҳру ноҳияҳо, марказҳои

нахустини хусусии тиббӣ, тарзи хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва ғайра барномаҳои ҷолиб омода мекардем.

Дар ҷараёни таҳияи чунин барномаҳо, муваффақ шудем, ки дар бораи сулолаи кулолҳои Самарқанд Наим кулол ва Усто Умар Ҷӯрақулов таҳти унвони “Сулола” филми мустанади телевизионӣ, оиди фаъолияти усто-таъмиргарони биноҳои таърихӣ, Қаҳрамони Ӯзбекистон Мирумар Асадов, соҳиби Ҷоизаи давлатии ба номи Ҳамза Усто Шамсӣ Сайфиев инчунин аз осорхонаҳои Садриддин Айнӣ ва Ориф Гулханӣ гузоришҳои махсус таҳия намуда, манзури бинандагони оинаи нилгун гардонем.

Барномаҳои ҷолибу пурмӯҳтаво аз қабили "Макони аҳли адаб" (Сӯҳбат оиди шӯъбаи тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи Давлатии Самарқанд), "Рангинкамон", "Армуғони Самарқанд", "Бародарӣ - баробарист", "Наврӯзи Аҷам", "Сайқали рӯи замин", "Маърифат", "Қалби пурҷӯши шаҳри куҳан" (Филми мустанади телевизионӣ дар бораи ноҳияи Сиёб), "Сулола" (Филми ҳуҷҷатӣ-хотиравӣ оиди сулолаи Турсуновҳо аз Самарқанд), "Боғишамол" (Филми мустанади телевизионӣ оиди ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Боғишамоли шаҳри Самарқанд), "Ӯзлигинг намоён қил", “Адиб ва Истиқлол” ва ғайра аз ин ҷумлаанд.

Доираи мавзӯъ ва мундариҷаи барномаҳои телевизиони Самарқанд тавассути барномаи мустақими “Сайқали рӯйи замин” хеле рангоранг ва пурмазмун буданд. Аз ҷумла, тарғибу таърифи забон, адабиёт, ҳунар, фарҳанги миллӣ дар партави дӯстӣ ва рафоқат; Истиқлол ва неъматҳои он, робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ӯзбекистону Тоҷикистон ва дӯстии азалию абадии халқҳои тоҷику ӯзбек, таърихи диёр, одамони обрӯманди Самарқанд аз адибу алломаҳо то ҳунарварони касбу корашон гуногун, ҳифзи табиат, урфу одатҳои миллӣ ва ғайра ба дилу дидаи бинандагон маъқул афтода буданд.

Дар фаъолияти журналистии устод Аслиддин Қамарзода мавқеи журналистикаи аккосӣ – фотожурналистика низ назаррас аст. Ӯ ҳанӯз аз овони донишҷӯӣ бисёр лавҳаю гузоришоти худро бо суратҳое, ки худ ё бо супориши ӯ аз ҷониби аксбардорон чун Ғулом Алиев, Тоҳир Норқулов, Александр Харитонов, Салимҷон Ниёзов ва дигар суратчиёни рӯзномаҳои ҷумҳурӣ ва вилоятӣ аксгирӣ кардаанд, ба навор мегирифт. Дар ин бобат ба ӯ шарикдарси

донишҷӯияш Рауф Маъруфӣ, ки сонитар ӯ ҳам пайваста бо муаллимӣ дар донишгоҳ, масъулияти саҳифаи тоҷикии газетаи шаҳрии “Самарқанд”-ро бар ӯҳда дошт, кӯмак мерасонид.

Дар ин бобат ӯ аз аксҳои таърихӣ низ бамаврид истифода мебарад. Аз ҷумла чанд мақолаҳои ӯ дар нашрияи адибони мамлакатҳои ҳамдӯстӣ “Литературная Азия”, ки дар Москва нашр мешавад, бо аксҳои таърихӣ, ки дар он олимону адибони халқҳои гуногуни олам ҳангоми дар Самарқанд буданашон тасвир ёфтааст, мисоли равшан мебошанд. Мақолаҳои хотиравии устод оиди ёдбуди Шароф Рашидов, Воҳид Абдулло, Абдулғанӣ Мирзоев, Мирзо Турсунзода, Раҳим Муқимов, Фотеҳ Ниёзӣ ва дитгар арбобони илму адабиёт низ бо аксҳои таърихӣ, ки дар бойгонии устод маҳфузанд, нашр шудаанд[23].

Аксҳо дар китобҳои Аслиддин Қамарзода бо мазмуну мундариҷаи худ инъикос шудаанд, ки ин ҳам як санъати нигоришӣ ва журналистии устод гувоҳӣ медиҳад.

## НАМОЯНДАИ ФАЪОЛИ ҶАМЪИЯТӢ

Устод Аслиддин Қамарзода ҳамчун намояндаи фаъоли ҷамъиятӣ низ маълуму машҳуранд. Зеро ҳанӯз аз овони мактабхонӣ ҳамчун роҳбари гурӯҳи пешонҳангон ба корҳои ҷамоатии мактаб фаъолона иштирок намуда, байни муаллимону шогирдони мактаб шӯҳратёр шудаанд.

Аслиддин Қамарзода ҳамчун намояндаи фаъоли ҷамъиятӣ ва ташкилотчии моҳир муддатҳо раиси иттифоқҳои касаба, котиби ташкилоти ҳизбии факултети филологияи ӯзбек ва тоҷик, роҳбари илмии ҷамъияти илмии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии

[23] “Факты в фотографияих” (“Литературная Евразия”, № 7, июль 2000 года), Комментарий к фотографии “Выдающийся русский писатель С.П. Залыгин в окружении своих учеников, поклонников и ученых Самаркандского государственого университета, среди них и А. Камарзода - Самарканд 14 июня 1981 года”. (Фото из архива собкора “ЛЕ” А. Камарзода). “История литературы в фотографиях” (“Литературная Евразия”, №10, октябрь 2000 года: рассказывается об истории одной фотографии, на котором снимались самаркандские ученые и литераторы с русским писателем Сергеем Бородиным и узбекским поэтом Гафуром Гулямом (фото начала 60-г годов XX века).
Акси иштирокчиёни даҳаи адабиёт. “Таърихи як сурат” (“Овози тоҷик”, 20 декабри соли 2023: дар ин ҷо акси як сурати таърихӣ, ки дар рӯзҳои нахустин Даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, ки соли 1959 гузаронида шудааст бо шарҳу эзоҳ дода шудааст ва ғайра.

Самарқанд, мудири қабулхонаи ҷамъиятии "Овози тоҷик" дар вилояти Самарқанд, раиси маҳаллаи зодгоҳи худ, бунёдгузор ва раиси шӯрои Иттиҳодияи фарҳангии тоҷикони "Самарқанд" ва боз чанд вазифаҳоро ба ӯҳда дошт. Фаъолияти ҷамоатии устод асосан дар давоми кор дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд назаррас аст.

- Фаъолияти иҷтимоии мо, агар аз мардикории бепул, яъне ройгон дар майдони пахта оғоз кунем, - мегӯянд устод бо ҳазлу танз ва афсӯсу надомат - беш аз даҳ соли умри мо дар ҳафтаҳои тобистон бо ягонакунии ниҳолҳою дар тирамоҳ муддати моҳҳо бо ғунучини “тиллои сафед” дар саҳроҳои пахтазор гузаштааст. Аз соли 1958 то соли 2016 ҳар сол камаш як моҳ шабу рӯз дар саҳро. Ба аксар хоҷагии кишоварзии вилояти Самарқанд, ҳатто совхозҳои пахтакори вилояти Ҷиззах, Сирдарё, Навоӣ ва Бухоро рафтем. Солҳое буданд, ки аввалҳои моҳи сентябр ба пахтачинӣ рафта, охирҳои декабр аз саҳро бармегаштем... Мукофоти мо барои ин қадар заҳмат баъзан як варақ Ифтихорнома бо имзои роҳбарони донишгоҳ буду бас...

Лекин, мо дар номгӯйи фаъолияти иҷтимоии устод Аслиддин Қамарзода корҳои зиёде дар бобати фарҳангу маърифатро дида метавонем, ки он дар рӯйхати зерин равшан ба назар мерасад:

1. Роҳбари гурӯҳи академии донишҷӯён (аз соли 1963).
2. Раиси ҷамъияти илмии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Самарқанд (солҳои 1967-1970 ва 1984-1986).
3. Роҳбари "Маҳфили адаб"-и факултети филологияи тоҷик, ки дар заминаи он маҳфилҳои адабии "Чашмасор" ва "Сайқал" созмон дода шудааст (1969-1980 ва 1999-2003.).
4. Ҷонишини декани факултет оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (1971-1975).
5. Аъзои кумитаи ҳизбии Донишгоҳи давлатии Самарқанд (1971-1988).
6. Раиси иттифоқи касабаи факултети филологияи ӯзбек ва тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд (солҳои 1973-1989).
7. Ҷонишини декани факултет оид ба шӯъбаи шабона ва ғоибона (1974-1978).
8. Котиби ташкилоти ҳизбии факултети филологияи ӯзбек ва тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ (солҳои 1975-1989);

9. Раиси сексия (бахш)-и тарғиби адабиёт, фарҳанг ва донишҳои педагогии шӯъбаи ҷамъияти "Дониш"-и Ӯзбекистон дар вилояти Самарқанд (аз соли 1976 то соли 1992).

10. Ҷонишини раиси бахши ҷамъиятии "Китобхон" дар вилояти Самарқанд (1980-1984).

11. Сардори гурӯҳи шунавандагони бахши филологияи факултети такмили ихтисоси Донишгоҳи давлатии Маскав (сентябр-декабри 1984)

12. Раиси маҳаллаи "Шалғамон"-и ноҳияи Самарқанд (1986).

13. Раиси бахши адабиёти тоҷики шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон дар Самарқанд (1989-1992).

14. Раиси шӯрои Иттиҳодияи фарҳангии тоҷикони "Самарқанд"(1989-1993).

15. Ҷонишини раиси шӯрои адабиёти тоҷики Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон (1989-1992).

16. Аъзои комиссияи масъалаҳои тарбияи байналмилал ва ватанпарварии назди кумитаи ҳизбии Донишгоҳи давлатии Самарқанд – (аз сентябри соли 1990).

17. Аъзои кумитаи назорати халқии Донишгоҳи давлатии Самарқанд (солҳои 1980-1984). Аъзои кумитаи тафтишоти ассотсиатсияи ҳамдӯстии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон ( июни соли 1991).

18. Раиси Шӯрои илмӣ-услубии таълими забон ва адабиёти тоҷики Маркази таълими Ҷумҳурии Ӯзбекистон (аз соли 2001 то соли 2016).

19. Роҳбари маркази кор бо ҷавонони соҳибиқадори факултети филологияи тоҷик (2001-2003).

20. Котиби илмии Шӯрои илмии факултети филологияи тоҷик (аз соли 2001 то соли 2015).

Дар байни ин корҳои ҷамъиятӣ фаъолияти наширии ӯ, ки иборат аз ройгон аз нашр баровардани китобҳои илмӣ ва бадеии олимону адибон буд, хеле назаррас аст. Дар ин бобат хизмати ӯ ҳамчун узви ҳайати таҳририяти нашриёҳои бонуфуз, муҳаррири масъул, котиби масъул дар интишори чандин маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ ва бадеӣ низ барҷаста ба назар мерасанд. Вай бо маслиҳатҳои муфиди худ дар таҳияи нашри маҷаллаҳои "Афросиёб", "Ахборотномаи илмии Донишгоҳи давлати Самарқанд", моҳномаи

бунёди фарҳанги Тоҷикистон – "Фарҳанг", узви ҳайъати таҳрири маҷалаи Сафорати Ҷумҳури Исломи Ирон дар Ӯзбекистон "Сино", маҷмӯаҳои мақолаҳои илмии “Масъалаҳои филология ва робитаи адабӣ” ва ғайра фаъолона иштирок намудааст.

Устод Аслиддин Қамарзода инчунин ба тариқи ҷамоатӣ муҳаррири гуфторҳои тоҷикии радиои вилояти Самарқанд (солҳои 1963-1965), муҳаррири масъули варақаи ахбори (газетаи) "Боғишамол"-и ноҳияи Боғишамол (солҳои 1989-1991) буд. Вай инчунин узви Шӯрои мушовирони маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон “Дурдонаи Шарқ” (аз январи соли 2022), аъзои ҳайати таҳририяи тазкира-баёзҳои “Суханварони Зарафшон”, “Чилдухтарон” (мураттиб Иброҳими Наққош, Нашриёти “Ирфон”, Душанбе, 2019, 2021) мебошад.

Фаъолияти ноширии Аслиддин Қамарзода дар нашри беш аз 100 китобҳои бадеӣ ва осори илмии адибон ва пажӯҳишгарон, ки дар Тошканд, Душанбе, Самарқанд ва Теҳрон нашр шудааст, равшан ба назар мерасанд.

Китобҳои “Армуғон” (бахшида ба 2500-солагии шаҳри Самарқанд), “Ӯзбек ва тожик сатираси тараққиётининг асосий босқичлари (Р.Муқимов, Самарқанд, 1973), “Драматургияи Ҷалол Икромӣ Масъалаи конфликт ва характер” (дастуруламал, Р.Муқимов, А.Алиев, 1979), “Масъалаҳои робитаи адабӣ” (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ: Самарқанд-Душанбе, 1981), "Жаннат арзон-у, камхаридор…" (Ҳожи Аҳмаджон Ҳамдамзода, Тошкент, 2004), "Абдураҳмон Жомий ва Алишер Навоий – азалий ва абадий ҳамкорлигимиз ибрати" (Самарқанд, 2004), “Бӯстони маърифат” (Тошканд, 2004), “Библиографик кӯрсаткич” (Абдусалом Самадов, Самарқанд, 2005), “Куллиёт” (Холбой Ҷалил, Нашриёти "Наврӯз", Тошканд, 2009), “Умр девони – девони умр” (Зиё Носир, "Муҳаррир" нашриёти, Тошкент, 2010), "Эй қиз! Эй келин! Эй она! (Гулнора Назарова , "Муҳаррир" нашриёти, Тошкент, 2013), “Экологияи Самарқанд” (Санъат Муҳаммадиев, Тошканд, 2015) ва ғайра аз ин ҷумлаанд.

* * *

Устод Аслиддин Қамарзода ҳамчун журналист бо бисёр воситаҳои ахбори оммавӣ ҳамкории наздик дошт ва ҷиҳати табъу нашри маводи онҳо хидматҳои арзанда кардааст. Ҳамчун мухбири

ҷамоатии "Ҳақиқати Ӯзбекистон" – "Овози тоҷик" (аз соли 1963), мудири қабулхонаи ҷамоатии рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" – "Овози тоҷик" дар вилояти Самарқанд (солҳои 1985-2001), мухбири ҷамоатии радиои ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1963), мухбири ҷамоатии "Литературная Евразия" дар Ӯзбекистон(аз соли 2000), узви шӯрои ҷамоатии газетаи "Гулобод тонги" (аз соли 2010) буду ҳаст.

## НЕКӢ БИМОНАД ҶОВИДОН

Яке аз хислатҳои наҷиби Аслиддин Қамарзода беғаразона некӣ кардан ба одамон аст. Гарчи худ ба подоши борҳо аз одамон азиятҳо дидааст, лекин ба ҳикмати "ту накӯӣ куну бар об андоз" амал карда, ҳамеша аз паи некӣ ва вафо ба аҳд аст.

Баргу сози мо китобу ҳикмат аст,
Ин ду кувват эътибори миллат аст!

Ҳамин байти аллома Муҳаммад Икбол шиори ин марди фозил дар зиндагӣ мебошад .

Синни Аслиддин Қамарзода ҳоло ба 85 дакка задааст, лекин ӯ ҳамон серғайрат, чусту чолок буда, барои рушди илму фарҳанг кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ӯ дар анҷуманҳои илмӣ оид ба мушкилоти умдатарини илми адабиётшиносӣ ва таълими забону адабиёти тоҷик маърӯзаҳо мехонад. Кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои тарбия намудани адибону рӯзноманигорон, омӯзгорону мутарҷимон ва адибони ҷавон дар Ӯзбекистон саҳми арзанда гузорад, то ки беҳтарин анъанаҳои ҷадди бузургворони моро авлоди имрӯзаву фардоина давом диҳанд ва забони ноби тоҷикӣ дар ватани азалии онҳо аз байн наравад. Пайваста бо ин, дӯстиву ваҳдати халқҳо поянда бошад. Инро аз пешгуфтори устод, ки ба китобҳои омӯзгорони эҷодкор Ҳоҷӣ Аҳмадҷон Ҳамдамзода "Ҷаннат арзону камхаридор...", Анвара Қосимова "Дил дафтари", Холбой Ҷалил "Куллиёт", Ҳусейн Рашидӣ "Гули армон", Худоназари Оқсойи "Оқсойнома", Зиё Носир "Девони умр", маҷмӯаи шеърии донишҷӯёни соҳибиқтидор "Гулҳои умед" навиштааст, аз омодаи нашр намудани нахустин дастаҳои шеърии шогирдонаш Хайринисо Расулова, Зафар Сӯфии Фарғонӣ, Ҷумъаи Ҷамол, Саодат Алиева

(ҳоло бо унвони Парисо машҳур аст), Гулчеҳра Саймиддинова, Беҳзоди Сафарзод ва дигарон, ба онҳо дуои нек додани устод ба хубӣ дарк кардан мумкин аст.

Боиси эътироф аст, ки ҳоло фаъолияти устодро бобати маърифату фарҳанг духтараш Умеда шарафмандона давом медиҳад. Ӯ баъди хатми мактаби миёнаи рақами 8-и шаҳри Самарқанд дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил намуда, онро бо дипломи аъло ба итмом расонидааст. Чанд муддат дар мактабҳои шаҳри Самарқанд муаллими забон ва адабиёт шуда кор карда, фаъолияти худро дар шӯъбаи таълими шаҳри Самарқанд дар вазифаи услубчии равоншинос давом додааст. Сипас дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд муаллимӣ карда, ҳамзамон дар рӯзномаи вилоятии “Овози Самарқанд” чун мухбир кор кардааст.

Умеда Қамарова яке аз муаллифони “Барномаи адабиёти тоҷик” барои мактабҳои Ӯзбекистон ва китобҳои дарсии “Адабиёт” барои снфҳои 8 ва 11 мебошад.

Умеда ба майдони эҷод ҳанӯз дар вақти таҳсил дар мактаби миёна қадам гузошта, нахустин мақолаҳои публисистии вай дар рӯзнома ва маҷаллаҳои ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон нашр шудаанд. Дар мақолаҳои публисистии ӯ бештар масъалаҳои умдатарини таълиму тарбия ва мактабу маориф ба миён гузошта шудаанд. Дар маҷмӯаи илмии “Шарқшиносӣ”, “Донишномаи забон ва адабиёти тоҷики Ӯзбекистони қарни ХХ то кунун”, “Самарқандиён дар Америка” ва “Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад...”, маҷаллаҳои “Зиёкор”, “Ӯзбекистон”, ҳафтавори “Ховар”, рӯзномаҳои “Овози тоҷик” ва “Овози Самарқанд” мақола, тақриз ва тарҷумаҳои Умеда нашр шудааст.

Умеда бо тақозои тақдир чанд муддат бо тадбиркорӣ ва тиҷорат машғул шуда, дар Русия ва Туркия низ кор кардааст. Ӯ бо ҳамсараш Акмалҷон Аҳмадҷонов аз соли 2013 ин ҷониб дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико умр ба сар мебарад. Алъон вай муҳаррири рӯзномаи “Замон таймс” мебошад, ки он дар Ню-Йорк ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ нашр мешавад.

Бархе аз мақолаҳои ӯ ба мавзӯи дӯстии халқҳо, робитаҳои адабӣ, комёбиҳои эҷодкорон бахшида шудаанд. Мақолаҳои илмӣ ва оммавии ӯ дар матбуоти давр ва маҷмӯаҳои дастҷамъӣ дар

Ӯзбекистон, Эрон ва ИМА нашр шудаанд. Як қатор мақолаҳои ӯ, ки дар нашрияҳои Америка ва Ӯзбекистон чоп шудаанд, ба масъалаҳои дӯстӣ ва рафоқати байни халқҳо, мавқеи Самарқанду самарқандиён дар Америка бахшида шудаанд.

* * *

Хидматҳои шоистаи Аслиддин Қамарзода аз ҷониби ҳукумати Ӯзбекистон қадр карда шуда, соли 1992 бо унвони ифтихории "Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон" ва бо нишонҳои "Мустақиллик", "Ифтихории меҳнат" сарфароз шудааст. Инчунин, ӯ бо нишони ҷамъияти умумииттифоқии "Дониш" - "Барои хидматҳои шоиста", борҳо бо ифтихорнома ва ташаккурномаҳои Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Ӯзбекистон, Иттиҳоди рӯзноманигорони Ӯзбекистон, ҳокимиятҳои вилояту шаҳри Самарқанд, маъмурияти Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва ғайра мукофотонида шудаст.

* * *

Дар анҷоми китоби рӯзгор, осор ва гиромидошти соҳибҷашне, ки шаҳсутуни фарҳанги Самарқандро мемонад, ёдрас кардани як нукта ба назари мо салоҳ менамояд. Бо гузашти айём, сипарӣ шудани чандин солҳову даҳсолаҳо шавқу ҳаваси толибилми дирӯза ба соҳаҳои ҷудогонаи бахшҳои гуногуни каломи бадеъ – адабиёти классикӣ, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, адабиёти даврони истиқлол беш аз пеш афзуда, алъон ӯ ба сатҳи баланди адабиётшиносӣ расидааст, бо таълифи васоити таълим ва китобҳои дарсӣ шуғл варзида, ҳамчун вассофи дӯстии халқҳо, ситоишгари адабиётҳои мамолики ҷаҳон шинохта шудааст; дар насли ҷавону донишҷӯёни мактаби олӣ ҳисси меҳанпарастӣ, ватандӯстӣ, хислатҳои наҷиби инсониро парваридааст, дар ташаккули ҷаҳондонӣ, ҷаҳоншиносӣ ва ҷаҳонбинии мардуми Ӯзбекистони соҳибистиқлол ҳиссаи арзанда гузоштааст. На танҳо ин, балки ҳисси масъулият, тезкорию девкорӣ, бидуни ҳамагуна узрхоҳию сабабҷӯӣ корро муддаои табъ ба сомон расонидан – ин ва дигар хислатҳои шоиста Аслиддин Қамарзода - Асилзодаи Самарқандиро дар радифи ҷонсӯзи фарҳангу тамаддани башарӣ гузоштааст. Вай бо гузоришот, мақолот ва рисолаҳои арзишманди худ олами

маънавии мардуми асри сипаришударо бою ғановатманд гардонидааст. Табиист, ки ин ҷиҳати фаъолияти серсоҳаву серпаҳлӯи ӯ барои одамони хушсалиқаву адабпарвари асри XXI низ аз ҳар ваҷҳ созгор хоҳад омад.

Мо ба адиб ва олими маъруф, устод Аслиддин Қамарзода сиҳат-саломатии бардавом, комёбиҳои бузурги илмиву эҷодӣ таманно дорем.

## ЭҲТИРОМ ВА ЭЪЗОЗ

Аз ҷониби олимону адибон ҳамчун шаҳсутуни фарҳанги Самарқанд эътирофу эҳтироми гардидани Аслиддин Қамарзода – Асилзодаи Самарқандӣ низ аз мавқеи хоса ва сазовори эътибору баланд доштани ӯ байни аҳли илму адаб ва маориф мебошад. Дар ин бобат ба ҷуз мақола ва гузоришҳои зиёде, ки дар энсиклопедия ва донишномаҳо, маълумотномаҳо, маҷалла ва рӯзномаҳо дар Ӯзбекистону Тоҷикистон, Русия ва Ирон, Амрико ва Олмон, Чехия ва кишварҳои дигар, ки аз ҷониби олимон, адибон, рӯзноманигорон, кормандони соҳаҳои гуногуни фарҳанг, ҳамкорон ва шогирдон иншо ва нашр шудаанд, оиди паҳлуҳои гуногуни фаълияти устод Аслидин Қамарзода афкори хубу рангин баён карда шудааст, ки номнависи онҳо даҳҳо саҳифаи биобиблиографияи ӯро дар бар гирифтааст ва таҳлилу омӯхтани онҳо худ лоиқи як пажӯҳиши илмист. Мо дар ҷараёни таҳияи ин рисола танҳо аз баъзе ин навиштаҳо ба тариқи манбаъ истифода бурдему халос. Алъон мо барои тасдиқи фикр дар поёни рисола баъзе сатрҳоро аз мактубҳо, тақризу мулоҳизаҳо, шеърҳои шоирон ва соядастҳои онҳо дар китобҳо, ки дар бораи устод гуфтаанд, тақдим мекунем.

## САТРҲО АЗ НОМАҲО

"Мӯҳтарам ва қадрдон Аслиддин Қамарзодаро салом ва ҳурмат! Тӯҳфаи гаронбаҳои наврӯзиатон "Гулдастаи Самарқанд" расид. Бисёр-бисёр ташаккур. Дастагули хушбӯе аз дӯстони самарқандӣ! – Чӣ хуш! – хотири ин ҷонибро шод ва машомамро муаттар сохт. Офарин ба адибони тоҷикзабони самарқандӣ, ки чароғи адабиёти тоҷикро, ки аслан нахустин бор дар он шаҳри

бостонӣ шӯълафишон шуда буд (Устоди Самарқанд – Рӯдакӣ!), фурӯзон медоранд. Ба ояндаи ин "қатрае аз баҳр" ва "фатире аз нӯги хамир" бо чашми умед менигарам…".

***Бо эҳтиром С. Улуғзода***
*ш. Душанбе,1. 03. 1989.*

"Барои китоби "Гулдастаи Самарқанд" ҳазор раҳмат. Хабари нағзро оид ба нависандагону шуарои тоҷики Самарқанд меоред. Камина меҳрубонии Шумо ва рӯзҳои ҳамроҳ дар Самарқанд гузаронидаамонро ҳеҷ вақт фаромӯш намекунам".

***Бо салом дӯсти Шумо Иржи БЕЧКА***
*ш. Прага. 11. 04. 1989.*

"Салом, дӯсти азизам Қамарзода! Аз мақолаи Шумо дар ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" бо номи "Давоми анъанаҳои нек" аз 25 майи соли 1989 хеле хурсанд шудам, зеро ҳамчун ватандӯсти Самарқанд аз муваффақият ва фаъолияти маҳфили "Сайқал" шод мешавам. Ба шумоён боз ҳам муваффақиятҳои шоёни диққат дар бедории миллӣ ва ифтихори ватан ва одамони он орзуҳои нек дорам. Ташаббусҳоятон дар бораи гузоштани муҷассамаи Рӯдакӣ шоёни диққат аст. Вайро ҳамеша самарқандӣ гӯетон, зеро дар тамоми дунё бо "самарқандӣ" машҳур аст…".

***Бо эҳтиром дӯсти Шумо Мирзозодаи Маҳаллатӣ (олими адабиётшинос, профессор Холиқ Мирзозода)***
*26 майи соли 1989, ш. Душанбе.*

"Устоди гиромӣ Аслиддин Қамарзода!

Аввало дуруди беинтиҳои моро аз Вахшонзамини Хатлон бипазиред ва ҳамаи аҳли байт ва кулли маҳфили "Самарқанд"-и қандманд ва ҷамъи ёрон бирасонед. Аз ин ки дидори Шуморо ва дар шахсияти Шумо самарқандиёни аз чашм дуру ба дил наздикро бидидам ва Анҷумани бунёди забон он рӯз шукӯҳи тоза дошт ва билкулл он ба пою қадами Шумо буд, шоду фараҳмандам. Он нутқи гуворову пурэҳтиросе ,ки аз ҷониби вакилони Шумо эрод шуд, алҳол фаромӯшнопазир асту аз оинаи хотир дурнашаванда. Ҳамчунин гузоришҳое, ки дар телевизиону радио бидодед…

Фикр мекунам, ки ин ба ғазои забону фарҳанг даъват карданҳо буд. Ин нидое ё сурӯши африштагони замину осмон буд, ки аз лафзи модар, аз шири модар, аз хоки поки меҳани ниёгон дифоъ бикунем. Мо имрӯз бояд тавъам бошем. Мо бояд ин пайвандию тавъамиро ба халқ, ба фарзандон биёмӯзем. Ва агар ин амалро имрӯз ҷомаи амал напӯшонем, фардо дер хоҳад шуд ва фардоиён нахоҳанд бахшид моро.

Зинда аст имрӯз Кова,
Парчами ӯ даст бар дасте равон аст.
Нест ин парчам, балки Барқи осмон аст,
Хунфишон аст.
Меравад вз дасти тоҷике ба тоҷики дигар,
То Самарқанду Бухоро,
То Хуросону Сиистону Кӯҳистон,
То ба Шероз, Исфаҳон…

Устоди арҷманд! Ҳамчунон ки ваъда буд ва бузургон алваъдатул дайн гуфтаанд, саҳифаи дуввуми "Самарқанд"-ро бифиристед. Ҳар пора, ки дар рӯзнома нашр мешавад, моро бояд сӯи бедорӣ, хештаншиносӣ даъват бикунад. Аз он, ки шеъри "Самарқанд"-и бандаро ба ҳама он норасоӣ ва нокомиҳо ба саҳфаи "Боғишамол" кӯчонидед ва хонандаро огоҳонидед, ташаккур!

Шуморо тани сиххату рӯҳи бузургон хоҳонам.

***Бо дуруду пайғом Саттории Шумо.*** *4. 10. 1989.*

Ба номи Худо.

"Расид мавсими Наврӯзу рӯзгор шукуфта,

Зи хандаи гули лодӣ дили баҳор шукуфта.

Фаро расидани Наврӯзи бостонӣ, ҷашни бузурги табиат ва ҳулули соли нави хуршедро ба Шумо ва хонаводаи мӯҳтараматон табрик гуфта ва аз даргоҳи Худованди мутаол хостори сарафрозӣ ва пирӯзии Шумо дар тамоми арсаҳои зиндагӣ ҳастам.

***Носир Сармади Порсо, Сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

*ш. Душанбе, 18. 03. 2005.*

"Дӯсти арҷманд Аслиддин Қамарзода!

Аз равнақи фаъолияти илмӣ-эҷодиатон шоду масрур гардидам. Паҳлуи тозаи истеъдоди Шумо ("Эъзоз") маро рӯҳбаланд кард. Ҳамаи асарҳоятон шоистаи мутолиа мебошанд ва аз қироаташ кас ҳаловат мебарад. Аз ин лиҳоз изҳори ташаккур мекунам….

***Иродатманд профессор Атахон Сайфуллоев***

*ш.Хӯҷанд, 28. 03. 2005.*

Азизи ҳамдил Аслиддин Қамарзода!

Қудуми Фарвардини лабрез аз шукуфтанҳову болиданҳо ва нуру сурур, ки ҳуҷастпайке аз Наврӯз-ҷашни бузурги ниёконамон медиҳад, ба остони хонадони шумо муборак бошад. Сарбаландӣ ва сарсабзии ҳамешагӣ бароятон таманно дорам.

***Ҳамза Камол, сардабири маҷаллаи "Фарҳанг"***

*ш. Душанбе, 18 марти соли 2005.*

Мӯҳтарам Аслиддин Қамарзода!

Зуҳури ҳумоюни Наврӯзи ҷаҳонафрӯз ва дилафрӯз дар макону равони Шумо муборак бод!

Бароятон ба имдоди дамидани сабзаҳо фаррухрӯзӣ, ба шафоати шукуфтани ғунчаҳо хушбахтӣ, ба андозаи паҳноварии бӯстонҳо сиҳатӣ, ба шукӯҳ ва назокати нағмапардозии мурғони чаман файзу парвози баланди эҷодӣ тамано дорам.

Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад,
Ҷашни фархундаву фирӯз муборак бошад!

***Посдори эҳтироми Шумо Меҳмон Бахтӣ,***
***раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.***

*шаҳри Душанбе, 20 марти соли 2009.*

Фаъолияти серсоҳаи илмӣ-адабии Устод Аслиддин Қамарзодаро публисисти шинохтаи тоҷик Одили Нозир ба тариқи тезисҳо чунин баён кардааст:

1. Аслиддин Қамарзода мубаллиғи адабиёти тоҷик, махсусан ҳавзаи Ӯзбекистон ҳастанд.
2. Аслиддин Қамарзода пуштибони тоҷикони Ӯзбекистон ҳастанд.
3. Профессор Аслиддин Қамарзода олими пурмаҳсул ҳастанд.

4. Аслиддин Қамарзода яке аз сутунҳои маорифи тоҷикзабони Ӯзбекистон ҳастанд.

5. Аслиддин Қамарзода пули устувори равобити фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошанд.

6. Аслиддин Қамарзода устоди журналистони Самарқанд ҳастанд.

7. Пайванд бо яҳудиёни Бухоро.

8. Устод Аслиддин Қамарзода шоиру нависанда ва тарҷумон низ ҳастанд.

Ҳақ бо ҷониби шоир Муҳаммад Алӣ Нуралӣ аст, оиди ин бандаи ҳақир гуфтааст:

Ҳар он, к-ӯ Асли динро бохабар шуд,
Ниҳоли бесамар буд, борвар шуд.
Ҳар он, к-ӯ илмро дарёфт бо дин,
Агар истора буд, Шамсу Қамар шуд.

Асли динро аҳли дин аз ёд бурд,
Аҳли дин аз асли дин иршод бурд.
Гуфт Ҳофиз: Шӯри ин даври Қамар,
Атри гул аз боғи чаман бод бурд.[24]

***Одили НОЗИР, адиб ва публисисти тоҷик***

*Душанбе, 25 январи соли 2021*

Ин тезисҳои журналисти ҳозирҷавобро гуфтаҳои олимону ашъори адибон ва соядастҳое, ки дар китобҳояшон навишта ба устод тақдим кардаанд, тасдиқ менамоянд, ки мо гулчини онҳоро пешкаши хонандагони нозукбин ва аҳли адабу фарҳанг менамоем.

## ДАР ТАВСИФИ ФАЪОЛИЯТИ СЕРСОҲАИ АСЛИДДИН ҚАМАРЗОДА

“Аслиддин Қамарзода тожик, ўзбек ва рус тилларида маърузалар ўқиш ва илмий асарлар яратиш каби ажойиб фазилат эгаси ва юксак ташкилотчилик маҳорати соҳиби сифатида жамоатчиликка танилган умидбахш олим ва педагог. У ўзининг

[24] Саҳифаи “Адибони тоҷик ва дӯстдорони адаб”-и интернет 25.01.2021

камтарлиги, хушмуомалалиги, ҳамкасблари ва талабаларга меҳрибонлиги, унга ишониб топшириладиган ҳар қандай вазифани ҳозиржавоблик ва сидқидилдан бажариши туфайли дорилфунун профессор-ўқитувчилари ва талабалари ўртасида юксак обрў-эътиборга эга”.

***Нуриддин Шукуров, профессор, Ўзбекистон Ёзувчилар уюшмасининг аъзоси, Ўзбекистонда хизмат кўрсатган фан арбоби***

*Самарқанд. 25 11. 1992 й.*

"Ман дар шахсияти Аслиддин Қамарзода донишманд ва эҷодкори серғайрату пухтакорро мебинам. Ӯ ба бисёр соҳаҳои маърифату фарҳанг дахолат карда хомаронӣ мекунад. Дар навиштаҳои Аслиддин Қамарзода хоҳ хурду хоҳ калон бошанд, муаммоҳои умдатарини рӯз ва арзишҳои миллӣ пайваста бо пос доштани дӯстиву равобити байни халқу миллатҳо ба қалам дода мешаванд".

***Садрӣ Саъдиев, доктори илми филология, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд.***

*Самарқанд, 2.02.2004*

“Аслиддин Қамарзода дар рӯҳи афкори башардӯстонаи адибони гузаштаамон тарбия ёфтааст ва худ мисоли доро будан ба хислатҳои хуҷастаи инсонӣ ва сифати ҳамидаи ахлоқӣ аст. Устоди мушфиқу меҳрубон аз ҳама меҳру муҳаббат, инсондӯстӣ, хоксориву фурӯтанӣ, ҳалимӣ ва маданияти баландро вазифаи асосии худ мешуморад…"

***Малика Ҷӯрабекова ва боз 14 нафар ҳунарпешагони театри миллии "Гаҳвора".***

*(Аз "Номаи табрикӣ" ба муносибати 50-солагии А. Қамарзода, "Боғишамол", январи соли 1991).*

"Ман мақолаҳои Аслиддин Қамарзодаро бо завқ мехонам. Зеро ӯ вобаста ба мавзӯи таҳти назар калимаю ибора ва ифодаҳоро заргарона интихоб карда, бамавқеъ истифода мебарад. Дар натиҷа услубу иншои ӯ инъикоси мазмунро зебу зинат бахшида ҷолиби диққат менамояд. Ҳар як ҷумла ва таркибҳои он ба алоҳидагӣ дар худ маъное дорад, ба истило: ҳамафаҳманд. Дар мақолаҳои ӯ

сарлавҳа худ зебандаю ҷаззоб, ифодагару инъикоскунандаи маънианд…"

***Маъруф Отахонзода, Журналисти шоистаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

*(Аз мақолаи "Забон ва замон", "Овози тоҷик", 5 феврали соли 2003).*

## ТАВСИФИ АСЛИДДИН ҚАМАРЗОДА ДАР ШЕЪРИ ШОИРОН

Тавре дар боло ишора рафт, дар бораи сифат ва фазилатҳои хосаи устод Аслиддин Қамарзода аз ҷониби шоирон бисёр шеърҳо гуфта шудааст. Ҳоло гулчине аз шеърҳоро дар тавсифи устод меорем, ки дар онҳо низ сифатҳои ӯ аз ҷониби дӯстони шоираш бо самимияти хоса баён шудааст:

**Исмоил ЗАРИФӢ**

### АХТАРИ ФУРӮЗОНӢ[25]

Ахтари фурӯзонӣ, Аслиддин Қамарзода,
Офтоби тобонӣ, Аслиддин Қамарзода

Олими тавоноӣ, раҳнаварди фардоӣ,
Пурсахо чу дарёӣ, Аслиддин Қамарзода.

Нахли пурсамар ҳастӣ, ганҷу кони зар ҳастӣ,
Марди муътабар ҳастӣ, Аслиддин Қамарзода.

Гавҳари Самарқандӣ, тоҷики барӯмандӣ,
Шаҳду шаккару қандӣ, Аслиддин Қамарзода.

Хушсиришту яктоӣ, чашмаи мусаффоӣ,
Зеби маҳфили моӣ, Аслиддин Қамарзода.

[25] "Суханварони Зарафшон", Нашриёти "Ирфон", Душанбе, 2019, саҳ. 164

Гавҳарию ноёбӣ, баҳри ташнагон обӣ,
Нурфишон чу маҳтобӣ, Аслиддин Қамарзода.

Аз каломи зебоят, гул намуда маъвоят,
Қалби мухлисон ҷоят, Аслиддин Қамарзода.

Дӯстдори Хайёмӣ, хушгувор чу Ҷомӣ,
Ифтихори айёмӣ, Аслиддин Қамарзода.

*Панҷакент, ноябри 2018*

**Асад Гулзодаи БУХОРОЙ**

## САНОХОН ШУД САМАРҚАНД[26]

*(Ба муносибати 70-солагии Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон, узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, пофессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Аслиддин Қамарзода)*

Баланд гардид суруди булбулонаш,
Зи "Гулдаста" гулистон шуд Самарқанд.

Шунидастам, ки бӯстон шуд Самарқанд,
Ба ҷисми рафтагон ҷон шуд Самарқанд.

Ки олам аз навояш бохабар шуд,
Ба шеъру шоирӣ кон шуд Самарқанд.

"Гулистони адаб" омад ба олам,
Ба ҳукми маърифат хон шуд Самарқанд.

Кунун моро шинохт аҳли замона,
Ба ҳар дида намоён шуд Самарқанд.

Зи ҳар ҳарфу ҳиҷояш панд резад,
Ба Аслиддин санохон шуд Самарқанд.

[25] Асад Гулзодаи Бухорой, “Куллиёт” ҷилди 3, Тошкент, 2019, саҳифаи 208

Миёни олимон аллома гаштаст,
Зи илмаш кавкабистон шуд Самарқанд.

*Бухоро-Самарқанд, 26 майи соли 2011*

**Салим КЕНҶА**

## МАНУ АСЛӢ[27]

*(Ба 70-солагии зодрӯзи Аслиддин Қамарзода)*
*Ду раҳсозему раҳпаймо, ману дарё, ману дарё,*
*Ду ҳамроҳему ду танҳо, ману дарё, ману дарё.*
***Лоиқ Шералӣ***

Ду мавлоему ду мулло, ману Аслӣ, ману Аслӣ,
Ду устодони СамДУ мо, ману Аслӣ, ману Аслӣ.

Яке аз Шалғамону дигар аз Мӯлиён ҳастем,
Зи назди Даштакибобо, ману Аслӣ, ману Аслӣ.

Ба дунё вай ба дай омад, баҳорон омадам банда,
Яке сармо, дигар гармо, ману Аслӣ, ману Аслӣ.

Ба ҳафтод ӯ расид ин дам, зи ӯ ним даҳ зиёдам ман,
Намеафтем мо аз по, ману Аслӣ, ману Аслӣ.

Бувад ӯ тарҷумон, носир, манам нимносири шоир,
Дабири телерадио, ману Аслӣ, ману Аслӣ.

Ду Маҷнунему ду Фарҳод, гаҳе шодему гаҳе ношод,
Зи ишқи Ширину Лайло, ману Аслӣ, ману Аслӣ.

"Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо",
Ки Ҳофиз баҳри мо гуфто, ману Аслӣ, ману Аслӣ.

---

[27] *Салим Кенҷа, "Умри гул", Нашриёти "Муҳаррир", Тошканд, 2011, саҳифаи 53.*

Дуи мо ошиқи гулҳо, дуи мо ҳамчу булбулҳо,
Гузаштем аз басе пулҳо, ману Аслӣ, ману Аслӣ.

Гаҳе ҳушёру гаҳ мастем, ба ёрон сахт дил бастем,
Нахӯрдем мо ғами дунё, ману Аслӣ, ману Аслӣ.

Ду кас аз якта маҳфил мо, зи як обу зи як гил мо,
Ки якрӯю якдил мо, ману Аслӣ, ману Аслӣ.

**Саттор АҲРОРӢ**

## МУВАШШАҲ ДАР ҲОШИЯИ "ГУЛДАСТАИ САМАРҚАНД"

*(Дар таърифи мураттиби китоб Аслиддин Қамарзода)*

Агар хоки сияҳ гирӣ, ба дастат симу зар гардад,
Агар сангреза чинӣ қимматаш лаълу гуҳар гардад.

Сафои зиндагонии туро ҳар рӯз байрам бод!
Муроди гулшанат афзоиши гулҳои тар гардад.

Латофатҳои боғи заҳматат "гулдаста" пайдо кард,
Ки бӯяш бар димоғи аҳли гул чун мушки тар гардад.

Иборатҳои аҳли хушназар болонишин дорад,
Мисе, ки меҳнати кимёгаре дид, симу зар гардад.

Дуои лафзи шеъролуди хушбӯям ҳадиси Ҳақ,
Касеро мефиристам ӯ азизу муътабар гардад.

Илоҳо, мансабу бахтат ривоҷу ҷилвагар бошад,
Рақибонат ба зери пойи ту зеру забар гардад.

Насими мақсадат нашъу намои миллати тоҷик,
Паи афъоли хушбӯят худо соҳибназар гардад.

Самарқанд, 14 апрели соли 1989

**Сирожиддин ЯНГИБОЕВ**

## ПОКИЗАТИНАТ ИНСОН[28]

*(Устозим Аслиддин Қамарзодага
мувашшаҳи муламмаъ)*

**А**ссалом! Эй нуктадони содиқи ҳар илму фан,
**С**изга таъзим, юз тасанно минг марта ҳам.
**Л**аззати ин пурзиёӣ, фикрати нек бар Ватан,
**И**ншооллоҳ, нур таратгай, яйратиб ҳар жону тан.

"**Д**ил ба ёру даст ба кор аст" доимо Сизга шиор,
**Д**едилар устозлар, ҳам шоирони дил ба даст.
**И**нкишофи оламу одам бифаҳмондед ба мо,
**Н**ек ўгит айтдингиз дилларга етказмай шикаст.

**Қ**атра-қатра кам намуда риштаи умру ҳаёт,
**А**ста-секин Ўргатиб ҳам одамийлик, ҳам сабот.
**М**еҳнату мардонагӣ, илло, Шуморо дод начот.
**А**слӣ усто-асл дӯст, Сиз, бердингиз бизга қанот.

**Р**аҳмату минг марҳамат, яздон диҳад кулли сиҳат,
**З**еҳнингиз покиза, тоза қалбингиз, аъло сийрат.
**О**дами покизатинат, дилкашу пурхосият,
**Д**ӯстпараст, ҳамиятли, дилхушу зебосифат.

[28] Сирожиддин. “Дилнома”. “Turon zamin ziyo” нашриёти, Тошкент 2015, саҳ. 14.

**Абдуҷалол ҚУРБОНОВ,**
*деҳаи Боғучорбоғи ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё.*

*Ба устоди олиқадр, фарзанди баруманди миллат, адиби шинохта, мутарҷим ва муаррих Аслиддин Қамарзода*[29]

Хизрро нури назар гардидаӣ,
Миллати моро Падар гардидаӣ.

Ҳеҷ субҳе мисли ту равшан набуд,
Шоми моро ту Қамар гардидаӣ.

Гашта обод мазраи миллат зи ту,
Киштаи моро самар гардидаӣ.

Сар ба савдои сухан афкандаӣ,
Баҳри маъниро гуҳар гардидаӣ

Ҳар куҷо хайрест, бешак, номи туст,
З-ин сабаб ту номвар гардидаӣ

Дар набарди шеъру танзими сухан,
Садри маҷлис чун забар гардидаӣ.

Пешвоӣ, мӯшикофӣ - пешаат,
Нобиноёнро басар гардидаӣ.

[29]Аз саҳифаи Фейсбуки интернет, 18 июни соли 2023

# СУХАНОНИ ПУРМЕҲР ДАР СОЯДАСТҲО

Дар китобхонаи Аслиддин Қамарзода беш аз 500 адад китобҳо ҳастанд, ки аз ҷониби муаллифон - олимон, адибон, инчунин дӯстон ва шогирдони устод бо соядаст тақдим шудаанд. Дар ин соядастҳо низ меҳру садоқати онҳо нисбат ба илму фарҳанг ва маърифати волои устод бо самимият баён шудааст. Аз ҷумла:

Дар китоби аз Котиби Иттифоқи нависандагони СССР Шавкат Ниёзӣ тақдимшуда (“Справочник Союза писателей ССР”, Москва “Советский писатель”, 1981):

*Бародари азиз Аслиддини ҷон, Аслиддин асли Самарқандӣ! Илоҳо умратон баробари умри Самарқанд ҷовид бодо! Муваффақияти Шумо аз муваффақиятҳои ҳаштуним ҳазор нависандагоне, ки дар ин рӯйхатнома сабт шудааст, зиёд бодо!*

*Бо садоқат Шавкат Ниёзӣ!*

*26. 05. 84. Самарқанд.*

Дар китоби Айн Каалеп “Земные пейзажи” (“Советский писатель”, Москва, 1976):

*Дорогому другу Аслиддину Камарову в знак глубокой благодарности за прекрасные дни в Самарканде.*

*Айн Каалеп (Айнал Қалб), 21. 07. 1978, Таллин.*

Дар китоби Бегмырат Уссаев “Айланайин адыедан” (Гешгулар, “Туркманистан” нашрияты, Ашгабат, 1980):

*Дорогому другу, колегу Аслиддин Камарову от автора в знак дружбы.*

*Бегмырат 13.04.1984, г. Ашхабад.*

Дар китоби Лоиқ “Вараҷи санг” (Нашриёти “Ирфон”, Душанбе, 1980):

*Ба бародари хирадмандам Аслиддин, ба умеди он, ки асли ихлосу имони мо дар Самарқанди қандманд бошанд.*

*Бо иродат Лоиқ Шералӣ.*

*26.05.84 Самарқанд.*

Дар китоби Р. Бикмухаметов “Орбиты взаимодействия” (Монография, Моска “Советский писатель”, 1983):

*Дорогому Аслиддину Камаровичу Камарову чудесному человеку, талантливому литературоведу с уважением и искренной признательностью*

*Роберт Бикмухаметов, 25. 12. 1984, Москва.*

Дар китоби Ж. Усмонов. “Заҳматли умрнинг зарҳал саҳифалари” (Ӯзбекистон ССР “ФАН” нашриёти, Тошкент, 1983):

*Дӯстим Аслиддин, ҳаёт йӯлингизни зарҳал саҳифалар безаб турсин. Камоли эҳтиром ила*

*Ж. Усмонов, 22.ХП.1985, Тошкент.*

Дар китоби “Духовенство и политическая жизнь на ближнем и среднем Востоке в период феодализма" (Издательство "Наука". Главная редакция восточной литературы, Москва 1985):

*Дорогому Аслиддину Камарову на добрую память с лучшими пожеланиями.*

*А. Болдырев, 1 февраля 1986 г. Ленинград.*

Дар китоби Ким Селихов “Необъявленная война” (Роман-газета. Издание Госкомиздата СССР, №24 (1030) 1985 Москва):

*Барои аҳли хонадони дӯсти қадрдонам Аслиддин як барги сабзе аз муаллифи китоб*

*Ким Селихов, 25. 02. 1986, Самарқанд.*

Дар китоби Турсынбек Какишев "Дауир дидары", (“На гребне времени”- Статьи и исследоания о путях развития казахской советской литературы на казахском языке, Алматы ,“Жазушы”, 1985):

*Моему дорогому Аслиддину Самаркандскому. Самарканд – всемирно известный город. Но наша Алма-Ата нисколько не уступает другим великим городам, о чем то убедился сам. Давай будем участвовать связь между городами и людьми, как ты, Рахим Раджабович и хорошие братья.*

*Обнимаю Турсинбек, 16. 04. 1986, Алма-Ата.*

Дар китоби Азильхан Нуршаихов “Дорогой памяти”. (Роман диалог. Авторизованный перевод с казахского Татьяны Сартаковой, Москва “Советский писатель”, 1985):

*Дорогому другу, брату Аслиддину Камарову от участника Великой Отечественной войны с глубоким уважением*

*А. Нуршеихов, 16 апреля 1986 года. Алма-Ата, 72, ул Курмангазы, 30, кв. 28.*

Дар китоби Адаш Истад “Баъди ҳазор сол” (Нашриёти “Ирфон”, Душанбе, 1987):

*Ба домуло Аслиддин Қамаров - ҳомию фидокори маданияти тоҷик дар Самарқанд!*

*Бо камоли эҳтиром аз Адаш Истад, ки некиҳояшонро фаромӯш нахоҳад кард!*

*Адаш Истад 15.05.87. ш. Душанбе.*

Дар китоби Атаджан Таган “Чужой”. Повести и рассказы (Москва "Советский писатель", 1986):

*Дорогому Аслиддину и его домогадцам с чувством глубокого уважения.*

*А. Таган. 27 мая 1987 г. Самарканд.*

Дар китоби Бойхӯроз Маматкулов “Кулги – шифо” (Ибн Сино номидаги нашриёт. Тошкент 1990):

*Ҳурматли Аслиддин ака! Ушбу илк таржималар мажмуасини Сиз камтар ва зукко инсонга тақдим қиларканман, ӯзимни бахтиёр деб ҳисоблайман. Ҳар доим кӯзингизга нур, қалбингизда меҳр-муҳаббат, юзингшзда табассум балқиб турсин, деб*

*Муаллиф Б. Маматқулов 26. 04.1991, Самарқанд.*

Дар китоби Нусрат Раҳмат “Сӯқмоқлар ва сабоқлар” (Тошкент, “Камалак”, 1991):

*Курашларда ҳамиша ғолиб дӯстим Аслиддин Қамарга.*

*Р. Нусрат декабр 1991. Тошкент.*

Дар китоби Акбар Пирӯзӣ “Тӯфони дил” (Шӯъбаи Самарқандии нашриёти “Адабиёт ва санъат”-и ба номи Ғафур Ғулом, Самарқанд, 1991):

*Барои Аслиддин Қамарзода, ташаббускори нашри маҷмӯаи мазкур. Барои он, ки “кошонаи мо ба тороҷи ғамон наравад” дилсӯзон ва роавшанфикрони миллат бояд рӯҳбаланд ва мубориз бошанд.*

*Акбар Пирӯзӣ, 2 феврали соли 1992, Самарқанд.*

Дар китоби профессор Ҳасан Қудратуллоев “Навоийнинг адабий-эстетик олами” (Навоийга армуғон, Тошкент, Ғафур Ғулом номидаги Нашриёт-матбаа бирлашмаси, 1991):

*Ба олими маъруф, пешвои тоҷикони Мовароуннаҳр Аслӣ Қамар сиҳатӣ, барори кор хоста.*

*Муаллиф, 20.04. 1992, Самарқанд.*

Дар китоби М.М. Абрамов “Тазкираи адабиёти яҳудиёни Бухороӣ (Аз охири асри IX то аввали асри XX, Нашриёти “Суғдиён”, Самарқанд, 1997):

*Ба дӯсти кироми – Инсони ҳақиқии халқпарвар, дотсент Аслиддин Қамарзодаи Самарқандӣ.*

*М. Абрамов, 9. 08. 1998, Самарқанд.*

Дар китоби Давлатшоҳи Тоҳирӣ “Рухшона” (Романи таърихӣ, Хӯҷанд, 1999):

*Ба устодам Аслиддин Қамарзода! Сарбаландии суғдиёну бузургони воҳаи рӯди Суғдро ба Шумо таманно дорам.*

*Бо эҳтиром муаллиф Давлатшоҳ 20.12. 2002, Панҷакент.*

Дар китоби Ато Мирхоҷаи Нерӯ “Ишқ ва ашк” (Душанбе, нашриёти “Нодир”, 2003):

*Тақдим ба устоди азиз, посбони оташи буроташи фарҳанги тоҷикӣ дар Самарқанди сайқали рӯи замин Аслиддин Қамаров.*

*Аз муаллиф Ато Мирхоҷа 1.04.2004 Хӯҷанд.*

Дар китоби Наримон Бақозода “Дунё ба умеди ман” (Нашриёти “Адиб”, Душанбе, 2005):

*Ба донишманди номӣ ва муҳаққиқи шоистаи адабиёту фарҳанги тоҷик – бародарам Аслиддин Қамарзода бо ихлосу эҳтиром чун барги сабзе аз муаллиф Н. Бақозода, январи соли 2006, Самарқанд.*

Дар китоби “Тазкира - Антология Музакир-ул-асхаб Мухаммадбади Малиха Самарканди (XVII век)” -“Tazkirat al shuara of Maliha Samarqandi”. Тазкираи Музакир-ал- аҳбоб ё Тазкират ул шуарои Малеҳои Самарқандӣ (Научно-критический текст на основе четырех основных источников и вводная статья Камалиддина Садриддинзода Айни, Тегеран, 1905):

*Тақдим ба муҳаққиқи зуллисонайни хушбаён, дӯстамон Қамарзода Аслиддин.*

*Камолиддин Айнӣ 19.05.2007. Душанбе.*

Дар китоби Зоҳир Ҳасанзода “Зафар” (Қисса, Тошканд, “Янги аср авлоди”, 2009):

*Ба устоди азизу кироми, фарзанди асили миллат, ҷоннисори забони модарӣ Аслиддин Қамарзода бо ниятҳои нек аз муаллиф.*

*З. Ҳасанзода, 11.07.2009, Самарқанд.*

Дар китоби Ӯлмас Саъдӣ Ёқубзода “Андиҷонинома” (Нашриёти “Муҳаррир”, Тошканд, 2010):

*Ба адиби ширинбаёни нуктадон, соҳиби илму фарҳанги замон, марди бомаърифату камтарини хонадон, марди иззатманд Аслиддин Қамарзода. Бо камоли эҳтиром аз муаллиф*

*Ӯлмас Саъдӣ Ёқубзода, 08. 04. 2011 Самарқанд.*

Дар китоби Абдусалом Самадов “Пайвандҳои дӯстӣ ва адабӣ” (Нашриёти “Муҳаррир”, Тошканд, 2012):

*Барои устод, адабиётшинос ва адиби соҳибқалам Аслиддин Қамарзода, ки хизматҳояшон дар таҳқиқи робитаҳои адабӣ калон аст, бо изҳори эҳтиром ва садоқати шогирдона.*

*Аз муаллиф А. Самадов. 6.07. 2012. Самарқанд.*

Дар китоби "Аслҳо ва наслҳо" (Душанбе, нашриёти “Энсиклопедияи миллии тоҷик”, 2013):

*Ба Аслиддин Қамарзодаи Самарқандӣ бо арзи сипос аз муаллиф.*

*Мешунидам, ки марди майдонед,*
*Чун бидидам, ҳазор чандонед.*
*Аз мусанниф ва мураттиб Нарзиқул Обидов*
*5 июни сол 2014. (Рӯзи ҷашни 100-солагии Фотеҳ Ниёзӣ) Душанбе*

Дар китоби Баҳодир Убайдуллаевич Раҳмонов “Инсон руҳий-маънавий ӯз-ӯзини ташкиллаштиришнинг фалсафий илдизлари” (Синергетик таҳлил, Самарқанд, 2015):

*Устод Аслиддин Қамарзода! Ҳамеша фикру андешаи баланди Шумо бо ташаббускориатон ба мо ибрат аст.. Дар роҳи худшиносӣ музаффар бошед.*

*Бо эҳтиром муаллиф Б. Раҳмонов, 26.01.2015, Самарқанд.*

Дар китоби Дилрабо Насимӣ “Маро ба мактабат бар” (Шеър ва ҳикояҳо барои бачаҳои синни хурди мактабӣ, Тошканд “Турон замин зиё”, 2015):

*То тифл хонаду соҳибҳунар шавад,*
*Устоди меҳрубони ӯ хуни ҷигар шавад.*
*Китоб ба эҳтироми ҳамаи он заҳмати маориф ба устод Аслиддин Қамарзода армуғон гардид.*

*Бо эҳтиром Дилрабо, 16.02. 2015 Самарқанд.*

Дар китоби “Сапедадам” (Намунаи осори қаламкашони Ангрен, Тошканд, “Янги нашр”, 2014):

*Ба устоди донишманд ва шефтаи илму адаб Аслиддин Қамарзода чун арзи эҳтиром аз номи маҳфили “Сапедадам” тақдим менамоям*

*Шӯҳрат Furthermore Бобоҷонов, апрели соли 2015, Ангрен.*

Дар китоби Михоэл Завул “Муноҷот” (Маҷмӯаи шеърҳо, ҳикояҳо, Ню-Йорк, 1999):

*Ба рафиқи мӯҳтарам Аслиддин Қамарзода ҳамчун рамзи ҳурмат ва дӯстӣ аз муаллифи китоб Михоэл Завул.*

*24 июли слди 2015, ш. Ню-Йорк.*

Дар китоби Абдусалом Самадов “Зикри хайр” (Нашриёти “Ноширлик ёғдуси”, Тошканд, 2018):

*Ба устоди азизам, шаҳсутуни илму фарҳанги Самарқанди бостонӣ Аслиддин Қамарзода бо ихлос, эҳтиром ва самимият аз шогирд.*

*А. Самадов, 29 сентябри соли 2018, Самарқанд.*

Дар китоби Абдуҷаббор Раҳмонзода “Пешвои хирадсолор” (Нашриёти “Ношир”, Хӯҷанд, 2021):

*Ба устоди азиз Аслиддин Қамарзода аз муаллиф бо арзи эҳтиром тақдим мешавад.*

*Бо эҳтиром А. Раҳмонзода 04.10. 2021 ш. Тошканд.*

Дар китоби Муайяна Хӯҷаева “Бӯстони меҳр” (“Турон нашр”, Самарқанд, 2021):

*Ба дӯсти гиромиқадрам, ҷонсӯзи миллату фарҳанг Аслиддин Қамарзода тамоми хушиҳои ҳаётро таманно гуфта ин китобро тақдим менамоям.*

*М. Хӯҷаева, 23. 02. 2022, Самарқанд.*

Дар китоби Баҳор Хуррамзод “Ёди падари омӯзгор” (Самарқанд, 2019):

*Эҳдо ба Устоди хирадманду донишмандам Аслиддин Қамарзода бо арзи эҳтироми беандоза ва сипосгузории бениҳоят! Бузургӣ ва қадршиносӣ, фарҳанги воло ва пуркории шумо боиси ифтихори мост! Саломат бошед ва монда набошед, Устоди арҷманд!!! Ташаккур!!!*

*Бо самимият Баҳор Хуррамзод, 17.07. 2019, Самарқанд.*

Дар китоби Раънои Зоирдухт “Тифли таманно” (Душанбе “ЭР-граф”, 2022):

*Мо бода мекашем зи рагҳои ҷони шаб,*
*Як ҷуръа аз пиёлаи табъам чашиданаст-*

*Ба фарзанди баруманди сарзамини нангу номус, эҳтиромгузори таъриху тамаддуни беш аз 8000-солаи миллати тоҷик, номбардори фарҳанги оламшумули форсстаборон, марди хирадсолори таърихии мо Устоди беназири ҳазорҳо шогирдони хештаншинос Устод Аслиддин Қамарзода ваҷҳи хотира.*

*Раъно 15.08. 2022. Истаравшан.*

Дар китоби Валиҷон Акбарӣ “Гулбоғи мухаммас” (Душанбе, “Истеъдод”, 2022):

*Ба дӯсти гаронқадр ва донишвари мумтоз, устоди муаззам Аслиддин Қамарзода бо таманнои хушиҳои зиндагиашон эҳдо шуд.*

*Бо ихлоси хоса Акбарӣ. 19. 08 22. Истаравшан.*

Дар китоби Нусрат Раҳмат “Жадид” (“Ноширлик ёғдуси” нашриёти, Тошкент, 2020):

*Ба ҷонсӯзи миллат, эҷодкори заҳматкаш Аслиддин Қамарзода аз таҳти дил.*

*Нусрат Раҳмат, 15. 03. 2023, Самарқанд.*

## БА ҶОЙИ ХОТИМА

Дар поёни китоб лозим донистем ин манзумаи устодро, ки ҳамчун ҳисобот худ ба худ навиштааст, оварем. Он ҳамчун хулосаи гуфторҳо оиди рӯзгор ва осори устод мебошад. Ҳарчанд ин навистаҳо дар роҳи тайкардаи устод хӯшае аз хирман аст.

## ХУД БА ХУД[30]

*(Мувашшаҳ ба номи Аслиддин Қамарзода – Асилзодаи Самарқандӣ ба шарафи ҳаштодсолагии зодрӯзаш)*

**А**силзода ҳастӣ - ту пури Қамар,
**С**амарқандиаслӣ, дилат пуршарар.

**Л**атофат туро модари меҳрубон,
**И**лоҳо, бувад дар биҳишташ макон.

**Д**удаста дари илм во кардаӣ,
**Д**или худ ба гулгашт ҷо кардаӣ.

[30] *Самарқанд, 26-уми январи соли 2011, Таҳрири нав 10-уми декабри соли 2019.*

**И**лоҳо, саодат қарини ту бод,
**Н**азар кун, ки Насриддин онро кушод.

**Қ**аламу дафтарат ба каф монда,
**А**ламатро зи дил бурун ронда.

**М**асти дидори ҳамдигар буден,
**А**бри хушбори босамар буден.

**Р**ӯзу шабҳо нахуфтаӣ бисёр,
**З**инаҳо тай намудаӣ, эй ёр.

**О**лиму шоири накӯкорӣ,
**Д**афтари ишқро сазоворӣ.

**А**з ҳунармандӣ сахт хушҳолӣ,
**А**дабистони шавқро болӣ.

**С**олҳо рафту ту ба ҳаштодӣ,
**И**н қадар бас, ки ту наяфтодӣ.

**Л**утфи Ҳақ гар туро ба сар борад,
**З**ина- зина ба соли сад орад.

**О**лими дилпазиру марғубӣ,
**Д**ар маҳофил ҳамеша маҳбубӣ.

## ҲИСОБОТ

Ним шоир ҳастию ним олимӣ,
Тарҷумонӣ, бар дили худ ҳокимӣ.

Менависӣ гоҳ-гоҳе шеъри тар,
Ҳастӣ дар таҳрир марди мӯътабар.

Журналисти содиқӣ баҳри Ватан,
Гул кунад аз ту басе нахли сухан.

Устоду нотиқи ширинзабон,
Бигзарӣ ту аз тамоми имтиҳон.

Гаҳ сухан гӯӣ ту андар радио,
Гоҳ ой бар Садою бар Симо.

Гоҳ андар Тирмизӣ, гоҳ дар Хӯҷанд,
Ними умрат меравад дар Тошканд.

Бо Душанбеи ҷавон ҳастӣ яқин,
Мисли ту фарде набошад дар замин.

Гоҳ бинӣ Амрикои нозанин,
Гоҳ гардӣ бо бузургон ҳамнишин.

Аз Самарқанд нестӣ ҳаргиз ҷудо,
Чунки бахшад бар дилат нури сафо.

Гӯӣ дар васфаш ту шеъру достон,
Табъи ту волост чун оби равон.

Мондагиро ҳис насозӣ ҳеҷ гоҳ,
Мебарӣ то синни сад албатта роҳ.

Бо ҳама мардум ту ҳастӣ меҳрубон,
Дӯст медорад туро хурду калон.

Ҳамчу ахтар дар фазои Шалғамон,
Аслиддин ибни Қамар ҷовид мон!

# АНҶОМ

Хубии шаҳри Самарқандро бубин,
Чун арӯсе ҷилва дорад дар замин.
Нест чун ӯ шаҳри зебои дигар,
Нест шаҳри оламорои дигар.
Дар латофат ҳаст чун хулди барин,
Бошад он чун ҷаннати рӯйи замин.
Мардумаш меҳмоннавозу номдор,
Хубияш бошад дар олам бешумор.
Боғҳояш дилнишину дилбаранд,
Ин мадорисҳо беҳ аз кони заранд.
Шоирон васфаш намуданд бешумор,
Монд дар девони олам ёдгор.
Гуфтаам авсофи шаҳру халқи он,
Ҷони одам бошад ҳар пиру ҷавон.
Ин китоб аз батни ҷон тавлид шуд,
Ҳамрадифи суру ҷашну ид шуд.
Як даме хонандаам бо ман нишин,
Заҳмати манро ба ҳар сатраш бубин.
Дӯстам, барбод додам хобро,
То ба ту орам дури ноёбро.
Мӯҳтарам хонандаам, маъзур дор,
Саҳв ар кардам ба шеъри обдор.
Чанд соле буд мекардам шитоб,
То нависам баҳри ёрон ин китоб.
Кардам андар Амрико оғози кор,
Хостам бар хештан авҷу барор.
Ёварам Умеда, Акмал, эй кибор,
Маслиҳатгар Сайфӣ, Мансур, Шаҳриёр.
Шуд китоб омодаи чопи нахуст,
Бошад ин Аслӣ Қамар ҳам тандуруст...

# ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ

***Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмиву эҷодии олим, адиб, тарҷумон ва журналист Аслиддин Қамарзода дар як қатор китобҳои олимон ва адибон, донишнома ва маҷаллаю рӯзномаҳо мақолаю гузоришҳо нашр шудаанд, ки мо ин ҷо бархе аз онҳоро овардем.***

1. Iirj Becka, Praha. Tajik Studies in Samarkand. Archiv orientalni, 4 volume 44/ 1976.

2. Шаропов Н.А., Баласанова Т.А. Лектор – методист. Подготовлен по решению НМС пропаганды художественной культуры при Правлении областной организации Общества "Знание", Самарканд, 1988. Из опыта организации лекционной пропаганды и методической работы доцента кафедры литературы народов СССР и теории литературы Самаркандского государственного университета имени Алишера Навои, председателя научно-методической секции пропаганды художественной культуры Самаркандской областной организации Общества "Знание" Аслиддина Камарова.

3. Токарев Л. (мухбири УзТАГ) "Забони модариамонро беҳтар донистан мехоҳем" ("Ҳақиқати Ӯзбекистон", 4 маи соли 1989: мусоҳибаи мухбир бо раиси шӯрои Иттиҳодияи фарҳангии тоҷикони "Самарқанд" А. Қамаров оиди фаъолияти иттиҳодия, ки дар заминаи маҳфили адабии "Сайқал" ба вуҷуд омадааст).

4. Касимов А., Баласанова Т. Не только говорить о дружбе. "Ленинский путь", 27 января 1990 года. Статья размещена под рубрикой "Человек и его дело" в связи с 50-летием А. Камарова

5. ТоҷикТА. Анҷумани даҳуми нависандагони Тоҷикистон. "Паёми Душанбе", 29 марти соли 1991. Дар хабарнома аз рӯи маърӯзаи ҳисоботии раёсати иттифоқи нависандагон ба музокира баромадани А. Қамаров низ зикр шудааст. Мақомоти роҳбарикунандаи анҷумани даҳуми нависандагони Тоҷикистон. "Адабиёт ва санъат", 4 апрели соли 1991. А. Қамарзода – муовини раиси шӯрои адабиёти тоҷики Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон - дар ҳайати раёсати анҷуман.

6. Пирӯзбахт. Гувоҳномаи ҷамъияти "Самарқанд". "Овози Самарқанд" 3 октябри соли 1991. Оиди дар бинои раёсати адлияи комиҷроияи вилояти Самарқанд ба тарзи тантанавӣ ба раиси шӯрои Иттиҳодияи фарҳангии тоҷикони "Самарқанд" А. Қамарзода супорида шудани Гувоҳномаи қайди Оинномаи иттиҳодия

7. Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И.Каримов аз 28 августи соли 1992 “Дар бораи ба муносибати солгарди якуми истиқлоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо унвони фахрии "Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон" мукофотонидани Қамарзода Аслиддин – дотсенти Донишгоҳи Давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ. "Овози Самарқанд", 1 сентябри соли 1992.

8. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷилди 3. Душанбе, "Сарредакцияи илмии энциклопедияи миллии тоҷик", 2004, саҳ. 519.

9. Эроншиносони Ӯзбекистон – Ӯзбекистон эроншунослари. Ройзони фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон, Интишороти байналмилалии Алҳуди, Теҳрон 1384 (2005), саҳ. 22-24. Маълумоти энсиклопедӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти А.Қамарзода.

10. Иван Переверзин, Валерий Ганичев, Станислав Куняев, Шавкат Ниязи, Владимир Бояринов, Юрий Коновляников, Владимир Резниченко. А. Камарову. Общеписательская литературная газета Международное сообщество писательских союзов. № 8 (9) 2010 год. Поздравительное письмо в честь 70-летие А. Камарова.

11. Аслиддин Қамарзода – 70 сола. Биобиблиографияи мухтасар. Феҳристи мухтасари асарҳои профессори кафедраи адабиёти тоҷик, Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Аслиддин Қамарзода ва адабиёт доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ (рӯзгор, осор, эъзоз). Мураттибон: Ҳоҷарой Қамарова, Умеда Қамарова, Гулчеҳра Саймиддинова, Самарқанд 2011.

*12.* Сухандону сухансанҷу сухангӯ буд. Central Asia Vatan, November 2012 №23, New-York, Uniteb Sates of Anerica Free, See p. 15.

13. Адибони Тоҷикистон *(маълумоти мухтасари шарҳиҳолӣ).* Таҳия ва танзими Асрори Сомонӣ ва Маҷид Салим. Муассисаи нашриявии “Адиб”, соли 2014.

14. Абдусалом Самадов. Шаҳсутуни фарҳанги Самарқанд. Дар китоби "Истиқлол ва маърифати адабиёт", Нашриёти "Турон замин зиё", Тошканд, 2015, саҳифаҳои 248-257.

15. Рена Арабова, Литературная перекличка Нью-Йорк - Тель-Авив Самарканд "The Bukharian Times", Газета общини бухарских евреев Америки. Нью Йорк, 22 августа 2015 г.

16. Рена Елизарова, Встреча с талантом, "MENORA", Издание Всемирного Конгресса бухарских евреев. Тель-Авив, 13 августа 2015 г..

17. Умеда Қамарова, “Самарқанд маъвои мост!..”, "Овози Самарқанд", 9 январи соли 2016.

18. Иосиф Калонтаров. Заседание Общественного научного центра (ОНЦ) бухарскаих евреев “Рошнои”.. “Русская реклама” № 43, 27 октябрь, 2017

19. Тошпӯлат Юсупов. “Самарқанднинг асил фарзанди”. "Шукрона" номи билан "Гулобод тонги" газетасининг кутубхонаси туркумида нашр этилган шеърлар, қиссалар, ҳикоялар китобида. “Yangi nashr”, Тошкент, 2016,41-44 бетлар. Китобнинг “Замондошларимиз” рукнида берилган ушбу очеркда Аслиддин Қамарзоданинг ҳаёт йӯли ва илмий, ижодий, педагогик,ноширлик ва жамоатчилик фаолияти тӯғрисида маълумот берилган.

20. Абдуҷаббор Раҳмонзода. Насими дӯстӣ. (Очерки илмиву оммавӣ дар бораи равобити адабиву фарҳангии халқҳои тоҷику ӯзбек). Тошканд, 2022.

21. Одили Нозир. “Тезисҳо дар шодрӯзи профессор Аслиддин Қамарзода. Аслиддинномa”. Дар китоби А. Қамарзода "Самарқандномa. Дӯстномa. Америкканома. Эҳдо". Нашриёти "Муҳаррир", Тошкент, 2022.

22. Аслиддин Қамарзода. Донишнома-тазкираи суханварони тоҷики Ӯзбекистони асри XX ва ибтидои асри XXI, Нашриёти АМИТ “Дониш”, Душанбе, 2023.

23. Аслиддин Қамарзода, Биобиблиография. Нашриёти “Муҳаррир”, Тошканд, 2024.

24. Донишномаи адабиёти форсӣ. Адабиёти форсӣ дар Осиёи Миёна. Бо сарпарастии Ҳасани Анӯша, Ҷилди аввал, виростаи дувум. Теҳрон, 1380, (Бо ҳуруфоти форсӣ). саҳ. 726.

25. دانشنامۀ زبان و ادبیات فارسی ازبکستان (قرن بیستم تا کنون)، گره نوسندگان با سرپرستی دکت عباسعلی وفای، نشریات "الهدی" تاشکند – تهران، ۱۳۸٦ (۲۰۰۵). بزبان فارسی.

# ДАР АКСҲО ЯК ҶАҲОН МАЪНО



***Аслиддин Қамарзода (дар қатори сеюм соат дар даст) ва гурӯҳе аз хатмкунандагони мактаби миёнаи рақами 21-и ноҳияи Самарқанд бо муаллими фанни физика Абдулҳақ Набиев (моҳи майи соли 1957)***



***Бо адибони тоҷик Лоиқ, Гулчеҳра Сулаймонӣ ва Ибод Файзуллоев дар меҳмонии мактаби №38 ноҳияи Самарқанд (моҳи майи соли 1988)***



***Аҳли кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд (моҳи майи соли 1977)***




***Аҳли кафедраи забон ва адабиёти тоҷик бо профессори Донишкдаи давлатии Ленинград (Санкт- Петербург), донишманди шарқшинос А.З. Розенфелд, (Самарқанд, апрели соли 1978)***



*Аҳли кафедраи забон ва адабиёти тоҷик бо шарқшиноси чех Иржи Бечка (Самарқанд, сентябри соли 1981)*



*Раиси шӯрои Иттиҳодияи фарҳангии тоҷикони “Самарқанд” Аслиддин Қамарзода маҷлиси иттиҳодияро ифтитоҳ менамояд (11 марти соли 1989 дар маҷлисгоҳи Комитети ҳизбии ноҳияи Боғишамоли шаҳри Самарқанд)*



***Тақдими Ифтихорнома аз ҷониби Сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон академик Абдуҷаббор Раҳмонзода барои саҳми шоиста дар таҳкими ҳамкориҳои фарҳангии байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон (Тошканд, сентябри соли 2023)***



***Бо Президенти АМИТ, академик Фарҳод Раҳимӣ ва Котиби илмии АМИТ профессор Қосимшо Искандаров (Душанбе, июли соли 2023)***



***Дар ҳалқаи адибон – иштирокчиёни Ҳамоиши байналхалқии адибони ҳавзаи Наврӯз Ориф Навшоҳӣ (Покистон), Файз Маҳмуд (Ӯзбекистон), Мӯъмин Қаноат, адиб аз Ирон ва Низом Қосим (Душанбе, марти соли 2016)***



***Бо адибон ва олимон дар хонадони Шоири халқии Тоҷикистон Фарзонаи Хӯҷандӣ дар рӯзҳои Иди Наврӯз (Хӯҷанд, марти соли 2016)***



***Бо аҳли маърифат ва муаллифони китоби “Самарқандномаи хориҷа” Ионесовҳо дар Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд (Самарқанд, октябри соли 2023)***



***Дар раёсати Анҷумани байналхалқӣ дар Донишгоҳи давлати Тирмиз (Тирмиз, апрели соли 1919)***



***Иштирокчиёни Анҷумани байналхалқӣ бахшида ба дӯстӣ ва равобити адабӣ (Термиз, апрели 2019)***



***Бо як гурӯҳ адибон ва маърифатпарварони Хӯҷанд, иштирокчиёни Анҷумани дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек ( Хӯҷанд, июни соли 2019)***



***Мулоқот бо ҳамсари шоир Назира Ас-Салом дар чорабинии адабӣ бахшида ба 70-солагии Шоири халқии Ўзбекистон Муҳаммад Юсуф, ки бо саъю эҳтимоми ректори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд, донишшманди сиёсатмадор, профессор Юсуф Абдуллоев дар Самарқанд гузаронида шуд (Самарқанд, июни соли 2024)***



***Бо аҳли адабу маърифати Самарқанд дар назди пайкараи устод, воқеъ дар саҳни мактаби миёнаи №22 ба номии Садриддин Айнии шаҳри Самарқанд (Самарқанд, апрели соли 2018)***



***Тақдими нишони сарисинагии “Садриддин Айнӣ” дар бахши самарқандии Академияи фанҳои Турон (Самарқанд, 28 марти соли 2024)***



***1. Бо нияти нек дар курсии Устод Айнӣ (Осорхонаи Садриддин Айнӣ дар Душанбе, октябри соли 2023)***
***2. Бо собиқадори авиатсия Шаҳриёр Рӯзимуродов ва ректори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд, профессор Юсуф Абдуллоев (Самарқанд, июли соли 2023)***




***Бо аҳли адабу маърифат дар ҷашни 70-солагии шоири шодравон Абдуллоҳи Раҳмон (Мактаби 38-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё, 30 майи соли 2024)***



***Дар мулоқот бо адибони яҳудии бухороӣ дар ИМА (Ню Йорк, июли соли 2015)***



***Дар рӯзи ҷашни 60 солагии Шоири Халқии Тоҷикистон Фарзонаи Хуҷандӣ дар хонааш бо донишманди адабиётшинос Субҳони Аъзамзод ва адиби публисист Одили Нозир (Хуҷанд, декабри соли 2024)***



***Бо иштирокчиёни анҷумани тарҷумонҳо дар Иттифоқи Нависандагони Ӯзбекистон (Тошканд, апрели соли 2018)***

## *КИТОБҲОИ НАШРШУДАИ АСЛИДДИН ҚАМАРЗОДА*




*Тошкент – 1987*




*Тошкент- 1987*




*Тошканд – 1990*




*Тошканд -2011*




*Душанбе –Тошканд, 1989*




*Тошканд - 2007*




*Тошканд- 2011*




*Тошканд- 2017*







*Тошканд - 2004* *Тошканд -2005*







*Самарқанд – 2003* *Самарқанд - 2006*







*Тошканд – 2018* *Тошканд - 2024*







*Тошкент - 2016* *Тошканд - 2019*







*Тошкент - 2018* *Тошканд -2021*







*Тошкент – 2022* *Тошкент – 2022*




*Тошкент – 2013*




*Тошкент – 2016*




*Тошкент – 2021*




*Душанбе – 2023*







***Тошкент – 2004*** ***Тошканд - 2017***







***Тошкент – 2015*** ***Тошкент -2018***




*Тошканд – 2024*




*Тошканд – 2024*




*Тошканд - 2012*




*Тошканд - 2013*




*Тошканд -2013*




*Тошкент -2013*




*Техрон – 2006*




*Техрон - 2009*




Самарқанд – 2011




Самарқанд – 2001




Самарқанд – 2003




Тошкент – 2004




*Тошканд – 2004*




*Тирмиз – 2024*




**Тошканд -2005**




**Тошканд - 2005**




*Тошкент - 2015*




*Тошкент – 2017*




*Тошкент – 2011*




*Тошканд -2022*




*Ташканд - 2009*




*Тошканд – 2022*




*Тошкент – 2024*




*Тошкент – 2009*







**Тошкент – 2016** **Тошканд – 2018**







***Тошканд – 2018 Тошканд - 2018***







*Тошкент-2009* *Тошкент- 2024*

# МУНДАРИҶА

АЗ МАКТАБИ ДЕҲА ТО КУРСИИ ДОНИШГОҲ............................3
ПАЖӮҲИШГАРИ РАВОБИТИ АДАБӢ ............................................9
САМАРҚАНД ВА САМАРҚАНДИЁН АЗ НАЗАРИ УСТОД ........20
МАЪРИФАТПАРВАРИ ЗАМОН...................................................37
БАРГУ СОЗИ МО КИТОБУ ҲИКМАТ АСТ....................................52
АДИБИ ҲАҚИҚАТНИГОР ...............................................................58
ЧУН ЯК СУХАНДОНИ САМАРҚАНД ….......................................66
МУХАММАС ДАР НАЗМИ УСТОД ..................................................81
СӮГВОРӢ ВА МАРСИЯ.....................................................................88
БОЗ ЯК СУХАНДОН РАФТ...............................................................89
ТАРҶУМОНИ БОМАҲОРАТ..............................................................91
РӮЗНОМАНИГОРИ ҲОЗИРҶАВОБ..................................................104
НАМОЯНДАИ ФАЪОЛИ ҶАМЪИЯТӢ .........................................123
НЕКӢ БИМОНАД ҶОВИДОН ..........................................................127
ЭҲТИРОМ ВА ЭЪЗОЗ .......................................................................130
САТРҲО АЗ НОМАҲО .......................................................................130
ДАР ТАВСИФИ ФАЪОЛИЯТИ СЕРСОҲАИ АСЛИДДИН
ҚАМАРЗОДА ......................................................................................134
ТАВСИФИ АСЛИДДИН ҚАМАРЗОДА
ДАР ШЕЪРИ ШОИРОН.......................................................................136
СУХАНОНИ ПУРМЕҲР ДАР СОЯДАСТҲО ...................................142
БА ҶОЙИ ХОТИМА............................................................................149
ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ.......................................................................153
ДАР АКСҲО ЯК ҶАҲОН МАЪНО ...................................................157

ҲИКМАТОВ ҲИКМАТ

# ДАР ЧОРСӮИ ИЛМ ВА ЭҶОД

***Рисолаи илмӣ-оммавӣ ба муносибати 85-солагии донишманд, адиб ва тарҷумон, устод Аслиддин Қамарзода – Асилзодаи Самарқандӣ***

*(Тожик тилида)*

Муҳаррир: *Фаридуни Фарҳодзод*
Рассомон: *Наврӯзжон Қамаров, Акмал Аҳмаджонов*
Дизайнер: *Беҳзод Ҳайдаров*
Мусаҳҳеҳ: *Шукур Султонов*

Рақами литсензияи нашриёт №3996
Ба чопаш 11.01.2025 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсетӣ. Бо усули офсетӣ нашр шудааст. Гарнитураи "Times".
Ҷузъи чопии шартӣ 10.5 Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9.1. Адади нашр 200 нусха.
Шартномаи № 197

Оригинал макет “FIRDAVS-SHOH NASHRIYOTI” да тайёрланди.
Тошкент вилояти, Зангиота тумани Буниродарлик-114-уй.

***Ўзбекистон Республикаси Президенти Администрацияси ҳузуридаги Ахборот ва оммавий коммуникациялар агентлиги томонидан 3996-сонли тасдиқнома берилган.***

Мулоҳизаҳои худро дар бораи китоб метавонед ба суроғаи зерин фиристед:
шаҳри Чирчиқ, Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ
Тел. моб. (99893) 610 01 73